ПУЛИ СИРОТ

Махсумзод Равшан, Пули Сирот: Ҳикояҳо, повестҳо, андешаҳо.
Душанбе, 2010, 258 саҳ.

Атолафронт

- Бачем, косаро тоза кун, - гуфт Абдулло Хол, мўйсафеди қоқинаи ҳафтодсола, риши зардаш ба тартиб қайчизадашуда ва дар чашмони хокистарии андаке ба косахонаашон фурўрафтааш айнак. Шишаҳои айнакаш ғафс буданд. Андозаи он, аз афташ, калон ва ё ягон мурвати гўшакаш суст шуда буд, ки мўйсафед аз ду гўшаки он резин баста, гирди сараш гузаронида буд. - Савоб мегирӣ, беҳуда нагуфтаанд: Аз он рўзе, ки биҳиштро ато кард, савоби косалесонро ҳудо кард.

- Ҳамаша хўрдам-ку, бобоҳон, - гуфт набераи ў, писарбачаи ҳафт-ҳаштсолаи резаандом, ба коса ишора карда.

Мўйсафед каме аз ҳойи худ ғеҳида косаро ба даст гирифту бо ангушти ишоратии андаке каҳ ва дарозаш бафурҳа атолаи даври онро ғун дошта, лесидан гирифт. Писарбача аз бобояш чашм намеканд.

- Ҳама шираи хўрок дар куни коса мемонад, - гуфт мўйсафед насиҳатомез. – Барои ҳамин, ҳеҳ гоҳ хўрокро дар куни коса намон. Ҳам коса тоза мешаваду савоб мегирӣ, ҳам шираи хўрокро мехўрӣ. Чӣ гуфтӣ?

- Фаҳмидам, - гуфт писарбача.

- Боракаллоҳ, ҳони бобо, ку як санҳида бин, - косаро ба набераш дароз кард мўйсафед.

Писарбача ба бобо тақлидкунон бо ангуштони хурдакакаш ба завқ атолаи косаро тоза карда, мелесид ва аз чӣ бошад, завқ карда механдид. Ногаҳон коса аз дасташ афтиду ба пиёлаи рўи дастархон бархўрда, онро шикаст.

- Эҳ лалук, - модараш, ки ин лаҳза дар даст чойники чой ба хона ворид шуда буд, онро кунҳи дастархон гузошта, ба рўи писар шаппотие зад.

- Ман хостам куни косаро тоза кунам, - гуфт писарбача, чашму лабонаш ба гиря моил шуда.

- Мурдӣ аз гуруснагӣ! Дег пури хўрок, сер нашуда бошӣ, гап зан, меорам. Ҳеҳ гоҳ намондӣ, ки як пиёла чоя бе ғам хўрам.

- Бобоям гуфтанд, ки агар тоза кунӣ, савоб мегирӣ, - гуфт писарбача бо дасти атолаолуда чашмонашро пок карда.

- Ун дасти чиркина ба чашмат назан, - ба банди дасти писарбача зад модар. - Бобои ту як умр савоб, ҳисобу китоб гуфта, айши ҳамаро талх карданд. Барои ҳамин ҳам, падарат мумсик, шабушка кушта, хунаша мелесад. Тарбияи падара гирифтагӣ. Сарфакорӣ ҳам, бо эбаш будагист, - нигоҳашро ба мўйсафед кўчонд келин.

Нигоҳҳо ба ҳам бархўрданд. Мўйсафед номаълум сар ҳунбонида, аз дил гузаронд: «Айбу шарма намедонӣ магар… Аввал як бор гиребони худатро бў каш, ана баъд бинии мисли бинии бибият пучуқро ба гули дигарон дароз кун». Алалхусус ҳониби шавҳар санги таҳқир партофтани келин ба пирамард хуш наомад. «Охир вай шавҳараш, соябони сар, падари фарзандонаш!». Баъд хаёлан

писарашро маломат кард, ки лаҳоми ин бетамизро ба ихтиёри худаш мондааст. Магар марди хона ҳам, ҳамин хел суст мешавад!

- Аз субҳи содиқ шуморо кадом ғунда газид, келин, - гуфт мўйсафед, бо оҳанги ранҳиш.

- Э безор шудам аз насиҳатхониҳоии шумо. Рўзам медиҳед ё не?! Як афту башараи ин бачаро бинед. Одоб ёд медиҳам гуфта, дасту рўю остинҳои куртааша аз атола олондед. Шукри Худо замона серию пурӣ, бозарҳо пури нон. Чӣ ин қадар шумою бачатона фисраю ларза гирифтааст? Баъд… дигар бас кунед ҳамин атолахўриатона! Аз рўзе ки шумо омадед, бачаҳом ягон хўроки дуруст нахўрданд. Рўз дар миён «Келинҳон, атола паз». Ба ғайр аз шумо дар ин хона дигарҳо ҳам ҳастанд, дилашон дигар хел хўрок мекашад. Бачатон бойи дакаданг нест, ки ман ҳар рўз ду дег монам.

Мўйсафед ба ин монологи келин, ки ҳангоми асабиёна аз тан кашидани куртаи писарбачааш ба забон овард, ноилоҳ гўш дода, намедонист чӣ бигўяд. Аниқтараш чӣ гуфтанашро медонист, чанд рўз боз аз қошу қавоқи мисли ҳавои сарди зимистон гирифтаи келин дарунаш пури гап шуда буд, аммо аз ин кўтоҳандешии келинаш лол монда буд. Ў ҳеҳ фаҳмида наметавонист, ки чаро келини як замон духтари оддии деҳотиаш, дар тўли даҳ-понздаҳ соли шаҳрнишин шудан мисли бўқаламун тағйир ёфтааст.

- Оташин нашавед, келин, ошатонро гарм нахўред, - гуфт мўйсафед, базўр ғалаёни дилашро фурў нишонда, - баъди ду-се рўз меравам. Баъд чӣ хўроке ки дилатон мехоҳад, тайёр карда, бо бачаҳоятон мехўред. Дигар сояи маро дар ин хона намебинед. Ҳазор гўсфанд кушта, тахти шоҳӣ гузоред ҳам, дигар қадамамро ба ин остона намегузорам. Агар писарам падар дорам гуфта, хабар гирад, ихтиёр дорад, дар акси ҳол ўро низ ба шумо бахшидам. Фақат келинҳон, иҳозат диҳед, пеш аз рафтан ба набераҳоям як воқиаро нақл кунам. Ҳарчанд аз насиҳатхониҳои ман ба ин тифли бегуноҳ безор шуда бошед ҳам, илтимос рад накунед. Ман, худатон дида истодаед, як одами пир, ба қавле офтоби сари кўҳ, кӣ медонад, дигарбора фурсат даст медиҳад ё не? Шумо розӣ?

Келин дар ҳавоб чизе нагуфта, дастархонро ғундошту ҳониби ошхона рафт.

- Пештар биё, бачем, - гуфт мўйсафед, ба писарбачаи аз ин тую мангўиҳои бобою модараш ҳайратзада. – Аҳамият надех, модарат даҳони бекор ҳар гап гуфтан мегирад. Мехоҳӣ, аз овони кўдакиям як саргузашти худро ба ту нақл кунам?

Писарбача бо аломати тасдиқ сар ҳунбонд ва омада сари зонуи бобояш нишаст. Мўйсафед бо навозиш мўи сари ўро бо панҳаҳояш шона зада, оғоз кард:

- Вақте ман дар ҳамин синну соли ту будам, зиндагӣ бисёр сахт буд, қаҳтию қиматӣ буд. Медонӣ барои чӣ?

Писарбача бо аломати инкор сар ҳунбонд.

- О ту мактабхон-ку, муаллимонатон дар мактаб чӣ дарс медиҳанд?

- Бобоҳон, ман ҳоло хурд, нав синфи якро тамом кардам, - гуфт писарбача. – Аз акаам пурсед, вай ҳама чиза медонад. Карат-карата пурра аз ёд медонад.

- А, рост мегўӣ, ҳони бобо, ман пир, баъзан фаромўш мекунам, - гуфт мўйсафед аз паси сари наберааш бўсида.

- Дина дар набудани шумо очам ҳам, ба дадем гуфт, ки ин мӯйсафеди пир аҚлашро хӯрдаст.

- Баъд дадет чӣ гуфт?

- Даҳонатро пӯш, ҚанчиҚ, гуфта пиёларо паронданд, - гуфт писарбача, чӣ хел пиёларо парондани падарашро бо дастонаш нишон дода.

- Шояд очаат дуруст мегӯяд, ман аҚламро хӯрдаам, ки ба хонаи шумо омадам, - гуфт мӯйсафед хастаҳолона. Оҳанги гапаш он ҚадаР ҳазину аламнок буд, ки ҳатто кӯдак ба риҚҚат омад.

- Не, бобоҳон, шумо одами зӯр, бисёр афсона медонед, ба ман маъҚул.

- Ҳазорон бор шукр, - изҳори хурсандӣ кард мӯйсафед. – Лекин чизе ки ҳозир ман ба ту наҚл мекунам, афсона нест, ҳаҚиҚатест, ки бо чашмони худам дидам, дар ҳисму ҳони кӯдакиам эҳсос кардам. Он замон ҳанги калон буд бо немисҳо. Ҳама мардон ба ҳанг рафта буданд, танҳо пирону занону кӯдакон ва маъюбу маслуҚон монда буданд дар аҚибгоҳ. Шабу рӯз кор мекардем. Мо дар синну соли ту ҳояш ояд гандум дарав мекардем, об мекашидем, банд мебастем. Азбаски хурд будам, зуд монда мешудам, бинобар ин раҳми занҳо омада, кӯдакони ширмакашонро наздам мегузоштанд, то нигоҳубин кунам ё барои об мефиристоданд, бандина ҳамъ мекунонданд. Бадии кор дар он буд, ки мо ҳеҳ гоҳ нони серӣ намехӯрдем.

- Чаро? – пурсид писарбача.

- Набуд, ҳама чиз барои фронт фиристода мешуд, дар аҚибгоҳ ҚаҳтиюҚиматӣ буд. Одамон аз гуруснагӣ варам карда, ҳон медоданд. Роҳбарон, шояд барои аз даст надодани дастони корӣ ва аз мурдан наҳот додани мардум, дар ҳойи ҳавлии ҳозираи Охун Раҳмат ду-се дег монда, ҳар рӯз атола мепазонданд. Аҳли деҳа косаю табаҚ дар даст ба ин ҳо меомаданд, барои худу фарзандонашон атола мегирифтанд. Мардум он ҳавлиро атолафронт мегуфтанд. АниҚ намедонам, ин номро роҳбарон фикр карда буданд ва ё мардум пеши худ чунин унвон доданд. Шояд барои он чунин ном ниҳоданд, ки он солҳо дар забони хурду калон калимаи фронт буд: одамон ҳамин калима дар хаёлашон хоб мерафтанду бо ҳамин калима дар забон субҳ бедор мешуданд.

Падару модарам барвақт аз дунё гузаштанд. Он вақт ман се-чорсола, бародарам ёздаҳсола ва апаам ҳафт-ҳаштсола буд. Моро момоям тарбия мекарданд. Ин зани биҳиштӣ ба ҚавлеОбу оташ, девкор буданд. Гапу корашона аз ҳеҳ мард намемонданд. Моро мисли гурбамодар ба дандон газида, калон карданд, дар он солҳои гушнагию нотинҳӣ ба коми марг надоданд. Ҳар рӯз аз атолафронт ҳиссаи моро дар як табаҚи чӯбин меоварданд ва онро болои дастархон гузошта, хӯред мегуфтанд. Мо, ки доим гушна будем, он табаҚи атола бароямон беҳтарин хӯроки дунё буд ва дарҳол онро гирд мекардем. Барои он ки зуд тамом нашавад, бо ангушт лесида-лесида мехӯрдем ва каме бошад ҳам, шикамамон сер мешуд, ба танамон рамаҚ медамид. Аммо момоям ягон бор ҳамроҳи мо атола намехӯрданд. Доимо дастархон партофта, табаҚро болои он мегузоштанду худашон ягон дарзро сари даст гирифта, сӯзан мезаданд ва аз дур атолахӯрии моро назора мекарданд. Ман то ҳол ҳайронам, ки ун кас кай як бурда нон мехӯрданд. Ҳарчанд мекӯшам чунин манзараро пеши рӯ оварда наметавонам. Мисли гунҳишк оварда ба нули мо медоштанду халос.

Рӯзе момоямро тобашон гурехт ва натавонистанд барои атола раванд. Акаам дар хона набуд, бинобар ин аз ман хоҳиш карданд, ки ҳамон табақи чӯбинро гирифта, барои атола равам. Вақте ба атолафронт расидам, одам кам буд. Ду-се зан бо навбат ба косаю табақи одамон атола мекашиданд. Як нафар мард дар сари дег рӯйхат дар дасташ ба онҳо амр медод, ки ба кадом оила чанд кафлес атола бояд бидиҳанд. Одамон ду-ду, се-се дар ҳамон наздикиҳо рӯи замин давра гирифта, ҳиссаашонро мехӯрданд.

Ман ҳам насибаамро гирифта, болои онро бо рӯймолчаи гардӣ пӯшонидаму бо эҳтиёт қадам зада, ҳониби хонаамон равон шудам. Танҳо аз хаёли он ки баъди чанд дақиқа атола мехӯрем, даҳонам раҳорах об мекушод. Аммо қадаммониамро наметезонидам, ки мабода пешпо хӯраму табақи атола аз дастам афтад. Бо ҳамин гуна ҳиссиёти ширин аз назди масҷид гузашта, ба тарафи рост гаштам ва ҳониби мазор, ки каме дуртар аз ҳавлии мо воқеъ буд, роҳ гирифтам. Вақте ба мазори кӯҳна наздик шудам, ногоҳ аз паси он амаки Баҳриддин пайдо шуд. Вай як марди бадқавоқи сиёҳҳурдаи биникалон, дар рӯяш доғи кунҳитмонанд дошт. Вақте гап мезад, гоҳ-гоҳ забонаш мегирифт. Аниқ намедонам, шояд барои ҳамин ӯро ба ҳанг набурда буданд. Вай ба ҳамон аҳвол дар мактаб муаллимӣ мекард. Хулоса, Баҳриддин-амакро дида, салом додаму аз наздаш мегузаштам, ки вай бо ишораи даст маро боздошт.

- Куҳо меравӣ? – пурсид Баҳриддин-амак.

- Хона, - ҳавоб додам ман.

- Дар та-а-бақат чӣ дорӣ?

- Атола.

- М-моят ку?

- Бемор, дар хона хобанд.

Амаки Баҳриддин, ба ростӣ баъзан ба амак гуфтани он касиф забонам намегардад, ба ман наздик шуду як ба атроф назар андохт, баъд мисли лошахӯр ногаҳон табақро аз дастам чанг зада гирифт ва дикак нишаста, бо як ҳурт кашидан онро ним кард.

- Диҳед… момоҳон… диҳед мегӯям! - бо тамоми овоз дод зада, худро сӯи ӯ андохтам ман. Аммо вай бо як даст маро тела дода, атолаи боқмондаро низ дам кашид. Баъд дар ҳамон ҳолат табақро ба дастам дода, таҳдидомез гуфт:

- А-агар ба момоят гӯӣ, мекушам! Фаҳ-фаҳмидӣ?! Гӯй, ки аз дастам афтид.

Он рӯз ман гирёну нолон бо табақи холӣ ба хона омадам. Момоям ҳоли зори маро дида, сахт тарсиданд ва ҳар замон «Чӣ шуд, кӣ зад?» гӯён аз ошхона об оварда нӯшонданд. Аммо вақте аз асли воқиа хабар ёфтанд, тассалиям доданд, ки ҳеҳ гап не, гиря накунам. Баъд Баҳриддинро «илоҳо кафан набарӣ, дар як хона мурию сад хона бӯ гирад» гӯён дуои бад карда, хонаро кофтанд, аммо чизи хӯрдание пайдо нашуд. Он шаб мо, се нафар ятимони гурусна, ҳамон табақи чӯбинро лесида-лесида, дар чашмонамон ашку диламон пур аз ғусса ва шикамамон гурусна ба ҳогаҳ даромадем, аммо то субҳ хобамон наёмад.

- Бобоҳон, баъд момоятон ба он мард чӣ гуфтанд? – пурсид писарбача, яқин аз гурусна хобидани онҳо ба риққат омада.

- Чӣ ҳам мегуфтанд, аз афташ, ҳаволаашро ба Худо карданд. Баъди чанд рӯзи он воқиа Баҳриддин аз гуруснагӣ мурд.

- Му-урд? – пурсид писарбача, чашмонаш дурахшида.

- Ҳа, мурд, - гуфт мӯйсафед ва баъд чанд лаҳза хомӯш нишаста, сар бардошту оромона пурсид. – Медонӣ, он мард кӣ буд?

Ва ҳавоби набераашро мунтазир нашуда, худ посух дод:

- Бобои модарат!

Зан ва ҳанг

Беморхонаи ҳарбӣ иборат аз даҳ-понздаҳ хонаҳои чӯбини махсус барои табобат таҳҳизонидашуда дар биёбони нопайдоканори мавзеи Шиндон ягона ҳойи обод буд. Хонаҳо сӣ-чил метр дур аз якдигар ҳойгир шуда буданд ва дар маҳмӯъ як шаҳрчаи тиббиро мемонданд. Дар канори ин «шаҳрча» ду анбори бузурги тунукагин дар шакли нимлӯла сохта буданд, ки дар он маҳсулотҳои гуногун нигоҳ дошта мешуд. Каме дуртар аз анборҳо дар ҳамон шакл ошхонаи калони ҳарбӣ воқеъ буд, ки барои беморону табибон ғизо тайёр мекард ва аз он ҳо барои ҳар шӯъба фиристода мешуд. Дар дохили бинои ҳар шӯъба ошхонаи хурд фаъолият мекард, ки аскарони бемор дар он ҳо ғизо меҳӯрданд.

Аскароне ки дар бемористон табобат мегирифтанд, тадриҳан ин мавзеъро ба як ҳойи ободу зебо табдил дода буданд. Роҳравҳо симонпӯш ва қад-қади ҳар гуна гулу дарахтҳо шинонида, ҳо-ҳо дар тахтаоҳанҳои андаруни ғӯшасинҳ насб кардашуда ҳар гуна шиор ва пораматнҳо аз низомномаи ҳарбиро навишта буданд. Беморхонаи мазкур барои аскарони полки танкчиёну як баталони разведка ва тӯпхонаи аскарони Шӯравӣ дар Афғонистон кӯмаки тиббӣ мерасонд.

Арафаи соли нави масеҳӣ буд. Дар бемористон ҳамагон ба пешвози иди Соли нав тайёрӣ медиданд. Дар дохили бинои ҳар шӯъба аллакай арчаи солинавӣ гузошта, бо бозичаҳои гуногунранг онро оро дода буданд. Таббохон ба ғайр аз хӯроки маъмулии аскарон ҳар гуна салату ширириҳо тайёр мекарданд. Афсарон имрӯз ҳама расмияти хизмати аскариро сарфи назар карда, нисбат ба аскарони бемор меҳрубонтар шуда буданд. Хулоса, дур аз хоки ватан аскарону афсарон ба яке аз дӯстдоштатарин идҳои мардуми шӯравӣ омодагӣ медиданд.

Дар шӯъбаи ҳарроҳии беморхона, ки дар шароити ҳанг ҳамеша серташвишанд, рӯҳияи идона ҳукмфармо буд.

Палатаи хурдакак ду кат дошт. Яке аз онро афсаре бо рутбаи капитан банд карда буд. Вай як моҳ пеш дар амалиёти ҳангӣ ба мина бархӯрда, аз ҳарду пояш ҳудо гашта буд ва ҳоло аз ҳой хеста наметавонист. Ҳавон буд капитан: тануманд, бозувонаш қавӣ, чашмонаш дурахшон, мӯйи маллааш ғулӣ ва бо вуҳуди ин қадар дарду ҳарроҳиҳо рухсораҳояш суп-сурх буданд. Мегӯянд, ки баъд аз таркиш як пояшро наёфтаанд, пойи дигараш низ аз зону ҳудо шуда будаасту танҳо пӯсташ медоштааст. Дар даруни мошини зиреҳпӯш капитан ба худ омада, аз ғазаб пойи дигарашро низ ба дасти худаш канда мепартояд. Баъд аз ҳарроҳӣ низ чандин бор аз ғояти аламу ғазаб ба ҳони худ қасд кард, аммо ҳар даъфа табибон сари вақт ӯро боздоштаанд. Рӯзҳои аввал аз доду вой ва ҳаҳоратҳои ӯ табибону беморон ба дод

омада, намедонистанд чӣ чора биҳўянд. Ҳарчанд то ҳол ғазабаш меҳўшид, аммо ҳафтаи охир каме ором шуда буд. Шояд ба тақдираш тан дода буд. Бо вуҳуди ин, табибон то ҳол ба палатаи ў касеро намехобонданд. Танҳо дар палата мехобид вай. Аммо имрўз як писарбачаи тахмин даҳ-дувоздаҳсолаи афғонро, ки сахт маҳрўҳ шуда буд, дар ин палата ҳой карданд. Чунки пас аз амалиёти навбатӣ маҳрўҳони зиёдеро оварданду дар дигар палатаҳо умуман ҳой набуд. Писарбача баъд аз ҳарроҳӣ панҳ соат дар долон хобид, сипас сардухтур фармон дод, ки ўро ба палатаи капитан ҳой кунанд.

Капитан ҳамин ҳозир аз хоб бедор шуда, чашмаш ба телевизори ранга, ки дар долон гузошта буданд, афтид. Филми «Гардиши фалак ва ё бардам бошед» - ро намоиш медоданд. Капитан баробари ба қахрамонони шинос чашмаш афтидан даврони бачагию курсантиашро ба ёд овард. Ин филми дўстдоштаи вай буд. Ҳар сол дар баробари иди Соли нав ин филмро низ бесаброна интизор мешуд. Вай чанд лаҳза ба ёди он рўзгори пешин дил хуш кард, аммо чун пойҳои буридааш ёдаш омаданд, аз нав дар гирдоби ғаму ғусса печид ва зери лаб ҳақорати қабеҳ дод.

- Товариш… товариш, – шунида шуд овози ҳазине.

Капитан кўшиш кард, аз ҳой каме баланд шуда, ба соҳиби овоз назар андозад, аммо ин кор ба ў муяссар нашуд, дарди сахти пой монеъ гардид.

- Товариш! – баландтар садо дод овоз.

- Эй, ту кистӣ?! – пурсид капитан.

Аммо соҳиби овоз ҳавоб надод.

Аз таги тиреза канда-канда уллоси саге меомад. Ҳарчанд садои вай он қадар баланд набуд, аммо он ба асаби капитани маҳрўҳ расида, дар дилаш эҳсосоти нохушеро рў мезанонд. «Уллоси саг хосияти хуб надорад, - аз дил гузаронд капитан. – Ин саг дар ин ҳо чӣ гум карда бошад? Боз дар таги тирезаи ман уллос мекашад… Шоя саги афғонҳо барои пайдо кардани қути лоямут омада бошад?»

Садои саг баландтар шуд.

«Э зор монад, ҳамин намерасид!»

Ногаҳон чароғи палата фурўзон шуду ҳамшираи шафқат дар даст сўзандору ворид гашт.

- Аҳволат чӣ хел, Серёжа? – пурсид вай аз капитан.

- Бад не. Ин саг чаро ин қадар менолад?

- Ладаро мегўӣ? Ин саги капитан Карлов. Дирўз мўҳлати хизматаш ба охир расиду Карлов ба ватан баргашт. Саги бечора ду рўз боз ўро мекобад.

- Чаро бо худ набурд сагашро?

- Мехост бубарад, аммо ба тайёра роҳ надоданд. Мегўянд, ки вақте тайёра ба ҳаво хест, саг то дер аз қафояш давиду охир ба чуқурие афтид. Афсарон ўро ба ин ҳо оварданд. Бечора, бе Карлов аҳволи вай чӣ мешуда бошад? Охир чун фарзанд ба ў меҳр баста буд.

Саг баландтар уллос кашид.

- Ўро парронданд лозим, - гуфт капитан.

- Чаро мепарондаанд?

- То ҳонаш аз азоб халос шавад. Аздусар вай мемурад.

- Чӣ хел ту одами бераҳм, - гуфт ҳамшираи шафқат, аз нӯги сӯзан каме доруро ба ҳаво пошида. – Биё, ман дору гузаронам.

Вақте ҳамшираи шафқат кори худро анҳом дод, капитан чанд лаҳза ҳойи сӯзанро бо пахта молида, гуфт:

- Ҳанг маро бераҳм кард. То ба ин ҳо омадан як ҳавони қоқинаи ба қавли комбат нозпарвард будам. Аммо вақте бӯйи борутро шамида, хунро дидам, нинакам сахт шуд. Баъд поямро аз даст додаму дилам аз ҳама чиз монд, нисбат ба ҳама чиз нафратам меояд.

- Аз тақдир ҳойи гурез нест, - бо оҳанги тасаллӣ гуфт ҳамшираи шафқат.

- Тақдир… тақдир… Ҳамааш гапи беҳуда.

- Товариш, - нолиш кард писарбача.

- Ин ҳо кӣ хоб аст? – пурсид капитан.

- Як афғонбача.

- Кӣ? – қариб дод зад капитан.

- Бечора… ҳангоми деҳаашонро бомбаборон кардани аскарони мо ярадор шудааст. Ҳамин рӯз ҳарроҳӣ кардем.

- Товариш… товариш – боз нолид писарбача.

- Гургҳои Тамбов ба ту товариш, - гуфт бо ғазаб капитан.

- Бас кун, Серёжа, айб аст, - гуфт ҳамшираи шафқат.

- Чӣ? Айб аст?

Ҳамшираи шафқат дигар ба капитан аҳамият надода, ба сари болини писарбача омад.

- Чӣ мехоҳӣ? – пурсид ҳамшираи шафқат ва яқин барои фаҳмидани ҳарорати бадани бемор кафи дасташро ба пешонии вай гузошт. – Дард мекунад?

- Товариш! Товариш! – маҳкам аз банди дасти ҳамшираи шафқат дошт писарбача. – Мемирам.

- Азизам, чӣ хел ман ба ту товаришам! Ман, эҳтимол ҳамсоли модарат бошам, - гуфт бо овози ларзон ҳамшираи шафқат. – Дар Белгород мисли ту Володя ном писарбачае дорам.

- Дафъ кунед ӯро аз назарам! – дод зад капитан.

- Ором шав, Серёжа, - гуфт ҳамшираи шафқат, ба назди капитан баргашта. – Айба намедонӣ, охир вай кӯдак аст.

- Морбача аст вай… Душман аст вай! Агар дар дохили қишлоқ дучор ояд, ҳо ба ҳо пӯст меканад ману туро. Ёфтӣ кӯдаката!

- Аз барои худо дод назан. Ту як ба чеҳраи ӯ назар андоз, мижгонҳояш сип-сиёҳ, мисли химчаи тар, нигоҳаш он қадар зебо, ки ба дидан сер намешавӣ.

- Ба худо шумо, занҳо, ҳама беақлед. Кадом аҳмақ шуморо ба фронт фиристодааст… Душман магар зебо мешавад? Ин баринҳо ҳазорон бачаҳои моро нобуд карданд, зинда гӯронданд, гӯшу биниашонро буриданд, аз пою даст маҳрум карданд. Дафъ кун ӯро, вагарна… дафъ кун мегӯям!

- Илтимос, дод назан. Магар айби вай аст, ки калонсолон меҳанганд. Ту ҳам шояд фарзанд дошта бошӣ. Оё мехоҳӣ, ки касе ӯро ранҳонад? Баъд… мо силоҳ бардошта ба хонаи онҳо омадем.

- Ту чӣ гуфтан мехоҳӣ? - пурсид бо оҳанги шубҳа капитан.

- Ҳеҳ чиз гуфтан намехоҳам. Лекин ҳамин ҳанг ба кӣ лозим буд? Ин қадар хуне, ки дар ин ҳо мерезад…

- Моро ҳукуматашон даъват кард, то қӯмаки интернатсионалистӣ расонем.

- Хато омадем, бигзор мусулмонҳо худашон собиқа мекарданд.

- Майнаи туро касе заҳролуд кардааст, аммо аниқ намедонам: кӣ?! Ту ихтиёрӣ ба ин ҳо омадӣ? – бо кароҳат пурсид капитан.

- Не, маҳбур фиристоданд.

- Кӣ?

- Кӣ мешуд: комиссариати ҳарбӣ.

Дурӯғ мегӯӣ! Ба ғайр аз аскарҳо дигар касеро маҳбурӣ ба ин ҳо наовардаанд. Пул кор кардан мехостам гӯй.

- Магар пул кор кардан ягон ҳойи бадӣ дорад?

- Шавҳар дорӣ?

- Шаш сол пеш ҳудо шудем.

- Чаро?

- Донистанат шарт аст?

- Бубахш, нохост аз даҳонам баромад.

- Бисёр менӯшид.

- Кадом мард наменӯшад! - ришханд кард капитан.

- Вай аз ҳад мегузаронд.

- Пас, аз танҳоӣ гурехтӣ?

- Магар аз худ гурехта мешавад?

Лаҳзае ҳарду хомӯш монданд.

- Ё мехостӣ қарзи интернатсионалистиатро ба ҳо биёрӣ?

- Бисёр худатро азоб надеҳ, - гуфт ҳамшираи шафқат. – Ҳамон фарзияи аввалаат дуруст буд: Мехоҳам пул кор кунам. Охир ман беваам, писарчаамро бояд ба воя расонам, соҳиби маълумот кунам.

- Дигар шавҳар кардан намехоҳӣ?

- Ба фикрам не.

- Азоб мекашӣ, зан бе мард наметавонад. Албатта, дар ин ҳо ягон нафарро ёфтагистӣ? Зан тухми анқо….

- Не, наёфтам, - нохост сухани капитанро бурид ҳамшираи шафқат бо оҳанги киноя. – Туро мунтазир будам.

Ҳарчанд аз ин кинояи зан ғазабаш омад, капитан бо як азоб туғёни дилашро фурӯ нишонда, гапро гурезонд:

- Ба ҳар ҳол фронт ҳойи зан нест.

- Ношукрӣ накун. Магар барои табобати ту ман кам заҳмат кашидам?! – бо оҳанги ранҳиш гуфт ҳамшираи шафқат. Дар нигоҳ ва овози вай он қадар оҳанги таънаю маломат ва пушаймонӣ ҳувайдо буд, ки дили капитан ларзида, гуфт:

- Шӯхӣ мекунам, Оляҳон. Дар ин кишвари худозада ягона тасаллои дили мо, мардҳо, шумоед. Агар занҳо намебуданд, яқин дар ин чӯлу биёбон девона мешудем. Шуморо мебинему диламон пур мешавад, ки ҳаёт ба охир нарасидааст, идома дорад. Ин мардум занҳояшонро колопеч кардаанд. Рӯйи занро намебинӣ, ба худо аҳмақанд ин афғонҳо.

- Динашон ҳаминро талаб мекунад.
- Ту тотор-ку нестӣ? – пурсид бо захрханд капитан.
- Хандаама набиёр…
- Аммо ба ҳар ҳол ман ба фикри ту мувофиқ нестам, - гуфт капитан, аз болои ҳевонча қуттии сигаретро ба даст гирифта.
- Ба кадом фикрам?
- Дар бораи афғонбача… бисёр хатарноканд онҳо.
- Айб, ба як кӯдак ин қадар часпидӣ. Ҳоло аз даҳони вай бӯйи шир меояд.
- Дар ҳамон мавзеъе, ки ман ҳароҳат бардоштам, ана ҳамин барин морбачаҳо бо баҳонаи гӯсфанд чарондан мина мехобондаанд.

Капитан ба пойи чун калтут кӯтоҳи худ чашм андохта, яқин аз алам хориаш омад, ки дод зад:

- Дафъ кун он морбачаро аз назарам!

Ҳамшираи шафқат амонат дар лаби кати капитан нишаст ва дасти ўро ба даст гирифта, молиш дод. Капитан лабонашро инҳ карда, рўяшро ба тарафи девор гардонд. Оля боз чанд лаҳза дар назди вай нишаст.

- Товариш, - аз нав нолиш кард афғонбача.
- Даҳони он лаънатиро баста намешавад?! – гуфт бо ғазаб капитан, – ба дилам зад.

Ҳамшираи шафқат аз ҳой хеста, ба сари болини афғонбача омад.

- Чӣ мехоҳӣ?
- Товариш, - дасташро ҳониби ҳамшираи шафқат дароз кард писарбача. – Товариш, поям дард мекунад.

Ҳамшираи шафқат даст ба мўйҳои ғулию қиргуни писарбача бурда, бо панҳаҳояш онро шона зад. Писарбача дудаста аз банди дасти сафед, нарму латифи зан дошта, ба сандуқи синааш гузошт.

Ҳамшираи шафқат низ дасташро бозпас нагирифт. Вай сарашро ба такягоҳи кат гузошт ва дере нагузашта дар ҳамин ҳолат пинакаш бурд ва ҳамагӣ чанд лаҳза писарчаашро хоб дид. Вай, писарчааш, дар хараки зери лапари бом нишаста, нок мехўрд. «Бачаҳон, нока шуста бихўр, боз бемор нашавӣ», - гуфт модар ва хост дар бари писаракаш ҳой гирад…

- Оля, - касе аз долон садо кард. Ҳамшираи шафқат қад парида, бедор шуд. Дасти ў ҳамоно дар дасти писарбачаи афғон буд. Вай хост дасташро ноаён раҳо кунад, аммо натавонист.

Писарбача дар ҳамон ҳолат мурда буд.

- Доктор! – дод зад ҳамшираи шафқат.
- Даматро гир, - тарсида бедор шуд капитан.

Ҳамшираи шафқат тозон ба долон баромад. Он ҳо чанд нафар аскарбачаҳои бемор ва табибон филми «Гардиши фалак…» - ро тамошо мекарданд.

- Александр Григоревич дар куҳост? – пурсид ҳамшираи шафқат аз онҳо.

Касе ҳавоб надод.

- Туро Галя мекофт, - гуфт аскарбачаи лоғарандоме аз телевизор чашм наканда.
- Худоё, куҳо рафта бошад?

Касе садои телевизорро баланд кард. Қаҳрамони филм Надя ба марде ки бе даъват, тасодуф ба хонаи ў даромада, дар болои кати вай хобидааст, зўр зада, фаҳмонданӣ мешуд, ки ин хонаи ўст ва мард ҳуқуқи ба ин ҳо даромадан надошт. Мард маст буд ва нимғурма мехост Надяро бовар кунонад, ки ин хонаи худи вай аст...

Ҳарчанд ҳамшираи шафқат нағз медонист, ки ба афғонбача дигар кўмак лозим нест, бо вуҳуди ин, ба ҳар палата сар халонда, табиби навбатдор Александр Григоревичро ҳустуҳў мекард, то ба писарак кўмак намояд.

Аммо аз табиб дарак набуд.

Бозгашт

Сарвар Одил – сардухтури беморхонаи деҳа баробари аз дарвозаи калони бемористон ворид гаштан дар охири роҳрави мумфарш писари колхоз Соҳибро чашм дар роҳ дид. Соҳиб пас аз хатми курси ронандагӣ мошини хидматии падарашро меронд. Аз ин ташрифи нобаҳангоми вай ҳазору як тахмин карда, Сарвар Одил қадаммониашро тезонид.

- Салом, духтур, - аз ҳой баланд шуд Соҳиб.

- Салом, - ҳавоб гардонд Сарвар Одил, бо нигоҳи суоломез сар то пои ўро палмосида. – Тинҳист?

- Тинҳӣ, - ғурунгид Соҳиб ва баробари сардухтур, ки ҳониби утоқи кориаш гом бардошт, қадам зада, илова кард. – Дар Душанбе як нафар ҳамдеҳаамон бандагӣ кардааст… Имрўз мурдаашро меовардаанд. Падарам таъин карданд, ки барои ҳасадро аз истгоҳи роҳи оҳан овардан мошини ёрии таъҳилӣ лозим.

- Кадом ҳамдеҳаамон?

- Намедонам… номаш аз ёдам рафт. Олими зўр буд, гуфтанд падарам.

- Мафтун Шокир-ку нест?

- Ҳа ёфтед, Мафтун Шокир гуфтанд.

- Наход… кай? – якбора истод Сарвар Одил.

- Шаб аз шаҳр ба хонаамон занг заданд. Пеш аз мурдан васият кардааст, ки ўро дар деҳа гўронанд.

Сарвар Одил аз ин хабари шум гаранг шуда, ба ҳама кисаҳои пиҳакаш даст андохту оқибат калидро ёфт ва онро ба даҳони қуфл андохта, пурсид:

- Кӣ меравад… истгоҳи роҳи оҳан?

- Аллакай шаш нафар дар сари бозор ҳамъ омадаанд… аз афташ, ҳамааашон равонаанд.

- Хуб, - гуфт сардухтур ба утоқи кориаш қадам монда. – Рафта гўй, ки ҳозир мошин меояд, мунтазир шаванд.

Соҳиб рафт.

Сарвар Одил оинаи тирезаро пушти нохун зада, ҳамшираи шафқатро, ки аз таги он мегузашт, боздошт:

- Мудири хоҳагиро ҳеғ зан.

Баъд дар утоқи начандон калон хеле қадам зада, рўйи кати мулоими рўпўшаш сафед оҳиста нишаста, оҳи бадард кашид. Симои пурожанги устодаш Мафтун

Шокир, ки тўли ҳафт соли таҳсил дар Донишгоҳи тиббӣ тез-тез вомехўрданд, ҳеҳ аз пеши назараш дур намешуд… Алалхусус, айёми тирамоҳ… Вақте ки Сарвари ҳавон аз таътили тобистона бармегашт, Мафтун Шокир кўдаквор шодӣ карда, гаштаю баргашта аз навигариҳои деҳаю рўзгори ҳамдеҳагон мепурсид.

- То ҳол дар Саримаск гандум мекоранд?

- Албатта, мекоранд. Сол то сол заминҳои корамаш зиёд мешавад.

- Бачаҳо бо хару ҳувол каҳ мекашондагистанд?

- Мекашонанду… кам. Ҳозир одамон бештар ба мошин меоранд каҳу донро.

- Дуруст… ҳозир сўзан партоӣ, болои мошин меафтад. Аммо айёми бачагии мо тухми анқо буд мошин. Марду зан, бачу кач ҳама сарҳамъона дарав мекарданд. Ҳарчанд шикамамон гушнаю поямон бараҳна буд, мондашавиро намедонистем. Одамон сарҳамъ қатор-қатор дар хирманҳо мехобиданд. Ту, албатта, намедонӣ , ки чӣ кайфият дорад пас аз дарав дар ҳавои кушод дароз кашида хобидан. Ба осмони пурситора дида медўзию гумон мекунӣ, ки ҳамин ҳозир ба сарат ситора меборад. Аммо ҳозир чӣ? Одамон аз якдигар гурезонанд. Хайр, хулқу атвори шаҳриён ба ҳама аён, аммо аз рўи шунидам дар байни деҳотиён низ ба решаи меҳру муҳаббат табар расидааст. Бовар мекунӣ, то ҳол кўдакиамро хоб мебинам. Ва чанд рўз пойбанди он хоб гарангу пакар гашта, дар дил қарор мекунам, ки ба рухсатӣ бароям, ҳатман ба деҳа меравам. Аммо ҳеҳ нест, ки ба мақсадам расам: гоҳо бачаҳо розӣ намешаванд ва ё ягон кори дигар мебарояду нақшаҳоямро барбод медиҳад. Хуллас, пеши роҳам ҳамеша баста. Лекин азмам қавӣ. Худо хоҳад, ҳамин ки рисолаи докториамро дифоъ кардам, аз баҳри ҳама чиз мегузараму ба деҳа кўч мебандам. Дар деҳа беморхона ҳаст, то ба нафақа баромадан барои ман ҳам ягон кор пайдо мекардагистанд. Бачаҳоям, албатта, розӣ намешаванд. Бигузор онҳо бимонанд дар шаҳри бадбўю пурғавғояшон. Танҳо меравам! Чӣ гуфтӣ?! – Сарварро ба оғўш кашида буд Мафтун Шокир.

Ин сўҳбати охирини онҳо буд.

Сарвар Одил дар панҳаи ҳамин гуна андешаҳо пай набурд, ки чӣ тавр Истам – мудири қисми хоҳагии беморхона, марди хомфарбеҳи сиёҳҳурда – ба утоқ ворид шуд.

- Ҳеғ зада будед, ака?

- Мошин дар куҳост?

- Дар ҳояш.

- Бензин дорад?

- Ҳа, дорад… Агар лозим бошад, даҳ литр бензини баҳоӣ низ дорам. Ягон кори зарур баромад?

- Ба ронанда гўй, бензинро ба мошин резаду зуд сари бозор равад, ки ўро одамон интизоранд.

- Тинҳист, ака?

- Мафтун Шокир гузаштаанд.

- Ҳа-а! – маънидор мад кашида, даст ба рўй бурд Истам. – Дар деҳа мегўронанд?

- Албатта.

Истам чанд лаҳза хомўш монд ва баъд сар бардошта:

- Синнам ба чил расиду ҳамон мардака, худо дурўғгўй накунад, ду ё се бор дидам дар деҳа. Асло дили омадан надоштанд… имрўз маҳбур овардан чӣ лозим?!

Сарвар Одил хост ба як даҳан гапи сахт Истамро танбеҳ диҳад, аммо дарҳол сухани мувофиқ наёфта, лол монд. Аз ин ҳолати ў Истам ба таври худ рамуз гирифта, афзуд:

- Ман ҳайрони ҳамун мардак. Як умр дар мактабҳои калон кор карда, андаке маблағ пасандоз карда натавонам, ки дар деҳа чор дар хона сохта, ягон нафар фарзандамро кўчонида биёрам. Ана имрўз тобуташонро бемалол аз он ҳо мебаровардaнд, касе дилаш хоҳад як сари қадам даромада, фотиҳа мехонд. Ба гумонатон имрўз додарашон Сабзалӣ мурдаи бародарашро ба ҳавлиаш роҳ медиҳад? Бовар надорам! Охир ҳамин муаллим набуд, ки хостгорҳои додар фиристодаро аз дараш ноумед баргардонд. Духтар розӣ набудааст. Тавба! Падар бошаму духтари аз камарам рўидаро ба роҳам андохта натавонам.

Аз ин оҳанги гуфтори Истам қаҳраш омада,Сарвар Одил сухани ўро бурид:

- Ҳоло ақли ту бисёр гапҳоро намегирад.

- Не, ака, саводи казоӣ надошта бошам ҳам, шукри худо ба фарқи сиёҳу сафед меравам. Аз паси мурда ғайбат кардан гуноҳ аст… Аммо ба чунин муаллими баландмартаба, ки ақаллан дасти як нафар ҳамдеҳаашро гирифта, соҳибдиплом накард, чӣ баҳо медиҳед? «Дар кўчаҳо ба саломамон алайк намегиранд» - гуфтани чанд нафар бачаҳоямонро ба гўши худам шунидам.

- Аз кӣ шунидӣ?! – шўрид сардухтур. – Шояд се-чор нафар тирамағзе, киба ҳойи илм омўхтан, рўзашонро дар кўча кўр мекарданд, гуфта бошанд. Воқиан ҳам, чунин нафаронро чашми дидан надоштанд муаллим. Аммо ба донишҳўи аълохон ҳатто ҳонашонро дареғ намедоштанд. Ҳеҳ аз ёдам намеравад, ҳангоми тақсимот ба гурўҳи пизишкони бемории пўст шомил шуданамро фаҳмида, андешамандона гуфта буданд: Духтури касалиҳои пўст низ даркорӣ, аммо ту, ки бачаи қобил ҳастӣ, мехостам ҳарроҳ шавӣ. Охир дар деҳаамон ягон нафар ҳарроҳ нест…

Вақте ба муалим фаҳмондам, ки талабгорони ин пеша зиёданд, маро қабул карданашон дар гумон, худи ҳамон рўз ҳамроҳам ба қабулгоҳи ректори донишкада рафтанд. Азбаски дар байни олимону муаллимон эътибор доштанд, ректор суханашонро ба замин нагузошт. Аз қабулгоҳи вай баромада, зинаҳоро поин мешудем, ки муаллим аз оринҳам дошта гуфтанд: «Ба кори ту дахолат кардам, мабодо хафа шавӣ… Ман, додар, як бор шаттаи ин касбро хўрда будам; пас аз хатми омўзишгоҳи тиббӣ як сол дар беморхонаи деҳаамон кор кардам. Он солҳо шароит ниҳоят вазнин буд. Ту, албатта, намедонӣ, падарат бояд нагз дар хотир дошта бошад. Рўзе дар беморхона менишастам, ки духтареро оварданд. Пас аз муоина фаҳмидам, ки ба дарди кўррўда печида буду ҳатман ҳарроҳӣ кардан лозим. Бемор аз дард мисли мўи дар оташ афтода ба худ печида, чашмони имдодталабаш ба рўям мепелид. Аммо аз дасти ман ҳеҳ кор намеомад. Оқибат то ба беморхонаи ноҳия расидан, дар роҳ ҳон дод. Баъд аз як соли ин воқиа ман ба Донишгоҳи тиббӣ дохил шуда, касби ҳарроҳиро пеша кардам. Мехостам пас аз хатми донишгоҳ ба деҳа бозгардам, дар хизмати мардум бошам. Аммо хоҳиши устодамро, ки мехост ба кори илмӣ машғул шавам, ду карда натавонистам…»

Истам мехост чизе бигўяд, аммо сардухтур ба ў фурсати даҳон кушодан надода, гуфт:

- Рав, аз паси кор шав!

Мурдаро расо соати яки рўз оварданд. Ва қатори одамон пиёдаю савора аз паси тобут ҳониби қабристон роҳ гирифтанд. Раҳорах як-як, ду-ду ҳамдеҳагон ба издиҳом мепайвастанд. Вақте ба хонаи бародари марҳум – Сабзалӣ – наздик шуданд, нафаре саросема ба раиси ҳамоат расида, бо овози паст гуфт:

- Раис, мардум мегўянд, ки мурдаро аввал дар ҳавлии падараш дароз карда, пасон бароранд. Ба ҳар ҳол, хуни нофаш дар ҳамин ҳо рехтааст.

Ҳоло раис даҳон накушода, мўйсафеде, ки дар бари ў қадам мезад, гуфт:

- Туву мардум бедардед… Гумонатон бародараш қабул мекунад?

- Набошад-чӣ?! Муаллим ҳам ба як гўшаи ин ҳавлӣ шарик… хонаи меросии падараш.

- Ду дар хонаи гилини падараш кайҳо хоку туроб шуд. Ин ҳавлиро Сангалӣ аз пули худаш сохт.

- Одамгарӣ медошт худаш даъват мекард, - гуфт раис бо ишораи даст Сабзалиро, ки пеш-пеши издиҳом мерафт, нишон дода. – Нахоҳад, чӣ илоҳ!

Вақте ба қабристон расиданд, ду нафар гўркан кайҳо қабрро канда, мунтазир меистоданд. Он рўз дар таърихи деҳа бори нахуст дар қабристон митинг барпо шуд. Аввал раиси ҳамоат қадаме пеш гузошта, гуфт, ки Мафтун Шокир инсони фурўтан, олими зўр буданд. Ҳамдеҳагон номи некашонро асло фаромўш намекунанд. Баъд чанд нафар меҳмонон, ҳамкасбони Мафтун Шокир ба навбат аз дастовардҳои илмию хислатҳои ҳамидааш ҳарф заданд.

Раиси ҳамоат шояд ба умеди он ки боз нафаре аз ҳамдеҳагон сухани гуфтанӣ дошта бошад, ба атроф назар андохт. Аммо касе аз ҳой нахунбид. Барои Сарвар Одил ин чанд лаҳза аз қарн ҳам тўлонитар буд. Вай ба чеҳраи мўйсафедоне ки ҳамсолу ҳамсанги Мафтун Шокир буданд, нигариста, мехост фарёд кунад: Эй мардум, чаро хомўшед! Наход аз айёми бачагиву наврасиҳоятон бо ин марде ки абадулабад зери замин рафт, заррае хотира надошта бошед.

Ҳама хомўш ба раиси ҳамоат дида медўхтанд. Сарвар Одил хост аз мўйсафедон, ки дар қатори аввал менишастанд, пеш гузашта, дар ҳаққи Мафтун Шокир, орзуҳои ба хок бурдааш ба дард сухан гўяд. Аммо раис ба ў эътибор надода, ба ишораи даст мардумро ба нишастан даъват кард. Муллои деҳа порае аз Қуръони маҳид тиловат намуд…

Мардум аз қабристон баромада ба ҳар сў парешон шуданд. Меҳмонони аз Душанбе омада низ дурии роҳро узр пеш оварда, ба роҳ даромаданд. Зану духтари Мафтун Шокир низ ба онҳо ҳамроҳ шуданд. Сарвар Одил ба хотири ошуфтаву пои пиёда ҳониби беморхона роҳ пеш гирифт. Вақте аз назди хонаи бародари Мафтун Шокир мегузашт, ногаҳон бо тамоми ҳастияш дарк намуд, ки «Во аҳабо, нахустин бор пас аз дафни инсон дар ягон ҳавлии деҳа садои гиря намебарояд. Гўё одамро не, решаи дарахтеро гўронда бошанд»

Вай дар сар ҳамин гуна андешаҳои маҳшуш, бо димоғи сўхта ба беморхона расида, дар долон ба кампири Назрӣ дучор омад. Кампир чанд сол боз аз фишори баланди хун азоб мекашид.

- Пешатон мурам, - бо як даст сарашро дошта, ба нолиш оғозид кампир. Як соат боз шуморо мунтазирам. Ин сари сабила дардаш ҳеҳ сар намедиҳад. Аз ҳамон доруятон як дона медодед.

- Дирӯз ба шумо гуфтам-ку, дигар надорам, писаратон аз аптекаи район биёрад, - якбора инон аз даст дод Сарвар Одил. – Ман заводи дорусозӣ надорам, ки чапу рост ба ҳамаи шумо дору тақсим кунам...

Кампири Назрӣ аз ин муомилаи сарди духтур, ки рӯзҳои пешин ханда аз лабонаш канда намешуд, моту мабҳут оҳиста аз ҳой хест ва:

- Беҳуда шуморо мунтазир шудам, гӯед. Э вой, сарам! – гӯён лангон-лангон ҳониби баромадгоҳ рафт. – Кадом рӯзе мисли Мафтун Шокир мемураму… бечора Мафтун! Одамизод ҳам бекора будааст. Аҳаб овози фораме дошт! Ҳангоми дарав суруд мехонд, садояш кӯҳу камари Саримаскро об мекард. Ана рафт ба хонаи охираташ.

Сарвар Одил, даст дар дастаи дар ба ғур-ғури кампир гӯш дода, дохили утоқи кориаш гашт. Ва аз ғаладони миз шишаеро, ки андарунаш чанд дона ҳаб ҳило медод, гирифта, берун баромад. Дар долон фаррошзани солхӯрда дар даст латта дилу бедилон пештахтаи тирезаҳоро пок мекард.

Вақте фаррошзан дар роҳрав ба кампири Назрӣ расида, доруҳоро дод, вай ҳайрон пурсид:

- Кӣ дод?

- Сардухтур.

- Ман ҳайрони ҳамин духтуро, - гуфт кампир роҳашро идома дода. – Ҳозир зора кардам, бо арбада надорам, гуфт, як дам нагузашта аз куҳо ёфта бошад, а?! Тавба!

Дили зан

Онҳо ҳарду ҳам пир буданд. Умрашон аз ҳафтод гузашта, бештарин ҳамсолонашон кайҳо ин дунёи фониро тарк гуфта буданд. Ҳарчанд вонамуд намекарданд, эшон низ маргро интизорӣ мекашиданд, то ба хоби абад бираванд. Аммо он диранг мекард ва пирамарду кампир лоилоҳ саҳфаҳои охирини ҳаётро варақгардон мекарданд. Ҳарчанд онҳо дар қиёси синну солашон бардам менамуданд, солҳои охир ба ҳама чиз бетафовут менигаристанд, гӯё дар ин зиндагӣ дигар ҳеҳ чиз наметавонист онҳоро ба ҳайрат биёрад, ё шавқашонро бедор кунад. Ба кулли дигаргуниҳои замона бо чашми истеҳзо нигариста, мегуфтанд, ки ҳамааш талхаи ҳон кандан аст. Аммо бо вуҳуди ин нисбат ба якдигар меҳру муҳаббати беандоза доштанд ва ҳар қадар офтоби умрашон майли ғуруб мекард, решаи ин муҳаббат қавитар мегашт.

- Кампир, як орзу дорам, - мегуфт мӯйсафед вақтҳои охир, - Худо мегӯм, ки пеш аз ту биравам. Аввал маро саришта бикун, баъд ихтиёрат.

- Монед ин гапҳоятонро, мӯйсафед, - мегуфт бо оҳанги сарзаниш кампир дар навбати худ. – Ман тоқати дарду алами шуморо бардоштан надорам. Мехоҳам то чашм пӯшидан шуморо мисли ҳозира рӯсурху нуронӣ бубинам ва бо ҳамин эҳсоси хуш чашм бипӯшам. Агар шумо набошед, кӣ маъракаҳои маро сару бар мешавад?

- Гапи ту ҳам ҳон дорад, аммо бе марҳами тан монда, ба келину фарзандон мӯҳтоҷ шудан намехоҳам. Намедонам асари пирӣ аст ё асабҳоям хароб шудаанд, ки гапи мулоим низ ба дилам чун нештар мерасад. Худо нишон надиҳад, агар касе миннат гузораду таъна занад ё арбада кунад, гумон мекунам, ки ҳамон замон ҳонам мебарояд.

Баъзан набераҳо шоҳиди ин гуфтугӯйи мӯйсафедон гашта, ба садоқати онҳо ҳавасашон меомад.

- Зиёда аз шаст сол ба як болин сар монда, ба якдигар ту нагуфтем, - мегуфт, ҳини насиҳат ба наберагон, бо оҳанги ифтихор кампир. – Албатта, зиндагӣ пастию баландиҳо дорад, рӯзгор бе камбудӣ намешавад, баъзан муҳодила мекардем, аммо он кирои гап намекунад. Ин гуна ҳолатҳо дар ҳар оила ҳаст, як чизи маъмулист. Аммо Худо нишон надиҳад зиндагии баъзеҳоро. Э бачем, дар ин умри дарози худ як намуд заношӯиҳоро дидем, як муомилаҳоро шоҳид будем, ки талхаи кас мекафад. Аз бағали шавҳари ҳалоли худ хеста, хиёнат кардани занҳоро шунидем, аз барои як каф гандум хусуру хушдоманро лату кӯб кардани келинҳоро бо чашми худ дидем, тоқии шавҳарро ба доштагиашон задани аёлҳоро шоҳид будем. Аммо бо вуҳуди ин шармандагиҳо онҳо боз оштӣ мекарданд, сари як дастархон нишаста, ба якдигар лутфу меҳрубониҳо менамуданд, дар як болин сар монда, фарзандҳо ба дунё меоварданд. Гӯё ҳеҳ гап нашуда бошад, аз бахти худ меболиданд ва аз ҳама аҳибаш мардон чунин занонро тоҳи сар мекарданд, ҳама нозу адояшонро мебардоштанд. Шояд қонуну қоидаи нонавиштаи зиндагӣ ҳамин аст, ки бояд тоқат бикунӣ. Ё ба ҳаёти заношӯӣ ҳамин хел дуо рафтааст. Лекин сабру тоқат ҳам як меъёр доштагист? Хайр, намедонам, гуноҳи каси дигарро ба гардан гирифтан намехоҳам. Нафаҳмидам!

Шояд қиссаи зиндагии пур аз гулу гулзори пиру кампир ҳамин тавр зебою пероста ва беолоишу пур аз меҳру муҳаббат дар хотири фарзандону набераҳо ва атрофиён нақш мебаст, агар як воқиа намешуд.

Дар арафаи иди бонувон набераҳо бо сарвариии набераи калонии мӯйсафедон - Дилрабо бо дастовезе ба табрики бибиашон омаданд. Вақте дар ҳузури ҳамагон тӯҳфаро кушоданду Дилрабо як ҳуфт маҳсӣ ва гӯшвори тиллоро аз номи ҳама ба кампир пешкаш намуд ва ба нею нестони бибӣ эътибор надода, ҳалқаро ба гӯшҳояш андохт, нидои хурсандию табрикот хонаро пур кард.

- Ҳазорон шукр, ҳазорон шукр, - изҳори миннатдорӣ кард кампир. - Аммо, бачем, акнун ба ман ҳалқаи тилло чӣ даркор? Худо гӯй, ки парвадигори ҳаждаҳ ҳазор олам ба бибият имон бидиҳаду амалҳои хубу некашро ба гӯшаш ҳалқа кунад ва ман бо дили пуру хотири ҳамъ ба хонаи охиратам биравам. Зару зевари одами пир ҳамун аст. Дигар ҳамааш бе кор, бачем. Барои эҳтироматон раҳмат, духтаронам. Илоҳо роҳати фарзандонатонро бубинед, хока гиред, зар гардад.

- Ту чиҳо мегӯӣ, кампир, - ба мобайн даромад мӯйсафед, - давраи савлату пӯшидани ману ту нав фаро расид. Ман ҳайрон, агар тӯҳфаи маро бубинӣ, чӣ мегуфта бошӣ?

- Ку бубинем! – баробар нидо карданд наберагон ва деги ҳазлу мутойиба ва шӯхӣ ба ҳӯшидан даромад.

- Бобо, дар ҳавониатон ба бибиам чӣ тӯҳфа мекардед? – пурсид набераи аз ҳама хурдӣ Таҳмина.

- Дар ҳавонии мо ин хел идҳо дар куҳо буд! – ба ҳойи мӯйсафед ҳавоб дод кампир. - Фақат кор карданамонро медонистему халос. Кор! Кор! Кор! Иди занон дар тасаввуротамон ҳам намеғунҳид. Дар як сол ду идро медонистем: иди рамазону қурбонро.

- Ношукрӣ накун, кампир, - аз ҳой нимхез шуд мӯйсафед. – Баъзан тӯҳфа меовардамат. Чаро дар назди набераҳо маро паст мезанӣ?!

- Кай овардед? Ёд надорам.

- Аз азал «ёд надорам»-ат ҳаст. Арақи пешониам хушк нашуда, кори кардаам аз ёдат меравад.

- Ҳай, ҳай, аз хӯрдану гирифтан варамидему худам бехабар.

- Э кампири носипос, аз кӣ кам будӣ? Гул мехӯрдӣ, гул мепӯшидӣ. Бандаи ношукр будай, акнун фаҳмидам.

- Баъди шаст-ҳафтод сол акнун фаҳмидед, а, бобоҳон? – баробар хандиданд набераҳо. – Ана дидед, боз шумо моро сарзаниш мекунед, ки хӯю хислати шавҳарамонро намедонем, аз як даҳон гапаш маънию аз нигоҳаш рамуз намегирем, аз ишорааш чизеро дарк намекунем.

- Рости гап, медонистаму чашм мепӯшидам, сар кафад, зери тоқа, гуфта мегаштам, - гуфт мӯйсафед ба оҳанги шӯхӣ.

Аммо, аз афташ, ин шӯхӣ ба кампир нафорид ва ба иззати нафсаш расид, ки якбора шӯрид. Ҳарчанд наберагон кӯшиш карданд, ки вазъиятро ором кунанд, ҳамон оҳанги ҳазломези сӯҳбатро нигоҳ доранд, аммо кора накард.

- Ёд доред, - гуфт кампир ба мӯйсафед муроҳиат карда, - бузи шаби никоҳ овардаатонро.

- Албатта, бузи ангорӣ буд, қилаш ҳуробе мешуд роҳати ҳон, дар зимистон пойи одам ҳузур мекард.

- Тарошидагӣ буд, қил-пилаша надидам, - сухани шавҳарро бурид кампир. – Лекин ҳаминаш нағз дар хотирам мондааст, ки то омадани қассоб ҳаром мурда буд.

- Додарам дар даруни хурҳини хар андохта оварда буд, дар роҳ нафасгир шудааст.

- Нафасгир нею, зотан нимҳон буд. Сахтар биниаша меқапидӣ, ҳонаш мебуромад.

- Хайр, ту бо ин гапат чӣ гуфтанӣ?

- Бисёр худатона таъриф накунед, мегӯм. Ягон хел тӯҳфа-пӯҳфа намеовардед.

- Эй беақл, дар ун замона ҳамун бузи ба қавли ту нимҳона дар сад хона бо чароғ кобӣ ҳам, намеёфтӣ.

- Лекин мо як рама бузу гӯсфанд доштем.

- Дуруст, доштед, аммо падарат, Худо раҳмат кунад, хасис буд, шабушка кушта хунаша мелесидагӣ инсон буд. Ҳатто бо баҳонаи «духтарама гирифта гурехт» як гӯсфанд он тараф истад, бузғола ҳам надод.

- Чӣ?! Шумо, як пойлучи дангоса, мана гирифта, ба маъракаҳо ҳамроҳ шудед. Бисёр даҳонамро нахоронед, ки зардаи диламро мекафонам.

- Лекин ман як йигити чор кас медидагӣ будам, паҳлавон будам. Аз ҳайбатам духтарҳо аз тарс дар ҳояшон тар мекарданд.

- Чӣ хел духтарҳо? Кадом ҳайбат?

- Чӣ хел ҳа-а-йбат, - барқасд ба асаби кампир расидан мехост мӯйсафед – Магар ту ба бозуҳои рустамонаам ошиқ шуда, аз дунболам наомадӣ? Ман-ку туро хостгорӣ нарафтам. Ёд дорӣ, то никоҳ бастан чӣ қадар занозану саркафониҳо шуда буд?

Ранги рӯйи кампир якбора тағйир ёфта, авзояш беҳо шуд, дар ҳойи нишасташ беист меҳунбид, намедонист дастони худро куҳо кунад. Ниҳоят вай худро ба даст гирифта, гуфт:

- Бозуятон рустамона бошад ҳам, дилу гурдаатон гунҳишкона буд. Дуруст, вақте ман ҳамроҳатон гурехта, дар ҳавлиатон пинҳон шудам, бародаронам хабар ёфта, аз қафо омаданд ва дар рӯйи ҳавлӣ занозанӣ сар шуд. Лекин… - кампир лаҳзае хомӯш монд ва ба зӯр туфи даҳонашро фурӯ бурда, идома дод. – Вақте бародаронам шуморо зери мушту лагат гирифтанд, аз тарси ҳон гуфтед, ки «Ман ӯро надуздидам, худаш аз қафоям омад, хоҳаратон даркор бошад, метавонед ҳамроҳ бубаред, Агар як даҳон гап занам, забонам бурида шавад. Ба Худо қасам, ман ӯро маҳбур накардам, худаш аз қафоям омад».

Он рӯз аз ин дурӯғи шумо ҳаёти умрам хушк шуд, даҳонам воз монд. Чӣ гуфтанамро намедонистам, ҳойи сари сахтамро задан намеёфтам. Охир шумо бо сад забон аз ишқу ошиқӣ мегуфтед, дар сухан тайёр будед барои ман нисфи дунёро чаппагардон кунед, аз само ситора биёред. Бо суханҳои ширину зебо сари маро гиҳ карда, ба дом андохтед, аммо тоқати зарби ду мушту лагатро накарда, то ба ҳамин пастиҳо фуромадед, маро бадном ва бо як дурӯғ рӯямро дар назди ду авлод сиёҳ кардед. Рӯзи дигар ин гап ба даҳони мардум афтоду алами мани наварӯс садчанд гашт. Ҳарчанд баъд мӯйсафедон ҳарду тарафро ба инсоф хонда, бо як азоб оштӣ доданду оқибат маро ба никоҳи шумо дароварданд, давраи арӯси бароям ба мотам табдил ёфт. То ҳол агар ягон тӯйи арӯсиро бубинам, аз бахти сӯхтаам хориам меояд, аммо осмон баланду замин сахт аст… Ё гапам дурӯғ?

Мӯйсафед ҳавоб надод.

- Бо вуҳуди ин, тамоми умр чӯрии даратон шудам, хоматонро пухта, ба қадаматон саҳда ва ҳояш ояд, дурӯғатонро рост кардам.

Чанд лаҳза дар хона хомӯшии вазнин соя андохт. Наберагонро, ки то ин дам аз тую мангӯиҳои бобою бибиашон ба ваҳд омада, механдиданд, якбора нафасашон ях баст. Онҳо бори аввал чунин гилагузории бибии хаппакашонро мешуниданд. Вай табиатан як зани хаснаозору нармгуфтор ва ҳамеша ба шавҳар фармонбардор буд. Ҳама нигоҳҳои занона ба сӯи мӯйсафед дӯхта шуданд. Гӯё ҳама мунтазири ҳавоб буданд, сабаби чунин амалро донистан мехостанд.

Мӯйсафед мехост чизе бигӯяд, аммо кампир пеши даҳони ӯро гирифта, гуфт:

- Ана ҳамон гапатон то рӯзи мурдан аз ёдам намеравад, баъд аз мурдан дар гӯр устухонҳоям ёд мекунанд. Дар тӯли ин қадар солҳо, чӣ хеле худатон гуфтед, сар кафад, зери тоқӣ, гуфта, лаб газида гаштам. Аммо ҳар боре он манзараро дар хоби шабам медидам, то саҳар болинам аз оби дида тар мешуд. Зеро аз қадру қиматам дилам месӯхт, аз иффати осонакак аз даст рафтаам ҳигарам мерехт. То ҳол сухани

он рӯз гуфтаи акаи раҳматиам дар бехи гӯшҳоям садо медиҳанд: «Тоқии моро-ку ба замин задӣ, аммо чаро ба чунин тарсу дил додӣ, магар ба тухми ҳавонмардон қаҳт омада буд? Кирои ин қадар шармандагӣ ягон ҳамтарозуи худата наёфтӣ, ки аламаш камтар мешуд! – гуфт буданд акаам бо сад алам.

Кампир низ ин суханонро бо як ҳаҳон дарду алам ба забон овард ва ноаён бо ҳошияи қарси сафед дидагонашро пок кард. Ашк набуд дар чашмонаш, аммо шояд аз дарди сахти ниҳонӣ гумон кард, ки ашки чашмонаш баромаданд.

- Охир зардаи дилата кафондӣ, а, занак, - гуфт мӯйсафед аз рӯйи кампираш чашм наканда. Ин овози пасту ҳазин низ пур аз алами олуда ба маломат буд. – Ҳозир ҳисоб кардам, зиёда панҳоҳу панҳ баҳор пушти сар шудааст аз он рӯзҳо. Аммо ту то ҳол фаромӯш накардаӣ!

- Магар он гапу рафтори шуморо фаромӯш карда мешавад? Вай гапи андак-мундак набуд, ки фаромӯш шавад. Гуфтам-ку, мурам, дар қабр қарсқурскунон устухонҳоям ёд мекунанд.

- Ҳамин қадар сол тоқат кардӣ, осмон омада ба замин начаспид-ку! Ками дигар монда буд… Дили шумо, занҳоро, ҳаргиз фаҳмида намешудааст. Кори хуб накардӣ, кампир.

Мӯйсафед хомӯш монд

Набераҳо ҳайратзада аз ӯ чашм намеканданд.

Кампир сархам менишаст ва ҳар замон бо ҳошияи қарси сафед оби дидагонашро пок мекард.

Шоҳид

Рӯз аз нисф гузашта буд. Ҳаво гарм. Муҳандиси сохтмон Собит Адҳам дар сояи тунуки дарахти канори роҳ рост истода нақлиёти мусофирбарро интизор буд. Тахмин понздаҳ-бист қадам дуртар аз вай нозири роҳ рафтуомади мошинҳоро назорат мекард. Кӯча пур аз мошин буд. Онҳо мисли мӯру малах дар равуо буданд. Дарёро мемонд тасмаи роҳ, қатори беохири мошинҳо рӯи он равон буданду равон. «Кадом рӯзе ҳамаамон зери замин фурӯ меравем, - аз дил гузаронд Собит Адҳам, аз зери замин нафт кашидани корхонаҳои бузургро пеши назар оварда. - Ин қадар мошинро то кай бо сӯзишворӣ таъмин мекунад ин замини бечора. Шояд кайҳодар зери замин барои худ чоҳ кандаему худ бехабарем. Худоё, тавба!»

Ранги сабзи чароғаки роҳнамо фурӯзон шуду чанд мошин дар ҳойи худ истоданд ва одамони зиёде ба ҳаракат омада, кӯчаро гузаштанд. Ҳамин вақт аз қатори дуюми роҳ мошине бо суръати баланд омада, аз хати сафед гузашт ва як нафар мактаббачаро, ки пештар аз ҳамсинфонаш то нисфи роҳ расида буд, зада, бо ҳамон суръат гузашта рафт. Аз зарбаи мошин писарбача ба ҳаво хесту чор-панҳ қадар дуртар ба даруни ҳӯйборча афтид. Аз портфели дасташ китобу дафтарҳояш дар рӯи раҳ паҳну парешон шуданд. Чанд нафар ҳамроҳони ӯ – духтаракону писарбачаҳо – аз тарс дод гуфта, қафо гаштанд.

Ин воқиа ончунон ногаҳонӣ рух дод, ки ҳамагон дар ҳайрат лаҳзае худро гум карданд. Сипас чанд нафар роҳгузарон пеш аз нозири роҳ ба болои ҳасад ҳозир шуда, кӯдакро аз ҳӯйборча бароварданду дар рӯи роҳ дароз карданд.

- Аз афташ, мурдааст, - гуфт марди зиёинамое, ки дар назди ҳасад сари ду по истода, набзи кӯдакро муоина мекард.

Нозири роҳ низ зуд расида омад ва як мошини роҳгузарро боздошта, кӯдакро ба он бор кунониду супориш дод, ки зуд ба беморхонаи Қарияи боло бубарад.

Одамон як-як, ду-ду аз ҳойи ҳодиса пароканда шуданд. Дере нагузашта, гӯё ҳеҳ воқиае рух надода бошад, кӯча боз ба ҳукми тартиби пешинааш даромад. Одамон ҳар яке дар банди хаёлоти худ аз паси зиндагӣ поину боло равон буданд, мошинҳо яке бо суръати паст, дигаре ҳавлонзанон ҳаракат мекарданд.

Нозири роҳ, аз афташ, бо ратсия дар хусуси ин ҳодиса ба ҳойҳои даркорӣ хабар доду баргашта ба назди Собит Адҳам омад, ки ҳамоно дар ҳойи аввалааш меистод.

- Бародар, шумо шоҳид будед, рақами мошин дар ёдатон намондааст?

- Кадом мошин? – худро ба нодонӣ зад Собит Адҳам.

- Ҳамоне ки ҳозир дар гузаргоҳ мактаббачаеро зер карда, гурехт.

- Не, рафиқ лейтенант, ман хеле дур будам. Бар замми ин чашмонам хира… надидам.

- Ҳатто рангаш… тамғаашро ҳам пайхас накардед? – пурсид нозири роҳ.

- Не, диққат надодам, мошин бисёр. Ба Худо бовар кунед, кӯдакро зер кардани ҳамон мошина ба чашмам надидам. Вақте аз ҳаёҳуйи одамон хабар ёфтам, ки на мошин ба назар менамуду на кӯдак. Баъд ман умуман ба тамғаи мошинҳои инзамона сарфаҳм намеравам. Ҳамашон бароям мошини сабукраванд. Дар даврони шӯравӣ тамғаи мошин он қадар зиёд набуд: жигули, волга, запарожетс…

- Чаро ба ҳойи ҳодиса нарафтед? – сухани Собит Адҳамро бурид нозири роҳ.

- Чӣ кор дорам? Ҳангоматалаб нестам. Шумо худатон нағз медонед, ки ҳар рӯз даҳҳо одамонро мошин мезанад. Хайр, чӣ илоҳ, тақдирашон ҳамин будаст. Кӯдак нестам, ки дилам тамошои бепул хоҳад.

- Чаро шарм надошта дурӯғ мегӯед?

- Кӣ? Ман дурӯғ мегӯям?

- Бале, шумо. Ман бо чашмони худ дидам, ки пеш аз ин ҳодиса он мошин дар назди шумо истод, шумо аз тирезаи он сар дароварда, яқин бо ронанда аҳволпурсӣ кардед. Мешиносед ӯро, албатта.

Собит Адҳам ба зӯр худро ба даст гирифта, гуфт:

- Ман даст бардоштам, истод, аммо ба бурдан розӣ нашуд. Мехостам онро то бозори «Саховат» киро кунам.

- Вай таксӣ буд?

- Не.

- Пас чаро даст бардоштед?

- Имрӯз бисёр мошинҳои майда ба кирокашӣ машғуланд. Ба кӣ пул намефорад!

- Аҳиб! Дар пеши назари ман лак-лак таксӣ гузашту ягонтаашро нигоҳ надоштед. Аммо гулчин карда, ба ҳамон мошин даст бардоштед…

- Ба дигарҳояш низ даст бардоштам, аммо якеаш одам дошт, дигараш бо ишораи даст самти дигарро нишон дод.

- Дурӯғ намегӯед?

- Аз шумо қарздор нестам, ки дурӯғ гӯям.

- Аз ман қарздор нестед, албатта, аммо дар назди виҳдони инсонии худатон қарздоред. Ба як мактаббачаи бегуноҳ дилатон намесӯзад? Агар дар ҳойи вай писарбачаи худатон мебуд, низ ҳамин тавр рафтор мекардед?

- Ба даҳонатон нигоҳ карда гап занед, рафиқ лейтенант, - якбора шӯрид Собит Адҳам. – Ба болои маро истинтоқ кардан писари яккаю ягонаи маро ба мобайн наандозед! Э, аз даҳонатон шамол барад.

- Вазифаам ҳамин.

- Вазифаатон бошад, ҳалол иҳро кунеду ба дӯши дигарон напартоед. Агар давлат шуморо нозири роҳ таъин карда бошад, ба роҳ нигоҳ карда истед, сари маро гаранг накунед.

Собит Адҳам асабиёна мехост дуртар равад, ки нозир ӯро аз раъяш гардонд.

- Гражданин, як дақиқа сабр кунед, ман мехоҳам аз шумо баёнот гирам.

- Чӣ хел баёнот?! – қариб дод зад Собит Адҳам.

- Асабӣ нашавед, чаро дод мезанед… Нависед, ки ронанда чӣ гуна шаклу шамоил дошт, ҳавон буд ё пир, чӣ хел нишонаҳояш буд? Охир вай хаси роҳро не, инсонро зер кард. Рақами мошинро пайхас накардам гуфтед, а?

- Не гуфтам-ку!

- Асабӣ нашавед, мо бояд ҳатман он лаънатиро дастгир кунем.

- Дастгир кардан гиред, ман ба ин кор чӣ дахл дорам?

- Афту намудатон одами дуппа-дуруст барин, аммо… дар куҳо кор мекунед?

- Дар куҳо кор кардани ман кори шумо чӣ?

- Кори ман ҳаст! - якбора овозашро баланд кард лейтенант. – Шумо дидаю дониста ҳиноятқорро халос кардаиед. Ин рафтори шумо низ тибқи қонун ҳазо дода мешавад.

- Кадом ҳиноятқорро?

- Бас кунед масхарабозиатонро! – гуфт лейтенант, ба Собит Адҳам наздик шуда. – Ҳуҳҳат!

- Чӣ хел ҳуҳ… - чашмаш ба нигоҳи тези лейтенант бархӯрда, гапи Собит Адҳам дар даҳонаш монд. Вай зуд аз ҳайб шаҳодатномаашро бароварда, дароз кард.

- Аз қафои ман биёед, - гуфт лейтенант, ҳуҳҳатро гирифта ва тез-тез қадамзанон ҳониби мошине, ки чор-панҷ метр дуртар аз чорроҳа меистод, равон шуд. Вай ба назди мошин расида, аз даруни ҳузвдони дар китфаш ҳамоил коғаз баровард ва дар болои сарпӯши мотор хам шуда, тез-тез чизе навиштан гирифт…

Собит Адҳам ҳанӯз ба хонааш нарасида занги телефони дастиаш садо дод.

- Салом, дӯстам, - овози хастае баланд шуд.

- Салом, - ҳавоб дод Собит Адҳам ва баъд, аз афташ, соҳиби овозро шинохт, ки ба шӯхӣ гузашт:

- Ҳа, гурезпо, чӣ хелӣ?

- Напурс! Чӣ шуд?

- Чӣ?

- Кӯдак… зинда аст?

- Аз дасти зарбаи ту фил зинда намемонад, вай-ку як кӯдаки навниҳол.

- Биё, бас кун шӯхиатро. Рақами мошинамро касе надидааст?

- Не, аммо нозири роҳ маро хеле истинтоқ кард. Падарлаънат вохӯриамонро пайхас карда будааст. Рақами телефон ва суроғаи ҳойи корамро навишта гирифт.

- Чӣ гуфтӣ? – ҳаросон пурсид овоз.

- Чӣ ҳам мегуфтам, буду шуди гапро гуфтам. Суроғаи хонаатро додам.

- Наход?

- Камтар нӯшӣ намешавад…

- Бо ду нафар рафиқон нишаста будем. Маст будам, лекин дар як замон ҳушёр шудам … ва нагурехтагӣ номард, гӯён дума хода кардам. Дигар роҳ набуд.

- Акнун як роҳ ҳаст.

- Чӣ хел роҳ?

- Маҳбас.

- Ҳиддӣ мегӯӣ?

- Натарс, ту маро кӣ гумон кардӣ… ман аз он бузҳои ту мегуфтагӣ не.

- Раҳмат, дӯстам!

- Лекин лейтенант хеле ғинг-ғинг кард. Қаҳрама овард, қариб мезадамаш. Аз тарси он ки боз занг назанӣ, номаълум телефонамро хомӯш кардам. Эҳтиёт - ними ҳаёт, гуфтаанд.

- Қандота зан, дӯстам. Уштури сафеда дидӣ? Не!

- Албатта. Лекин ту як зиёфат қарздор.

- Як зиёфат ҳам гап шуд, сад бор зиёфат медиҳам.

- Саломатиатон даркор, ако, мо ба дӯстӣ ҳамеша содиқем.

- Ҳазор раҳмат, дӯстам, ман қарздор.

Собит Адҳам аз он ки ба дӯстӣ содиқ будани худро дар амал собит кард, бо табъи болида ба ҳавлиаш ворид шуд. Дар рӯи ҳавлӣ ҳонзоде набуд. Вай пешомади нохушеро ҳис карда, тез-тез қадам партофта ба хона медаромад, ки духтарчааш чашмонаш гиряолуд аз ошхона баромад.

- Ку очаат? – пурсид Собит Адҳам.

- Беморхона рафтанд.

- Чаро?

- Манучеҳра мошин задаст.

- Чӣ? Дар куҳо?

- Намедонам, ҳозир муаллимаашон омада буд… очам ҳамроҳи ӯ саросема баромада рафт.

- Чаро дарҳол ба ман занг назадед! - ба сари духтари бегуноҳ дод зад Собит Адҳам.

- Очам хеле занг заданд, телефонатон кор намекард. Гуфтанд, ки агар падарат ояд, зуд ба беморхонаи Қарияи боло равад.

- Воҳ хонаам сӯхт! – бо кафи дастон сарашро дошта, дар ҳояш нишаст Собит Адҳам ва дарҳол осемасар аз ҳой хеста, даст ба кисааш андохту телефонро ба даст гирифт ва раҳорах рақамеро чида, ҳониби кӯча давид.

Дар долони беморхона касе набуд. Ҳамшираи навбатдор гуфт, ки кӯдаки мошинзадаро ба мурдахона фиристоданд.

- Чӣ хел ба мурдахона?! Магар вай бесоҳиб аст, ки… Лаънатиҳо!

Ҳамшираи шафқат чизе нагуфт.

Собит Адҳамро аз ин хабар аламаш бештар афзуда, ҳониби мурдахонаи бемористон рафт. Дар дами даромадгоҳ занаш ҳамроҳи муаллима, як марди хилъати сафедпӯш ва ҳамон нозири роҳ рост истода буданд. Зан баробари дидани шавҳараш овоз андохта, ба пешвози ӯ рафт.

- Кай ин воқиа рӯй дод? – пурсид Собит Адҳам, дасти занашро аз гардани худ раҳо карда.

- Ду соат пеш.

- Шумо худатон шоҳид будед, - гуфт нозири роҳ, ки аз пайдо шудани Собит Адҳам, воқиан ҳам, дар ҳайрат монда буд.

Собит Адҳам гӯё ин гапи нозирро нашунида, вориди мурдахона шуд. Баъд аз чанд дақиқа писараш рӯи даст гирён аз он ҳо берун омад ва ба нозири роҳ наздик шуда, гуфт:

- Ман ӯро мешиносам.

- Киро? – худро ба нодонӣ зад нозири роҳ.

- Ронандаро.

- Чӣ хел мешиносед? Ана баёноти шумо дар ҳузвдони ман, навиштаед, ки ҳеҳ чизро надидаед, намедонед.

- Ту маро масхара мекунӣ?! – якбора шӯрид Собит Адҳам. – Дар рӯзи мотам, мурдаи писарам дар сари дастам маро таъна мезанӣ!

- Бародари азиз, худо нигаҳ дорад, ман шуморо масхара накардам…

Духтур оҳиста аз остини пиҳакаш кашида, ба нозири роҳ ишора кард, ки хап шинад, фоида надорад.

- Ман ӯро ба суд медиҳам! – баландтар дод зад Собит Адҳам. – Вай писари ягонаи маро кушта, боз дар озодӣ мегаштааст… Не, ман ин корро ҳамин тавр намемонам. Номи вай Ғолиб, фамиляаш Соҳибов, ширкати хусусӣ дорад, тамғаи мошинаш «Мерседес». Мефаҳмӣ! – ногаҳон кӯдакро ба замин гузошта, аз гиребони нозири роҳ гирифт Собит Адҳам. – Чаро шиштӣ, гир қаламу коғазата, навис!

- Ором шавед, - қадаме пеш монд марди хилъатпӯш, - кори нашуданӣ шуд, худатонро ба даст гиред.

- Илоҳо хонааш сӯзад, ҳамин рӯзи сиёҳи мо ба сари зану фарзандонаш ояд! – дуои бад мекард зан.

Нозири роҳ аз ин манзара чашм наканда, намедонист чӣ бигӯяд.

Интиқом

Тӯй дар авҳ буд. Чор-панҳ фурӯзонакҳои калон-калони аз сар то охири давра дар симчӯбҳо овезон тӯйхонаро ба як даста машъал табдил дода буданд. Бар замми ин дар пушти тахти арӯсии навхонадорон чароғакҳои сабзу сурху кабуд ба навбат хомӯш шуда, дармегирифтанд ва мисли рангинкамон ба ҳусни давра ҳусни

дигар зам мекарданд. Садои мусиқӣ омехта бо овози ҳофизе дили торикиро дарида, дар фазои деҳа паҳн мешуд. Баъзан чанд муддат садои мусиқӣ хомӯш мегардиду овози ровии базм ва канда-канда хандаю чапакзании аҳли давра баланд мешуд.

Чанд қадам дуртар аз тӯйхона беморхонаи деҳа воқеъ гардида буд. Фурқат, ҳавони бистсола, ки ба ҳамин қарибӣ аз хизмати аскарӣ баргашта буд, дар сари болини модари бемораш менишасту ҳушу ёдаш ба тӯйхона банд буд. Садои доираю рубобу ғижжак ва базму бозӣ, ки аз он сӯ меомад, ба қалби ӯ чун нештар мехалид, ба асабаш латма мезад. Дилашро гургон чилламасти зимистон тала мекарданд ва ӯ аз сӯзиши дил ба худ ҳойи нишаст намеёфт.

Модар шояд аз ғалаёни дили писар хабар ёфт, ки бо овози ҳазину насиҳатомез:

- Хез, бачем, хона рав, - гуфт.

- Ҳозир.. меравам.

- Хез, ҳушу ёдат ба ҳамун тӯйхона банд, а! Рост хона рав, мабодо ба он тараф тоб хӯрӣ. Биё, бачем, бе бало гардем. Ба тухми духтар қаҳт наомадааст. Ту ҳоло ҳавон, ба ҳар тори мӯят як духтар кашол мешавад. Кордор нашав, бигузор ун пошикаста ҳам, пайи бахташ равад. Пеш аз омадани ту модараш як табақ ош гирифта омад, хеле нишаста, узру маъзураша гуфта рафт. Аз қадим таомули мардуми мо ҳамин, як гулу сад харидор, гуфтаанд. Барои ту ҳам арӯс ёфт мешавад. Ҳозир тоқиро партоӣ, ба болои духтар меафтад.

- Мо якдигарро дӯст медоштем, ӯ маро фиреб кард, - гуфт ҳавон асабиёна.

- Кӣ?

- Бодом.

- Охир ихтиёри духтари бечора дар дасти худаш нест. Падараш ба амакбачааш додаст.

- Ихтиёр дар дасти худаш набошад, ваъда надиҳад буд. Ду соли дар аскарӣ будан чаро роҳи маро поид, чаро хат менавишт? Шавҳар карда равад буд.

- Ду сол хостгор омад, аммо падараш ӯро барои писари амакаш нигоҳ медоштааст. Наход ҳаминро нафаҳмӣ. Духари бечора низ дунё ба умед, гуфта менишаст.

- Ду сол ӯ ба ман мактуб менавишт, изҳори ишқ мекард, - такрор кард бо алам Фурқат.

- Ту, писарам, мардак шудию ҳоло ҳам ба гапҳои китоб бовар карда, дилатро хун мекунӣ

- Ба кадом гапҳои китоб?

- О ба ҳамун ишқу ошиқӣ. Хез, гапа мӯл накуну зудтар ба хона рав, хоҳаронат танҳо.

Фурқат аз ҳой хест.

- Гӯш кун, писарам, боз бероҳа нашавӣ, рост ба хона рав. Ту ахми маро медонӣ, агар ягон гап шунавам, баъд аз худат гила кун. Аз рӯзе ки ӯро фотиҳа карданд, хеле кино мондӣ. Ту гумон мекунӣ, ман намефаҳмам? Ҳамаашро медонам. Бар падараш раҳмат Абдуназар одами бафаҳм, хондагӣ. Агар ягон падари дигар мешуд, поятро зада мешикаст. Куҳоҳоро хотир кард, бепадариатро андеша

намуда, ҳеҳ чиз нагуфт. Ин гапи куҳост, ки шабона таг-таги девори духтари фотиҳа шудагӣ мегардӣ.

- Вай бояд арӯси ман мешуд.

- Бачагӣ накун. Ҳар кас аз тақдиру насибааш мебинад. Бе ҳукми худованд барги дарахт намеҳунбад. Ҳоло ба ту як арӯс меёбам, ки даҳони ҳама боз мемонад.

- Ман дар назди ҳӯраҳоям шарманда шудам. Мегӯянд, ки арӯсатро аз дастат кашида гирифтанд.

- Номаъқул карданд ҳамон ошноҳои бемаҳзи ту. Кадомаш ҳамин гапро мегӯяд? Ту ба гапи онҳо гӯш наандоз, даҳони бекор лаққидан мегиранд. Аммо вақте ба сарат ягон фалокат биёяд, аз дур тамошобин мешаванд. Ту, бачем, поятро ба кӯрпаи онҳо дароз накун. Падарат барвақт гузашт, ҳама умеди ман ба ту, хоҳаронат аз паси зиндагии худашон мешаванд. Пагоҳ соҳиби мурдаю зиндаи ман ту.

Модару писар лаҳзае хомӯш монданд. Палатаи хурд дар ҳукми хомӯшӣ буд. Говмагасе дар атрофи чароғи дар шифт овезон беист давр зада, садои гӯшхарош мебаровард.

- Хез, ҳамон магаса бикуш, шаб хоб рафтан намемонад. Баъд рав. Ҳозир ҳамшираи шафқат меояд, ба ман доруи чак-чак мегузаронад.

Фурқат аз ҳой хеста, дар даст дастпок хеле бо магас дарафтид ва оқибат онро кушту аз палата берун шуд. Дар миёнаҳои долони дарози беморхона мизе гузошта буданд. Кадом беморе дар равшании чароғи рӯимизӣ яқин варақаи бемории худро, ки ҳар рӯз табибон дар он чизе сабт мекунанд, варақ мезад. Аз афташ, беморон низ ба тӯйхона рафта буданд, ҳама ҳо сокит буд. Бемор шарфаи пойро шунида, сар бардошт.

- Ҳа, мулло Фурқат, корҳо чӣ хел? Модарат нагз? – гуфт бригадири колхоз Алимардони гапбӯгин – барои бадзабонию бадсиголияш мардум ба ӯ чунин лақаб дода буданд. - Ду рӯз боз даромада хабар мегирам, мегӯям, дастам намерасад. Як кас омада, як кас меравад наздам. Худат медонӣ, ёру ошно бисёр, авлод калон.

Фурқат Алимардонро бад медид. Пас аз мактабро хатм кардани ӯ Алимардон чанд бор ба ҳар баҳона ба хонаи онҳо омада, ба дили модараш даст андохт, ки духтари ӯро келин кунад, аммо Фурқат қатъиян рад кард. Боре ба худи Алимардон низ гуфт, ки беҳуда овора нашавад.

- Шумо ҳам бемор шудед, амак, ман хабар надоштам, - гуфт бо нармӣ ҳавон.

- Камтар шамол хӯрдам. Сардухтур маҳбур кард, ки даҳ сӯзандору гузаронед, мабодо дард кӯҳна шавад. Барака ёбад, маро мисли падараш ҳурмат мекунад, - гуфт Алимардон ва миёнбанди хилъати патдорашро кушода, аз нав басту гӯё ногаҳон ба ёдаш расида бошад, бо ришханд пурсид:

- Тӯй нарафтӣ?

- Не, - гуфт Фурқат.

- Магар бо арӯс ҳамсинф нестед? Агар хато накунам, Сарвинозҳони ман ҳам бо шумоён меҳонд.

Фурқат ҳарчанд худро ба даст мегирифт, аммо аз ин сўҳбат торафт асабӣ шуда, мехост тезтар аз ин марди лаққӣ халос шавад. Аммо Алимардон фурсатро ғанимат ёфта, мехост заҳрашро чаконад, ба таври худ қасд гирад.

- Сарвинозҳон мехост биёяд, аммо шавҳараш иморат сар кардааст. Баъд худат медонӣ роҳ дур, ҳозир вай дар маркази вилоят зиндагӣ мекунад. Шавҳараша кораш калон. Се дар хонаи чор кас медидагиро вайрон карда, аз нав сохтанианд. Домодамона, худо умраша диҳад, дасташ дароз, ана-мана нагуфта буд мекунад.

Фурсат хост аз ў дур шавад, аммо Алимардон дасти ўро дошта гуфт:

- Ғам нахўр, додарам, агар вай писанд накарда бошад, осмон омада ба замин начаспидааст. Як дари бастаю сад дари кушода, гуфтаанд.

- Кӣ писанд накард? – худро ба нодонӣ зад Фурқат.

- О ҳамун духтари Абдуназар…

- Кӣ гуфт ин гапа ба шумо?

- Надонам, мардум мегўянд, ки хеле аз пасаш давидӣ, аммо вай сағир, камбағал гуфта, рад кардааст. Гапи мардум, рост аст, дурўғ аст.

- Шумою мардум ба ғайр аз тўҳматбофӣ дигар кор надоред.

- Даҳони мардума баста намешавад. Бўйи гап, ки баромад, мисли шамол ба чор тараф паҳн мекунанд.

Фурқат дигар ба гапҳои ин марди баддаҳан эътибор надода, бо димоғи сўхта аз дохили беморхона берун шуд ва аз байни растаи гулҳои гуногунранги дар ту тарафи роҳрави симонпўш сафкашида гузашта, ҳониби дарвозаи калон рафт. Аммо боз аз райъаш гашта, аз ҳўйбори начандон калон ҳаҳида гузашту дохили боғи беморхона гашт. Дарахтони себу нок ғарқи мева буданд. Ҳавон аз шохи паст себеро канду онро бо остинаш пок карда, газид. Аммо аз турши он дилаш беҳузур шуда, бо нафрат ба замин туф кард.

Ҳофизе гулў даронда, дар ҳавои мусиқии берабт суруд мехонд.

Арўсу домод ба ҳам монанданд,

Э арўсу домод ба ҳам монанданд…

«Номаъқул кардӣ! – худ ба худ гуфт Фурқат. – Домод як маймуни таппа-тайёр. Аммо арўс…»

Ҳавон дар сар ҳар гуна андешаҳои ҳигарсўз ба кунҳи боғ рафта, аз сари девори паст ба тўйхона чашм андохт. Аз торикӣ тўйхонаи дар партави чароғи электр рахшон баръало менамуд. Давра калон буд. Ба ҳуз сари миз нишастагон, занону духтарон ва кўдакону наврасони зиёде гирд ба гирди давраро ҳалқавор печонида, базмро тамошо мекарданд. Нохост се нафар писарбачаҳо аз қаноти рости давра тозон ҳониби Фурқат омада, дар бехи дарахти зардолу, ки ба девор часпида буд, нишастанд ва табақи ошро дар байнашон гузоштанд.

- Ин ошпазро аз куҳо ёфта бошанд, - норозиёна ғурингид ҳамон писарбачае, ки дар дасташ табақи ош аз ҳама қафо омада буд. – Як гўшти зиёдатӣ андоз гуфтам, розӣ нашуд.

- Ҳозир инашро хўрем, ман худам меравам, - гуфт писарбачаи қаддароз, ки дар байнашон аз ҳама калонсол менамуд. – Ошпаз маро ҳамроҳи шумо надид-ку!

- Рост, - розӣ шуданд ҳамроҳонаш ва хомўш ош хўрданд.

Фурқат каме дуртар аз онҳо ҳамоно ба давра менигарист. Аммо ҳарчанд кӯшид, арӯсро дида натавонист. Вай, арӯс, аз анбӯҳи одамони зиёд наменамуд. Мусиқӣ ба охир расид ва дар тӯйхона нисбатан оромӣ ҳукмфармо гашт. Бозингарон давраро тарк гуфтанд ва дере нагузашта овози раиси давра баланд шуд. Вай инак бори чандум ба таърифу тавсифи арӯсу домод пардохт. Ин суханҳо ба гӯшаи Фурқат чун хор мехалиданду лаҳза ба лаҳза ҳисси интиқомаш ҳӯш мезад, дар сараш ҳар гуна нақшаҳои интиқомро мекашид: дар хаёлаш тозон дохили давра шуда, аз гиребони домод мегирифту дар пеши назари ҳама ӯро ба тахтаи пушт ба замин мехобонд; мисли қаҳрамонони филмҳои ҳиндӣ савори асп барқвор дохили давра шуда, арӯсро ба асп шинонда, ба дуриҳои дур мебурд; аз дасти ҳофиз баландгӯякро гирифта, ба назди арӯс мерафту бо сӯзу гудоз аз бевафоии ёр суруд оғоз мекард ва ашки чашмони арӯсро шашқатор мерезонд. Арӯс дигар тоқат карда натавониста аз бари домод худро дур мегирифту оғӯш кушода ҳониби Фурқат медавид…

- Акнун ту рафта як табақ биёр, мо ҳамин ҳо туро мунтазир мешавем, - гуфтани писарбачаҳо Фурқатро аз олами андешаҳо берун кард.

- Агар надиҳад чӣ? – ин овози ҳамон бачаебуд, ки бояд барои ош мерафт.

- Ба Самеъ гӯй, гирифта медиҳад. Охир ин тӯйи онҳо, наход ошпаз гапи ӯро нагирад. Гӯй, ки агар надиҳад, тӯяшонро вайрон мекунем.

- Чӣ хел вайрон мекунем? – баробар пурсиданд ду нафари дигар.

- Осонакак. Масалан, барқро хомӯш мекунем.

- Барқро?

- Ҳа.

- Чӣ хел?

- Дар кӯча ба сими он ягон сими дигар мепартоем, халос. Дар як миҳҳа задан мемурад ва тӯйхона ба мотамхона табдил меёбад, саг соҳибашро намеёбад, домод - арӯсашро.

Фурқатро аввал аз ин усули интиқомгирии бачаҳо хандааш омад, аммо баъд он ба худаш низ маъқул шуд. Чаро не? Имшаб дар тамоми деҳа ҳеҳ нафаре мисли ӯ ба вайрон кардани тӯй ҳавасманд набуд. Зеро Фурқат худро таҳқиршуда меҳисобид, арӯсро хиёнаткор… домодро чашми дидан надошт. Аз хандидани бахт ба рӯйи ӯ рашкаш меомад, раги бахилиаш мехест. Фурқат хаёлан тӯйхонаи дар торикӣ ғутидаро тасаввур карда, табассум дар лабонаш гул мекард. Ӯ баръало медид, ки чӣ хел арӯс аз вайрон шудани тӯйи худ ашк мерезад ва то охири умр аз ин алам халос намешавад. Пир шавад ҳам, агар сури арӯсии ҳуфтеро бинад, тӯйи ба мотам табдил ёфтааш ёдаш меояду ҳигараш пора-пора мешавад.Домод чӣ? Кайфи ӯ низ мепарад…

Фурқат дар банди чунин андешаҳо оҳиста аз тӯйхона дур шуд. Ӯ аллакай дар сар нақша кашида буд ва ахлотпартои беморхонаро таку рӯ карда, як метр дарозтар сими алюменӣ ёфту оҳиста аз болои девори боғ гузашта, ба кӯчаи калон баромад. Кӯча сокит буд. Чароғҳои баъзе айвонҳо аз анбӯҳи дарахтон ба зӯр менамуданд. Фурқат аз тӯйхона такрибан дусад – сесад метр дуртар рафта, сими дасташро ба хати барқ, ки қад-қади роҳи мошингард кашида шуда буд, партофт. Бори аввал сим хато рафт ва се - чор қадам дуртар аз Фурқат ба замин афтод.

Ҳавон аз нав онро бардошта, ин дафъа бо эҳтиёт ҳаво дод ва симпора ба ду хати барқ печиду ногаҳон чароғи ҳавлиҳои гирду атроф якбора хомӯш шуданд. Сагҳо пасу пеш ба аккосзанӣ даромаданд. Акнун ҳойи садои мусиқиро овози сагҳо пур мекард. Аз тӯйхона садои ҳуштаккашӣ ва нидои таассуф меомад.

Фурқат аз кардаи худ қаноатманд зуд аз ҳойи ҳодиса дур шуд. Вай аз бими он ки мабодо касе ӯро шиносад, зуд аз роҳи мошингард берун шуда, ба тангкӯча дохил шуду тез-тез қадамзанон ҳониби дарё сарнишеб рафт.

Нисфи шаб дарвозаи онҳоро кӯфтанд. Фурқат ҳарчанд бедор буд, аз ҳой нахест. Пас аз чанд дақиқа дар берун ғибир-ғибир овоз омад ва дере нагузашта дари хонаи хоби ӯро кушода, додараш Салоҳ даромад. Чароғ фурӯзон шуд. Салоҳ бо овози ларзон:

- Хез, ака, аҳволи очам бад шудааст, - гуфт.

- Кӣ гуфт? – кӯрпаро аз сандуқи синааш дур партофта, ҳаста аз ҳогаҳ хест Фурқат.

- Қаровули беморхона омада буд. Мегӯяд, ки зуд расида биёед.

- Ман ҳамин бегоҳ хабар гирифтам, нағз буданд, - гуфт Фурқат ҳайраташ бештар афзуда.

- Намедонам, баъд аз дору гузаронидан аҳволаш бад шудаст, - гуфт додараш ва берун баромад.- Зудтар бош, меравем.

Онҳо зуд ба беморхона расиданд. Модар дар кати худ ба пушт мехобид, чашмонаш пӯшида, вазнин-вазнин нафас мекашид. Ҳамшираи шафқат бо дастпоки сафеди бегул тез-тез ӯро шамол медод. Ҳарду тирезаи палата ба тарафи боғ калон кушода шуда буд. Дар назди кат таҳҳизоти доручаконӣ меистод. Дар он шишаи андарунаш моеъи зардранг чаппа гузошта шуда буд. Сӯзани ба даҳони шиша халонидашуда бо рӯдаи борик ба дасти бемор пайваст буд. Аз дохили рӯдаи борик моеъ оҳиста-оҳиста ҳаракат карда чак-чак мечакид.

- Чӣ гап шуд? – пурсид Фурқат, дасташро ба пешонии модар гузошта. – Чаро табаш ин қадар баланд?

Ба ин саволҳои ӯ касе ҳавоб надод. Ҳамшираи шафқат оҳиста аз палата берун шуд ва дере нагузашта ҳамроҳи духтури навбатдор баргашта омад. Духтур, ҳавони қоматбаланд, ки хилъати сафеди устокорона уттӣ шуда, ба танаш хеле шинам афтода буд, амонат дар лаби кат нишасту ба дасти рости бемор сӯзандору гузаронд.

- Чӣ гап шуд? – такрор пурсид Фурқат.

Духтур сӯзандоруро ба лаби ҳевонча гузошта, ҳойи сӯзанро дар дасти бемор бо пахта тоза кард ва аз ҳой хест.

- Вақти чак-чак мондан барқ хомӯш шуд… сӯзан хато рафтааст. Ҳамшира саросема шуда, раги асабро лат додааст.

- Акнун чӣ мешавад?

- Намедонам.

- Ту чиро медонӣ?! – аз гиребони духтур гирифт Фурқат. – Агар ба модарам ягон гап шавад, саратро мебурам.

- Айби ман чӣ?

- Пас айби кӣ?

Айби… барқ.

Салоҳ онҳоро аз ҳам ҳудо кард.

- Ба болои меҳнат боз шатта ҳам хўрдем, - гуфт духтур гиребони халаташро рост карда. – Ташаккур!

- Бубахш… намехостам, - узр пурсид Фурқат.

Духтур аз палата берун шуд. Бародарон аз модар, ки ба зўр нафас мекашид, чашм намеканданд. Ҳамин вақт сардухтур низ расида омад. Вай баъд аз муоина кардани бемор ба ҳамшира фармон дод:

- Зуд ронандаро бедор кун! Беморро ба беморхонаи ноҳия бурдан лозим. Чашмат кўр буд магар?! – чашм ало кард сардухтур ба ҳамшираи шафқат. Чанд сол боз кор мекунию сўзандору гузаронданро ёд нагирифтӣ.

Ҳамшираи шафқат лом нагуфта аз қафои сардухтур берун баромад..

- Худоё, шармандамон накун, - зери лаб пичиррос зад сардухтур.

- Духтур, магар аҳволаш вазнин аст? – пурсид бо овози хаста Фурқат.

- Вазнин ҳам гап… Агар зинда монад ҳам, гап заданаш ба гумон. Ин барқи мо мисли светафор... Баъди шунидани ин хабар ба маркази ноҳия занг задам. Мегўянд, ки айб дар деҳа, мо барқро хомўш накардем.

То аз хоб хеста, дасту рўй шустани ронада бародарон дар долони беморхона мунтазир шуданд.

- Агар одами барқа куштагиро ёбам, зинда пўст меканаму… - ҳақорати қабеҳ кард Салоҳ. – Ин оқипадарон дигар кор надоранд. Ҳар намози ҳумъа…

- Биё, назди очам равем, - сухани ўро бурид Фурқат ва ҳониби палата рафт.

Антогонизм

Ба ёди бародари ҳавонмаргам Рустам Маҳидов

Онҳо, яке марди газгўшти сиёҳҳурда ва дигаре қадпасти кулўла , ки риши кўтоҳ қайчизадааш мисли ангишт сиёҳ буд, дар чойхонаи лаби рўд нишаста, чой менўшиданд. Марди газгўшт, ки Ёқуб Раҳмон ном дошт, чандин сол дар мактаби деҳа муаллиӣ карда, ҳамин қарибиҳо ба нафақа баромада буд. Ҳамнишасти ў – Ҳоҳӣ Халил то дирўз ба ном дар кадом корхонаи ноҳия кор мекард, аммо рўзаш ба савдогарӣ мегузашт. Чанд сол пеш барои ин амали ғайриқонуниаш якуним сол дар маҳбас низ нишаста буд. Аммо ҳозир вай одами обрўманди деҳа буд. Бо кўмаки ду писари тоҳираш ду маротиба ба зиёрати хонаи худо мушарраф гардид. Акнун пиру ҳавони деҳа ўро бо эҳтиром Ҳоҳӣ Халил ва ё Бобои Ҳоҳӣ ном мебурданд. Аммо баъзан дар ғайбаш Халил-макарон низ мегўянд. Таърихи чунин лақаб гирифтани ў бисёр аҳиб аст. Онро на танҳо дар Сангоб, балки сокинони деҳоти атроф низ нағз медонанд.

Чанд сол қабл, Халил, ҳангоми ба савдогарӣ машғул буданаш, боре ба Душанбе рафта, дар Фурўшгоҳи марказӣ барои харидани як навъ матои серхаридор дар навбат меистад. Аммо дар ноомади кор ҳоло навбати ў нарасида, фурўшанда эълон мекунад, ки дигар беҳуда навбат напоянд, матоъ тамом шуд. Халил ҳамроҳи чанд нафар бахтбаргаштагон маъюс мешавад ва пас аз пароканда шудани

харидорони дигар аз фурўшанда илтиҳо мекунад, ки бо нархи баланд бошад ҳам, аз ҳамон матоъ як тўб пайдо кунад. Аммо фурўшанда ҳавоби рад медиҳад. Ҳамин вақт як марди хушлибоси зиёинамо Халилро ба гўшае бурда мегўяд: Мебинам, ки аз роҳ дур омадаеду ноумед шудед. Агар ҳамин навъ матоъ бисёр зарур бошад, метавонам ба шумо ёрӣ расонам. Хулоса гапашон мепазад ва Халил дусад сўми дар ҳайбаш бударо ба он мард медиҳад. Мард бошад, дипломати дар дасташ бударо ба ихтиёри Халил гузошта, таъкид мекунад, ки эҳтиёт кунад, дар даруни он ҳуҳҳатҳои муҳим дорад. Ва мард ба дари даромади хизматчиёни фурўшгоҳ даромада меравад.

Халил қариб як соат дар дами дар роҳи марди ҳоҳатбарорро мепояд. Аммо аз ў дараке намешавад. Оқибат тоқати Халил тоқ шуда, ба як милиса арз мекунад. Милиса ба ў мефаҳмонад, ки ин дар ба ҳавлии фурўшгоҳ мебарояд ва ҳавлӣ ду-се дарвозаи баромад дораду ў, Халил, ба доми қаллобе афтодааст. Баъд Халил дар ҳузури милиса дипломатро мекушояд, ки он пур аз макарони арзон.

Ҳамин тариқ лақаби «Макарон» ба гўши Халил ҳалқа шуд.

Дар чойхонаи хурдакак ҳамагӣ чор кати чўбин гузошта шуда буд. Онҳо яке аз он катҳоро соҳибӣ карда, дар ду кунҳи он рўи кўрпача менишастанд. Дар байнашон як чойник чой ва дар лаълича як каф қанди печак гузошта шуда буд. Ҳарду ба фурҳа чой менўшиданду аз ҳар дар сўҳбат мекарданд.

Ҳамин вақт каме дуртар аз чойхона мошини милисионери деҳа омада истод. Милиса ҳамроҳи ду зан аз мошин фуромад ва сипас сандуқи қафои мошинро боз карда, як сўмка ва ду халтаи пурборро берун оварда, ба замин гузошт.

- Бизнесменҳо омаданд, - гуфт Ҳоҳӣ Халил, пиёлаи дасташро болои дастархон гузошта. – Чӣ оварда бошанд? Акнун занону духтарони деҳа ду-се рўз хобу хўрро гум мекунанд, кисаи чанд камбағал холӣ мешавад, - табассуми фарох кард вай.

- Намедонам чӣ хел замин ин ду қаллобро мебардорад, - гуфт Ёқуб Раҳмон.

- Беминнат лозимиатонро ба дари хонаатон оварда диҳанд, боз қаллоб мегўед, - изҳори тааҳҳуб кард Ҳоҳӣ Халил.

- Чӣ гўям? Фаришта! Чӣ хел қаллоб нагўям, ки ба духтарам ду метр куртавориро моли хориҳӣ, моли нағз гуфта, аз нархи аслиаш якуним баробар гарон фурўхтаанд.

- Шумо нархи аслии онро аз куҳо медонед?

- Парерўз ба маркази ноҳия рафта будам, дар як дўкон тасодуфан чашмам афтид. Нархаша пурсида, ҳангам канд. Аз маркази ноҳия то деҳаи мо ҳамагӣ панҳоҳ километр. Наход… Фоидаи медидагиашон насиб накунад, ин инсофашона гург хўрдагиҳора!

- Онҳо ҳамон либосворирро ба сари духтари шумо маҳбур бор накардагистанд?

- Албатта бор накардааст ва бор карда ҳам наметавонад. Аммо инсон бояд лафзи ҳалол дошта бошад, адлу инсофро донад. Духтарам ҳамон куртаро як об гирифта буд, ки рангаш парида, мисли латтаи кўҳна шуд… Боз шуморо қаҳратон меояд, ки чаро қаллоб мегўӣ!

- Қоидаи бозор ҳамин – бардорат зам кун, набардорат кам кун, гуфтаанд.

- Инсоф чӣ?! Дасти мардуми бечораро кўтоҳ дида, талаву тороҳ кардан даркор набудагист.

- Э маълим, - даст афшонд Ҳоҳӣ Халил, - шумо аз зин фуромада бошед ҳам, аз узангу нафаромадаед. О вай фоида набинад, девона шудааст, ки ба чор тарафи дунё давида, савдогарӣ мекунад. Агар ба ману шумо молро ба нархи худаш оварда диҳад, хароҳоти роҳро аз кисаи кӣ пӯшонад?

- Болонархӣ монад, аммо бо эбаш.

- Росташро гӯям, шумо ба сарфаҳми ин корҳо намеравед. Беҳуда оташин шуда, сари худатон ва сари дигаронро гаранг накунед.

- Шумо сарфаҳм меравед, ришханд зад Ёқуб Раҳмон.

- Ман сарфаҳм меравам, албатта.

Занҳо ба милиса чизе гуфтанд, ки вай аз таҳти дил баланд хандид ва сипас хушҳолона ба мошинаш нишаста, онро ба самти муқобил гардонд ва чанги заминро ба ҳаво хезонда, бо суръати тез ҳониби идораи колхоз ронд.

- Аҳаб замонҳое шуд, а! – гуфт Ҳоҳӣ Халил, аз қафои мошин чашм наканда. - Милисаҳо дар хизмати савдогарон. Аммо ман… якуним сол умри ҳавонамро дар он ҳо хазон кардам. Барои чӣ!

- Гунаҳкор будед, қонуну қоидаи давлата вайрон карда будед, - гуфт Ёқуб Раҳмон, лабонаш моил ба табассум.

- Ҳеҳ гуноҳ надоштам. Мисли ана ин ду заиф савдогарӣ мекардам. Ҳам ҳоҳати мардумро мебаровардаму ҳам ризқу рӯзии бачаҳоямро меёфтам. Магар ҳамин кор гуноҳ аст?!

- Моли давлата аз магазинаш харида, бо нархи гарон ба халқ мефурӯхтед. Он вақт ин ҳиноят ҳисоб мешуд, мардумфиребӣ буд.

- Ҳм… мардумфиребӣ… О ҳамун мардум дар орзуи моли нағз мемурданду дар магазини давлат пайдо карда наметавонистанд-ку! Ман бошам, шаҳр ба шаҳр гашта, ёру ошноҳоямро ба кор андохта, ба фурӯшандаҳо болонархӣ дода,онҳоро ёфта меомадам. Бар зами ин роҳкиро медодам. Душанбеву Маскав паси кӯча нест, ки пиёда рафта биёӣ. Мардум, ки мӯҳтоҳ буданд, ба гарониаш нигоҳ накарда мехариданд. Онҳо хурсанд, ман – розӣ. Ин кор чӣ ҳои гандагӣ дорад!

- Ун давлат қонуну қоидаҳои одилона дошт. Агар касе онҳоро вайрон кунад, беҳазо намемонд.

- Ҳозир ҳазо намедиҳанд-ку! Худи давлат ба воситаи радиову телевизораш мегӯяд, ки ба савдогарӣ машғул шавед, аз кадом кунҳи дунё бошад, мол оварда фурӯшед. Мешудааст-ку!

- Ҳозир замони қаллобу муштзӯрҳо… ҳар кас худаш медонаду дави аспаш. Барои онҳо ба ғайр аз пул дигар ягон чизи муқаддас вуҳуд надорад. Хулоса, корди қаллобу шӯъбадабоз болои равган. Аммо ун давлат дигар буд, зӯр буд вай!

- Э гӯр ҳам набуд! Ҳамаро тайёрхӯр карда буд. Намемонд, ки одами чашмикордон озод нафас кашад.

- Яке аз чашмикордон шумо будед?

- Ҳа, ман будам! Ягон гап дорӣ?! Хуб шуд, ки ҳамун давлат дафъи мӯминон шуд! – якбора даргирифт Ҳоҳӣ Халил.

- Ҳаромгулӯҳоро чашми дидан надошт ун давлат, - гуфт Ёқуб Раҳмон оромона, - нони даҳонатро ҳалол меҳнат карда ёб, мегуфт.

- Чӣ, ҳозир магар одамон ҳалол меҳнат намекунанд?

- Мекунанд. Аммо рўзашон базўр мегузарад. Лекин давлати қаллобу фиребгарон рўз аз рўз зиёда мегардад.

- Э бас кунед! Шуморо кӣ маълумоти олидор мегўяд.

- Сухани ҳақ сахт мерасад, а!

- Ба кӣ? Ба ман!

- …

- Гапатро дониста зан, ҳулҳундӣ! Ҳурматат кардам наёз, аз худ нарав, - ба «ту-ту» гузашт Ҳоҳӣ Халил.

Ин муомила ба Ёқуб Раҳмон сахт расида бошад ҳам, ғалаёни дилашро ошкор насохта, ба ҳамон оҳанг суханашро идома дод.

- Масалан, шумо мисли ман нафақахўр… Аз куҳо пул ёфта, ду бор ба ҳаҳ рафта омадед?

- Аввало ин ки, ту ҳамсанги ман нестӣ, худатро бо ман ба тарозу наандоз. Сониян, шукри худо, ман ду гулписар дорам, ки кўҳро зананд талқон мешавад. Мисли писари ту рўзи дароз муши коғазхўр барин дар мактаб пилмида намегарданду аз паи зиндагиянд, тиҳорат мекунанд, дар бозор инро ба он зада пул меёбанд. Ту палаҒдамаҒзи маълумоти олидор медонистагистӣ, ки тиҳорат кардан гуноҳ нест. Ҳатто пайғамбарамон Муҳаммади Мустафо ба тиҳорат машғул буданд ва мардуми тоҳирро дўст медоштанд. Кару кўр набудӣ, нағз медонӣ, ки ман аз пули бачаҳоям ба ҳаҳ рафтам.

- Дуруст, пайғамбарамон дарҳақиқат тоҳирони баинсоф ва баимонро дўст медоштанд. Лекин шумо боре боре аз худ пурсидед, ки пули бачаҳои тоҳиратон меёфтагӣ ҳаром аст, ё ҳалол? Одам аз ҳамун пул ба ҳаҳ равад, зиёраташ қабул мешавад, ё не?

- Ҳой, ту бедин ҳарому ҳалолро чӣ медонӣ?! Магар ту набудӣ, ки чанд сол пеш дар мактаб бачаҳоро ту пинҳонӣ намоз мехонӣ, рўза мегирӣ гуфта, истинтоқ мекардӣ. Ё аллакай аз ёдат рафт! Ту фаромўш карда бошӣ ҳам, халқ фаромўш намекунад.

- Ман чӣ хел муаллим будам, халқ нағз медонад. Шумо аз номи халқ гап назанед. Лекин одамон дар бораи шумову писаронатон чӣ мегўянд донед, зарар надорад.

- Чӣ мегўянд?! – аз ҳой нимхез шуд Ҳоҳӣ Халил.

- Медонед, ки писари калониатон дусад килло анори Салим-боғбонро, ки ба нияти сари писарашро ҳуфт кардан бо як азоб то чиллаи зимистон нигоҳ дошта, фурўхтанӣ шудааст, бо тақал дуюним сомонӣ харида, дар бозори Душанбе кўтара ҳар киллояшро панҳ сомонӣ ба савдо задаст. Ку, марҳамат карда гўед, магар як бечораро фиребида, молашро муфт гирифта, сипас ба болояш як ракат нарх монда фурўхтан, қаллобӣ нест магар! Ин гапи куҳо, ки савдогар баробари боғбону деҳқон даромад бинад.

Ёқуб Раҳмон, ки ин гапҳоро бо ҳаяҳону ғазаб ба забон овард, нафасгир шуд. Ў чанд лаҳза гўё таъсири сухани худро санҳидан мехоста бошад, хап ба рўи Ҳоҳӣ Халил дида дўхт.

- Медонистам, ки ману писаронамро бад мебинӣ, аммо то ба ин дараҳа буданашро чашмдор набудам, - Ҳоҳӣ Халил лаҳзае хомӯш монд ва баъд якбора шӯрид. – Мур, сӯхта-сӯхта мур, ҳасудхӯр!

- Ту мур, беимон! – паст наомад Ёқуб Раҳмон. – Ман ба боигарии ту қоил нестам ва қасам ба ҳама муқаддасоти олам ҳасад бурдан ба гӯшаи хаёлам ҳам наомадааст. Ин гапҳоро барои он гуфтам, ки ту беномӯс ҳаддатро шиносӣ, бо нӯки биниат осмонро нахарошӣ. Вақте дар маъракаҳои мардум бе пӯшт-пӯшт ба пешгаҳи давра мегузарӣ, як бор андеша кунӣ, ки оё он ҳои туст?

- Алам кард! – аз ғояти ғазаб нимхез шуд Ҳоҳӣ Халил. – Як замон ту бологузар будӣ, мо ягон гап мегуфтем? Акнун ту ҳам тоқат кун. Медонам, душвор аст, алам мекунад, аммо мардонавор тоқат кун. Осиё ба навбат, - беҳуда нагуфтааст халқ.

- Агар ту арзанда бошӣ, ки тоқат кунам. Лекин вақте мис даъвои тилло будан мекунад, тоқатам тоқ мешавад, эй бенрмӯс!

- Ман беномӯсам ё ту? – заҳрханда кард Ҳоҳӣ Халил.

- Ту, албатта. Беномӯс набошӣ, як поят дар лаби гӯру ришат то ҳол сафед намешавад?

- Э ту худат кистӣ, ки бо ман туву ман мекунӣ! – беихтиёр домани яктаҳашро афшонда, аз ҳой хест Ҳоҳӣ Халил. - Аҳмақ набошам, вақти ғанимати худро беҳуда сарф карда, сафсатаҳои ту бемағзро гӯш карда мешинам. Садқаи гап шавӣ ту, гадо.

Вақте Ҳоҳӣ Халил аз зинаҳо мефуромад, бо Искандар-қассоб дучор омад.

- Искандарбой! – гуфт вай бо овози баланд мад кашида. – Дина таъин кардам, наомадӣ?

- Дар хона набудам, Ҳоҳӣ-бобо, - гуфт Искандар-қассоб, бо ӯ дудаста вохӯрдӣ карда, - тинҳӣ буд?

- Ҳамон гӯсфанди парвоиро кушта медодӣ.

- Дина писаратон як пои гов гӯшт харида буд, аллакай тамом шуд?

- О ту медонӣ-ку, ман гӯшти гов намехӯрам… Забҳи гӯсфандро низ то ба чашмонам набинам, гӯшташро намехӯрам.

- Қассобҳо гӯшти фурӯширо низ бо дасташон мекушанд, - хандид қассоб.

- Оббо, гапа бисёр накарда, биё! – норозиёна гуфт Ҳоҳӣ Халил. - Мошин фирист гӯӣ, шукри худо дар ҳавлӣ се мошин ҳаст, бифиристам.

- Меоям, Ҳоҳибобо, - гуфт қассоб даст пеши бар. – Мошин лозим нест.

- Ҳа, биё, бачам, дуо мекунам, - гуфт Ҳоҳӣ Халил ва қоматашро рост гирифта, роҳашро идома дод.

- Э рӯи ту барин ҳалолхӯр сиёҳ, - гуфт Ёқуб Раҳмон, бо нафрат ба замин туф карда ва баъд аз чанд дақиқа ӯ низ аз чойхона баромада, сараш хам ҳониби хонааш рафт.

Қадри одам

Бозор серодам буд. Одамон пайи ризқу рӯзии худ, дар сар ҳазору як андешаю нигоҳашон ба чор тараф парешон мерафтанду меомаданд. Савдогар то метавонист ба ҳазор забон моли худро васф намуда, ҳар нафари даргузарро сӯйи

худ ҳалб кунад. Харидор бошад, нигоҳи харидоронаашро дуздида-дуздидаю зиракона ба молҳои гуногун афканда, меандешид, ки чӣ тавр моли хуб, ҳамзамон арзон биёбад. Хулоса, дар бозор ду андеша дар набард буд: қиматию арзонӣ, фиребу ростӣ.

Писарбачае дар даст як зарфи аз чиркинӣ ранги аслиаш номаълум, ки андаруни он риштавор дуди ҳазориспанд печ хўрда мехест, дар байни одамон гашта, зарфро ҳониби ҳар кас дароз мекард. Вай чунон саргарми ин машғулият гашта буд, ки аз тела додану носазо гуфтани баъзе одамон парвое надошт. Бисёриҳо умуман ба ин амали ў эътибор надода, гузашта мерафтанд, баъзеҳо норозиёна сўяш чашм ало мекарданд, ё ба аломати таассуф сар меҳунбонданд. Боз буданд нафароне ки аз роҳ бозистода, аз дуди дохили зарф чуқур-чуқур нафас кашидаю дасти худро ба дами дуд дошта, ба чашм тўтиё мекарданд ва бо ҳисси қаноатмандӣ ба писарбача пул медоданд. Одатан писарбача зуд пулро ба ҳайбаш андохта:

- Ҳазориспанд! Ҳазориспанд! Ба ҳазор дард даво аст, мушкилатонро осон мекунад, пеши савдоятонро мекушояд! – гўён овоз меандохт ва ҳар замон ба дохили зарф пуф мекард, то дуди ҳазориспанд баландтар хезад. Ҳар гоҳе писарбача ин амалро такрор менамуд, ба атроф бўйи хуши ин гиёҳи шифобахш паҳн мегардид.

- Ҳазориспанд! Ҳазориспанд! Ба ҳазор дард даво аст, мушкилатонро осон мекунад, пеши савдоятонро мекушояд! – аз нав овоз баланд мекард писарбача аз қафои одамон.

Аббос аз айвони чойхонаи канори бозор ин ҳама гирумон ва рафтану омаданҳоро назора карда, меандешид, ки мўрчаро мемонад одамизод. Мекашонаду мекашонад, доимо дар ҳунбуҳўл аст, ҳеҳ тамомшавӣ надорад кораш. То марг гиребонашро нагирад, аз ҳунбуҳўл қарор намегирад. Ба худо содаянд ин мардум!

Аббос, ки аз хурдӣ, ба қавле, ҳеҳ гоҳ миёнашро ҳиззӣ накунонида буд, ба мардуми меҳнаткаш ҳам дилаш месўхту ҳам аҳабаш меомад, ки чӣ тавр метавон ҳар рўз дунболи як кори вазнинро бигирию ин қадар ҳон коҳонӣ. «Дидаю дониста ҳони худро дар азоб мемонанд, барои ба даст овардани даромади муфт чорае намеандешанд» - аз дил мегузаронд вай. Солҳои пешин барои ў низ душвор буд, милисаҳо, ба қавли худаш, хеле ғам медоданд ўро. Аммо аз бозе ки дар ҳумҳурӣ гирдиҳамоию шўру валвала оғоз шуд ва оқибат он ба бетартибию қатлу ғоратгариҳо мубаддал гашт, ҳони Аббоси авбош аз нав дамид. Акнун милисионерҳо серташвиш буданд, бозор андаке беназорат монд, ба ҳоли худаш гузоштанд онро. Бар замми ин иқтисоди бозоргонӣ авҳ гирифту ҳама мардуми бекор худро ба савдо заданд. Мардум оҳиста-оҳиста соҳиби пулу мол мешуданд ва ин аз чашми муштзўрону дуздон пинҳон намемонд. Бинобар ин, Аббосу ҳамтабақонаш вазъиятро ғанимат шуморида, доираи амалиёти худро васеъ паҳн карданд. Ба шикори бозоракиҳо қонеъ нашуда, ба хонаю дари мардуми доро, дўкону мағозаҳои калон ва соҳибони онҳо чашм ало мекардагӣ шуданд. Дигар онҳо авбошакони пешина набуданд, аз ҳар нигоҳи бегона намеҳаросиданд, баробари пайдо шудани ягон милисионер мисли барги бед намеларзиданд.

Овозашон баланд, сарашон боло, қадамониашон тезу гурссосӣ шуда буд. Алалхусус обрӯи Аббос дар бозор хеле баланд шуд. Савдогарону тоҳирон ва дуздони бозор ӯро, албатта аз тарс, иззату икром мекарданд. Дуздбачаҳо дар гирдаш парвона мешуданд, бе имдоди ӯ як қадам намемонданд. Метарсиданд, ки мабодо ба ғазаби ӯ гирифтор шаванд. Ҳар бегоҳӣ ғаниматашонро оварда пешаш мегузоштанд ва ҳарчи ӯ барои худ ҳудо мекард, бо ду дасти адаб бароварда медоданд. Аз чунин тағйир хӯрдани вазъият Аббос хурсанд буд, рӯз аз рӯз ҳисси изатталабиаш боло мегирифту бо биниаш осмонро харошида мегашт. Милисаҳои бозор низ оҳиста-оҳиста дар пеши ӯ сар хам мекардагӣ шуданд. Дигар онҳо на танҳо ӯро таъқиб намекарданд, балкибоадабона дудаста ҳамроҳаш вохӯрдӣ менамуданд ва мекӯшиданд, ки зиёд ба чашми ӯ нанамоянд. Чунки акнун Аббос ба онҳо фармон медод, кор мефармуд. Ҳатто кор то ба ҳойе расид, ки онҳо аз ошхонаҳои бозор барои ӯ хӯроки пешин меоварданд ва Аббос дар утоқи кории онҳо табъи дил шикамашро сер мекард. Ҳамин гуна бесарусомониҳо ба вуқӯъ омада буд. Кормандони ҳифзи ҳуқуқ муддате сари колобаи корро гум карда буданд ва боз барои онро ёфта, дар атрофи меҳвари худаш тоб додан, вақт лозим буд. Тоифаи авбошон фазои холиро зуд ғасб карда, ба ҳавлон омаданд ва то ба худ омадани ҳомиёни қонун доди беадолатиро доданд.

Зани болобаланди зардинае, ки чашмони шаҳлои кабуд, синаи дамида ва қошҳои заркорона чидаашу мижгонҳои мисли химчаи тар сурма задааш дили бинандаро мебурд, зуд диққати Аббосро ба худ ҳалб кард. Зан дар назди мӯйсафеди пиёзфурӯш рост истода, харид мекард. «Дар куҳо дида будам ин беваро? – зӯр зада ба хотир овардан мехост Аббос. – Чеҳрааш шинос… дар куҳо?»

Мӯйсафед пиёзро баркашида ба борхалтаи зан андохту вай бо ӯ ҳисобӣ карда, ҳониби дарвозаи бозор рафт.

«Меравад, - аз ҳой хест Аббос, - ин сайди зеборо набояд аз даст дод». Вай бо ҳамин андеша аз зинаҳо поин шуда, чашмаш ба марди зиёинамое, ки лабашро ба ҳумаки оби дар байни бозор гузошташуда монда, об менӯшид, афтиду дарҳол дар куҳо дидани занро ба ёд овард: Зани муаллим Баҳодуров! Аббос аз ин бозёфти худ мисли олиме ки баъди чандин соли таҳқиқот оқибат дар илм ихтирои бузурге мекунад, якбора дилаш равшан шуд. Ана вохӯрӣ!

Аббос одамонро тела додаю ба китф зада, ҳониби дарвозаи бозор рафт. «Ҳойи зисташро муайян кардан даркор!» - аз дил гузаронд вай.

Занак аллакай аз бозор берун шуда, роҳи мошинро гузашта буд. Аббос мисли гурге ки сайди худро дунболгирӣ мекунад, ноаён аз пайи зан ба роҳ даромад. Даҳ-понздаҳ қадам дуртар мерафт аз қафои ӯ. Зан аз назди истгоҳи серодам гузашт. Азбаски Аббос бошандагони гирду атрофи бозорро мешинохт, гумон кард, ки шояд зан ба хонаи касе меҳмонӣ омадааст. Ба ҳар ҳол ин луқмаи тайёрро аз даст доданӣ набуд вай, бинобар ин ноаён аз пасаш мерафт.

- Акаи Аббос, чӣ хелӣ? – ду нафар ҳавони ҳузарб аз пеш оғӯш кушода омаданд. Аббос сардакак бо онҳо вохӯрдӣ карда, роҳашро идома дод.

- Акаи Аббос, пиёда гаштаӣ, мошин тайёр, - яке аз он ҳавонҳо ба мошини тамғаи хориҳии дар наздаш буда ишора кард.

- Лозим нест, - саросема роҳашро идома дод Аббос. Ҳама хушу ёди ӯ ба зан банд буд, бояд ӯро аз мадди назар дур намекард.

Зан аз ин таъқибот бехабар, сараш хаму андешаманд, аз байни хонаҳои баландошёна гузашта, ҳониби манзили худ мерафт. Вай алҳол намедонист, ки чӣ касе ӯро дунболагирӣ мекунад. Танҳо дар дами даромадгоҳ ногоҳ ба қафо нигариста, чашмаш ба Аббос афтид, ки нигоҳи ҳарисона аз вай наканда, бошитоб меомад. Зан пешомади бадеро ҳис карда, аз бало ҳазар, гӯён тозон ба бино ворид шуду хост зудтар дари хонаашро, ки дар ошёнаи якум воқеъ буд, кушояд. Аммо азбаски дастонаш меларзиданд, ин кор ба осонӣ муяссар нашуд. То қуфлро кушодани зан Аббос расида омад.

- Салом, янга, - гуфт вай даҳонашро инҳ карда.

Зан ҳавоб надод. Саросема дарро кушода, хост онро зуд аз дарун пӯшад, аммо Аббос чолокона пояшро ба дами дари нимроғ гузошта, ба пӯшидани он монеъ шуд.

- Ман салом додам, чаро алейк намегирӣ, - гуфт Аббос, сар то пойи занро бо назари пурмаломат палмосида.

Зан аз тарс намедонист чӣ бигӯяд.

- Хӯҳаин дар хона? – пурсид Аббос бо мулоиматӣ.

- Не, нестанд, ба меҳмонӣ рафтагӣ.

- Дар хонааш меҳмону вай ба меҳмонӣ рафтааст. Ин кораш хуб не, - гуфт Аббос бо киноя ва аз қафои зан ба хона ворид шуд.

- Шумо куҳо даромадед? Гуфтам-ку, дар хона ҳеҳ кас нест, - гуфт зан, аз ин густохии ҳавон бештар тарсида. – Он кас ба шумо ваъда дода буданд?

- Албатта. Гуфта буд, ки ман дар хона мунтазир мешавам. Фаромӯш кардаст. Хайр, ҳеҳ гап не, мунтазир мешавам.

- Бароед, мегӯям! – овози зан ларзид.

- Ором шав, - гуфт Аббос ва барқасд тугмаҳои пиҳакашро кушода, ғилофи таппончаи дар тасмаи шимаш ҳамоилро нишон дод.

- Бароед, набошад милисаро ҳеҳ мезанам, - гуфт зан, ҳамоно бо овози ларзон ва ҳониби телефон, ки дар даҳлез, болои ҳевончаи оинаи барқад гузошта шуда буд, рафт.

- Ҳозир дар ин шаҳр милиса ҳам, суду прокурор ҳам, - ман! Баъд ҳеҳ задан чӣ лозим? Ман ягон нияти бад надорам, устодро зиёрат омадам. Ба фикрам ҳозир ҳам дар донишгоҳ кор мекунад, а?

Зан ҳавоб надод.

- Ман савол додам! – дӯҳ зад Аббос.

- Ҳа, - дурӯҳ гуфт зан.

- Ана ҳамин хел бурро ҳавоб додан даркор ба савол. Набошад қаҳрам меояду баъд кор чатоқ мешавад. Шумо кай ба ин ҳо кӯчида омадед? Пеш дар маркази шаҳр зиндагӣ мекардед-ку. Он хонаро фурӯхтед?

- Не, писарамонро хонадор карда, ба ӯ додем.

- Фарзанди батолеъ будааст. Ман, ки деҳқонзодаам, падарам хона он тараф истад, як тини сиёҳ ҳам надод. Худам афтида-хеста калон шудам, соҳиби хонаю дар гаштам.. Чӣ азобҳое ки надидам. Чаро ноҳақ аст ин дунё! Ба як бандааш чизи

дилхоҳашро медиҳад, ба дигаре ним ҳавро ҳам эб намебинад. Боз одамон ҳайрон мешаванд, ки чаро дар дунё одамони бадхашм зиёданд. Охир, қаҳри кас меояд, алам мекунад, баъзан аз ноҳаққиҳо кофир мешавад кас. Мехоҳӣ, дунёро ба дунё зада, ҳамаро чаппаю роста бикунӣ.

Зан чизе нагуфт. Вай дар андешаи он буд, ки чӣ тавр аз ин ҳавони хирасар халос шавад.

- Чаро шавҳарат чанд вақт боз наменамояд? Ё маро бинад ҳам, пинҳон мешавад? Дасти ман ҳозир дароз, аз таги замин бошад ҳам, аз ду гӯшаш кашида мебарорам.

- Шавҳари ман ба шумо чӣ даркор?

- Напурс, янга, аламома тоза накун, - гуфт Аббос, айёрона ба зан дида дӯхта. – Ту маро нашинохтӣ, ё худатро ба нодонӣ мезанӣ?

- Бори аввал мебинам.

- Нағзтар андеша кун, шояд ба ёд биёрӣ.

Зан бо аломат инкор сар ҳунбонд.

- Хайр, ин муҳим не, беҳтараш гапа кам бикуну ин лошулуши дар дастат бударо ба дег андохта, ягон чиз паз, - гуфт Аббос, - сӯҳбатамон бо хӯҳаинат дуру дароз мешавад. Ман ҳамин тавр фикр мекунам, - аз нав даҳонашро инҳ кард Аббос. – Филми «Мимино»-ро тамошо кардаӣ?

Занро аз ин чехраи манфур нафраташ омада, ноилоҳ борхалтаашро аз замин бардошту ҳониби ошхона рафт. Аббос аз итоати ӯ қаноатманд аз қафо гуфт:

- Доду вой кардан фоида надорад. Лекин агар гапи маро ду накунӣ, метавонам бубахшам.

- Ман чӣ гуноҳ кардам, ки ту бояд бубахшӣ, - гашта омад зан. Вай шояд ба тақдир тан дода буд, ки дигар дар чехрааш аз тарс осоре намонда буд. Ҳарчанд аз чунин зуд тағйир ёфтани авзои зан Аббос дар ҳайрат монда, дилаш каме дур рафт, сир бой надода гуфт:

- Хӯҳаинат нағз медонад.

- Чаро рост истодӣ, марҳамат ба меҳмонхона, - ба дари оинадор ишора кард зан. – Ман ҳозир либосамро иваз кунам.

Зан ба хонаи дигар даромаду дили Аббос душманӣ кард, бинобар ин зуд ошхонаю балконро хабар гирифт: «Мабодо касе бошад, ба ҳар ҳол эҳтиёт бояд шуд!»

Вақте зан дилу бедилон дастархон кушода, нон овард, занги дар садо дод.

- Фақат бе ягон нағма, - гуфт Аббос аз қафои зан, ки барои кушодани дар мерафт.

- Омадед, мардак? – дере нагузашта садои зан омад аз даҳлез. – Дар хона меҳмон.

- Кӣ? – пурсид овози мардона.

- Намешиносам, бегона. Шуморо интизор.

Баъд аз чанд лаҳза мард дари меҳмонхонаро кушод.

- Биё, муаллим, - ба истиқболи вай аз ҳой хест Аббос. – Аз интизорӣ кӯки чашмонам канд. Баъд дидӣ, янгам маро одами бегона гуфт. Магар ман дар ин хона бегонаям?

Соҳибхонаро аз ин вохўрии ногаҳонӣ тамоман табъаш хира шуд, аммо ноилоҳ дасти ҳонибаш дароз кардаи меҳмонро гирифта, вохўрдӣ кард.

- Камнамо, муаллим, ё кор бисёр? – гашта ба ҳояш нишаст Аббос.

- Не, ҳозир дар нафақа, - гуфт соҳибхона, ки ҳамоно дар банди тааҳҳуб буд ва ба ҳазор гумон мерафт.

- Рост? Аммо ҳозир янгаам дурўғ гуфт. Ман донишгоҳ рафта, туро суроғ кардам. Гуфтанд, ки дигар кор намекунӣ. Имрўз дар бозор тасодуф чашмам ба янгаам афтиду дарҳол шинохтам. Ин хел зани зеборо магар фаромўш карда мешавад, гўй.

Муаллим аз қаҳр ба зўр дандон ба дандон гузошта, тоқат мекард.

- Маро дида ҳайрон шудӣ? – пурсид Аббос. – Ранги рўят мисли пахта канд. Аз ту янгаам шердил будаст.

- Чӣ мехоҳӣ? – инони тоқат аз даст дод муаллим.

- Бишин, дўғ назан, баъд чақ-чақ мекунем. Вақти дўғ заданат кайҳо гузашт. Он вақт мо дар назди ту қадр надоштем, аммо ҳозир…

- Чӣ, ҳозир? Қадрат магар ба осмон расидааст? Ҳозир ҳам, ту барои ман ҳамон авбошӣ.

- Чӣ гуфтӣ? Як бори дигар такрор кун, - изҳори ҳайрат кард Аббос. Ў чунин вонамуд мекард, ки гўё хабари маргашро интизор буду ин саханонро не.

- Чизе ки фаҳмидӣ. Кар нестӣ.

- Афсўс! Ман намехостам гандагӣ кунам, худат маҳбур кардӣ.

- Гандагӣ карда ҳам наметавонӣ. Мақсадатро гўй!

- Наметавонам? – пурсид бо заҳрханд Аббос.

- Не, наметавонӣ.

- Метавонам, - гуфт Аббос ва ғайричашмдошти мард тапончаашро ба даст гирифта, тарафи ў рост кард. – Биҳунбӣ - мепарронам!

- Чӣ мехоҳӣ? – асабиёна пурсид муаллим.

- Дигар ҳеҳ чиз намехоҳам. Ту аллакай маро таҳқир кардӣ, кор аз кор гузашт.

- Оҳо, фон-барон! – гуфт муаллим бо тамасхур.

- Ту, ба худо, то ҳол тағйир наёфтаӣ, - гуфт Аббос низ ба ҳамон оҳанг…

Ҳамин тарз сўҳбати онҳо гоҳо пасту гоҳо баланд идома дошт. Барои соҳибхона вазнин буд сафсатафурўшиҳои Аббосро гўш кардан, аммо оқибати ҳар гуфтору амалашро андеша мекард, зеро аз ноҳавонмардиҳои шогирдаш аллакай хабар дошт ва метарсид, ки ин фурўмоя боз ягон балоро нахезонад. То ҳол гумон дошт дарди дилашро холӣ мекунаду дамаша мегирад. Аммо овози Аббос лаҳза ба лаҳза дурушттар мешуд, коҳи кўҳнаро бод дода, ба асаби мард латма мезад.

- Ёд дорӣ, ман чӣ хел зора мекардам, аммо ту парво надоштӣ. Ана имрўз он дову даска аз ту ҳам монд, дигар касе аз ту наметарсад, пешат намеояд, бовар дорам, занат ҳам ба гапат гўш намедиҳад. Аммо замоне ҳай дўғу пўписа мекардӣ, инсон дар назарат пашша барин наменамуд.

- Ман ҳеҳ гоҳ касеро тарсонданӣ набудам, фақат вазифаамро иҳро мекардам. Ва қадри инсонро бо донишаш, рафтору гуфтораш бармекашидам. Шогирди нағза доимо қадраш баланд буд, авбошу бесавод бошад, дар ҳама давру замон мазаммат карда мешуд.

- Ба нафақа баромадию ақлат надаромадааст. Ҳамон муаллими якраву бетамиз.

- Ба даҳонат нигоҳ карда, гап зан, - эътироз кард муаллим.

- Намефорад, а! Замоне ту маро хару хуку хутук гӯён таҳқир мекардӣ-ку!

- Ту бесавод будӣ, бетартибӣ мекардӣ…

Ҳамин вақт дари меҳмонхона боз шуду аввал соҳибхоназан ва аз қафои ӯ сержанте ворид гашт.

- Ана, - гуфт соҳибхоназан Аббосро нишон дода. – Дар бараш таппонча, бо зӯрӣ ба хонаамон даромад.

Сержант Аббосро дида, дар ҳояш ях баст.

- Салом, акаи Аббос, - гуфт вай бо овози ларзон.

- Беҳуда ташвиш кашидӣ, янга, - гуфт Аббос, ҳатто ба саломи милитсионер алайк нагирифта. – Агар ин ношуд даркор бошад, мегуфтӣ, худам телефон мекардам, давида меомад.

- Чӣ хизмат кунам, ака, - гуфт сержант тамаллуқкорона ба Аббос рӯ оварда.

- Хизмат ҳамин, ки тез аз ин ҳо дафъ шав! – дод зад Аббос.

- Хуб шудаст, ака, - гуфт сержант ва зуд аз хона баромад.

Зан сарашро дошта, оҳиста кунҳи диван - дар бари шавҳараш нишаст. Аз ин рафтори милитсионер, ки вай тозон ба бозор рафта, ўро ба ёрӣ хонда буд, ҳангаш канд.

Аббос баҳузур чой менӯшид.

- Хез аз ҳоят! – ногаҳон шӯрид муаллим ба Аббос таҳдид карда.

- Мардак, - дасти ўро дошт зан.

- Кордор нашав! Ҳеҳ чиз нагуфтам, ин аз худ рафт.

- Ту ҳоло ба ман ягон гап ҳам гуфтанӣ будӣ? – низ аз ҳой хест Аббос ва мили таппончаашро ба чаккаи рости муаллим гузошта, гуфт. – Калимаатро гардон, ҳозир мағзи сарат дар рӯйи ҳамин хона пош мехӯрад!

- Додар, мо ба шумо чӣ бадӣ кардем? – ба зора даромад зан. – Ба бечорагии худамон овараем.

- Аз шавҳарат пурс, - гуфт Аббос ва ба сандуқи синаи муаллим як мушт зад. Муаллим қадаме ба қафо рафта, ба зӯр мувозинаташро нигоҳ дошт, наафтид.

II

Тобистон буд. Ҳарчанд берун хумдонро мемонд, синфхона салқин буд. Дотсент Баҳодуров дар назди тирезаи барқад рост истода ба саҳни донишгоҳ менигарист. Чанд нафар ҳавонписарону духтарон дар зери дарахтон худро аз гармӣ паноҳ дода, саргарми сӯҳбат буданд. Дар роҳрави симонпӯш, ки аз дари даромадгоҳ рост ба кӯчаи калони мошингард мебурд, донишҳӯёну устодон дар даст портфелу китоб дар равуо буданд. Гурӯҳе мерафту дигарон меомаданд. Дотсент дар тӯли умри худ шояд садҳо маротиба ҳангоми дарс аз тирезаи ҳамин синфхона ба берун нигоҳ карда бошад. Даҳ сол пеш, бист сол қабл, сӣ баҳору зимистони гузашта. Донишҳӯён ҳамеша мисли дарё равонанд. Шояд бисёр нафароне ки ӯ дар саҳни ин ҳавлӣ дидааст, имрӯз дар қайди ҳаёт набошанд…

- Рафтанду равему боз оянду раванд, - пичиррос зад дотсент Баҳодуров аз назди тиреза дур шуда. Ва аз овози худаш шармаш омада, ба синфхона рӯ овард. Чор-панҳ нафар донишҳӯёне, ки ба имтиҳон омодагӣ мегирифтанд, сар бардошта, ба ӯ нигаристанд.

- Кӣ тайёр? – пурсид муаллим.

Касе ҳавоб надод, ҳама нигоҳи худро аз муаллим гурезониданд. Танҳо ҳавони тануманде, ки дар курсии охирин меншаст, нотарсона нигоҳи тези худро аз муаллим намеканд. Аз ин нигоҳи ӯ устод ба тарзи худ рамуз гирифта, гуфт.

- Ку, бӯзбала, ба фикрам шумо тайёр. Биёед, ғалберро аз об бардорем (Баҳодуров давраи имтиҳонотро чунин ташбеҳ медод).

Ҳавон боҳурҳатона ба назди муаллим омада нишаст.

- Марҳамат, - гуфт муаллим аз тани тӯши донишҳӯ чашм наканда. – Саволи якум чӣ буд?

- Ман тайёр нестам, - гуфт донишҳӯ низ нигоҳи беруёнаи худро аз муаллим наканда.

- Пас чаро омадед?

- Баҳо гирифтан даркор.

- Ман ройгон ва ё барои чашмони зебои донишҳӯ баҳо намемонам. Ақаллан ба як саволи билет бояд ҳавоби қаноатбахш диҳед.

- Муаллим, ман варзишгар, бояд ба мусобиқаи гӯштингирон равам. Худатон медонед, машқ кардан даркор, вақт кам.

Баҳодуров аз ин бешармии донишҳӯ асабӣ шуд ва овозашро баланд карда, гуфт:

- Варзишгар бошӣ, ба донишкадаи тарбияи ҳисмонӣ дохил шав буд! Мо дар ин ҳо варзишгар тарбия намекунем. Фаҳмо!

- Оҳистатар, муаллим, - ноаён аз зери миз пойи муаллимро зер кард ҳавон.

- Гир поятро, аблаҳ! – дод зад муаллим. Шояд донишҳӯин гуна рафторро чашмдор набуд, ки лаҳзае худро гум кард. Ҳозирин ҳама сар бардошта, мутаваҳҳеҳ шуданд. Муаллим асабиёна ба дафтарчаи дар наздаш буда чашм давонда, афзуд. – Дар ягон дарс иштрок надоштӣ, боз ба кадом умед омадӣ? Хез, дафъ шав!

- Муаллим, ту мара нафаҳмидӣ! – ҳавон низ ба ту-ту гузашт. – Ман то имрӯз ягон муаллима зорӣ накардам. Чӣ лозим дубора омадани ман, беҳтараш ҳозир баҳои маро гузор. Аздусар мемонӣ. Чаро худатро ғам медиҳӣ.

- Ҳавоб ба ту, - гуфт муаллим, ба зӯр ғалаёни дилашро фурӯ нишонда. - Агар баҳо лозим бошад, даҳ бор меоӣ. Лекин дониста мон, ман бе дониш ба ту ҳатто баҳои ду намемонам.

- Пушаймон мешавӣ, муаллим, - гуфт донишҳӯ бо таҳдид ва аз ҳой хеста, аз синфхона берун шуду дарро аз пушти худ сахт пӯшид.

- Мебинем, кӣ пушаймон мешавад, - гуфт Баҳодуров, ки аз заъфи асабҳо дастонаш меларзиданд.

Донишҳӯён аз беҳурматии ҳамсабақи худ лаб газиданд. Ин бештар муаллимро асабӣ кард. Вай дар пеши назари шогирдон худро таҳқиршуда меҳисобид.

Ҳамин тариқ байни Аббос ва дотсент Баҳодуров ихтилоф сар зад. Донишҳӯ чандин нафаронро миёнрав кард, аммо муаллим аз фикри худ намегашт: Бигузор ҳавоб диҳад, баҳо мегузорам, мегуфту халос. Баъд рафта-рафта дар ин бора бо ҳеҳ кас гап задан ҳам, намехост. Зеро ӯ он беҳурматии донишҳӯро фаромӯш карда наметавонист. Умуман, вай дар давоми фаъолияти омӯзгориаш ҳеҳ гоҳ ба донишҳӯи бесавод баҳо намегузошт ва мисли баъзе муаллимон барои ин аз касе тамаъ намеҳуст, зеро ин корро ба шаъни худ эб намедид. Чандин нафар ҳамкасбонаш дар ин бобат ба ӯ хоҳиш карда, оқибати кор аз вай ранҳида буданд. Сахтгирии ӯ дар байни донишҳӯён латифаҳо тавлид карда буд…

Соли нав наздик мешуд. Дар пеш давраи имтиҳоноти зимистона буд. Аз маъмурияти факулта Аббосро ҳушдор доданд, ки то аз муаллим Баҳодуров баҳо нагирад, ба имтиҳоноти зимистона роҳ дода намешавад. Дар пӯстини Аббос кайк даромад. Чанд бор назди муаллим рафта, хоҳиш кард, аммо ҳар дафъа баъди саволу ҳавоб ноумед мешуд.

Оқибат рӯзе суроғаи хонаашро ёфта рафт. Шомгоҳон буд. Дарро ҳамсари Баҳодуров кушод.

- Муаллим дар хонаанд? – боадабона пурсид Аббос.

- Ҳа… Ҳозир, - гуфт зан ва қафо гашта рафт.

Баъди чанд лаҳза муаллим Сулаймонов дар тан пиҳамаи рах-рах пайдо шуд. Аббос ӯро дар ин либос дида, аввал хандааш омад, аммо баъд ба ҳуръаттар шуд. Муаллим бошад, баробари дидани донишҳӯ якбора хун ба сараш зада, кайфияташ ба тамом парид. Ӯ намедонист бо вай чӣ гуна рафтор кунад. Бинобар ин, лаҳзае чанд хомӯш аз чехраи Аббос чашм наканд, баъд бо азоб худро ба даст гирифта, гуфт:

- Чӣ гап?

- Ман… имтиҳонсупорӣ омадам.

- Имтиҳонро дар синфхона месупоранд. Ман дар хонаам имтиҳон қабул намекунам.

- Муаллимҳон, - ҳарчанд оҳанги ин гапҳо ба Аббоси мағрур сахт расид, ноилоҳ ба зора даромад. - Агар ҳамин рӯз баҳо нагирам, маро хориҳ мекунанд. Илтимос, монед.

- Ту, бача, аз афташ, гапа намефаҳмӣ. Ё беномусӣ? Аз гапҳои давоми ин чанд моҳ ба ту гуфтаӣ ман, ҳатто хар пӯст мепартофт, аммо ба ту кора накард.

- Дадеш, чӣ гап? – яқин аз садои баланди шавҳараш алаҳда шуда, баргашта омад зан. – Чӣ гап?

Аббос «аз хирс як мӯй» гӯён ба зан муроҳиат кард.

- Янгаҳон, илтимос, гӯед ба ман баҳо монанд. Набошад маро аз донишгоҳ хориҳ мекунанд. Илтимос, янгаҳон, ман ҳавоби нагзиятонро мегардонам. Чизе хоҳед…

- Монед, дадеш, як ҳавони чор кас медидагӣ зора дорад. Ин ҳам мардак, ягон фикр мекардагист… бо ягон роҳ бармегардонад қарзатонро.

- Рав! – ало ба зан нигоҳ кард муаллим.

Зан хомӯш гашта рафт.

- Майлаш, биё, бори охир туро имтиҳон мекунам. Танҳо як савол медиҳам, агар ҳавоб диҳӣ, се мемонам.

Аббос зуд пойафзолашро кашида, аз қафои муаллим ба ҳуҳраи кории ў рафт.

- Рав, палтоятро кашида биё, - гуфт муаллим, ба ақиб нигариста.

Донишҳў баргашта, дар либосовезаки дами дар палтояшро кашол карда, баргашта омад.

- Бишин, - гуфт муаллим, курсиро нишон дода.

Донишҳў нишаст.

- Хондӣ? – пурсид муаллим, аз рўи ў чашм наканда. – Фақат росташро гўй.

- Не, муаллимҳон, вақт нашуд, - ҳавоб дод Аббос бо лабханд.

- Пас барои чӣ омадӣ?

- Барои баҳо.

Ҳамон лабханди барои муаллим ғашовар аз лаби ў дур намешуд.

- Ба ту ҳавоб, - аз ҳой хест муаллим. – Метавонӣ дигар ба умеди баҳо нашавӣ. Бори чорум аст, ки ман аз ту имтиҳон мегирам. Ягон ҳойи камиаш намонд. Ба фикрам ту умуман дили хондан надорӣ. Беҳтараш асоятро барвакттар дар рўшноӣ зан, дунболи ягон касби дигарро гир. Бовар кун, ман ба фоидаи худат мегўям.

Муаллим ғайричашмдошти худ ниҳоят ором шуд. Гўё донишҳў дар ҳузури вай набуд.

- Бори охирин, аз ин баъд мехонам, - ҳамон захрхандаи ғашовар аз лабони Аббос дур намешуд.

Ин бешармию беруии донишҳў аз нав ғазаби муаллимро овард.

- Гапи ман якто, - гуфт қатъӣ вай, - дигар ҳоҳати гап нест.

- Муаллим нағз намешавад, маро пеш мекунанд.

- Кайҳо бояд ин корро мекарданд. Донишгоҳ ҳойи ту нест.

Аббос чанд лаҳза чӣ кор кардану чӣ гуфтанашро надониста, ноҳунбон истод.

- Чӣ хода барин рост истодӣ, ҳавоб ба ту! – гуфт муаллим бо нафрат.

- Пушаймон мешавӣ, муаллим.

- Таҳдид мекунӣ? – даст ба гўшаки телефон бурд муаллим.

- Хайр, ихтиёрат, - гуфт Аббос таҳдидомез. – Баъд хабардор накардӣ, нагў.

Ва аз паси худдарро сахт пўшида рафт. Аз зарбаи он шишаҳои ҳевони пур аз китоб шақаррос зад.

- Аблаҳ, - гуфт муаллим аз қафо. – Садқаи номи одамӣ шавӣ. Дили шон баҳо мехостааст… Акнун баҳоро мисли гўшҳоят намебинӣ. Баҳо он тараф истад, дигар поят донишгоҳро намебинад.

- Дадеш, чаро худатонро асабӣ мекунед? Сараша хўрад ҳамун баҳо. Монед, як се киро куштааст.

- Кордор нашав! – дод зад муаллим, ки то ҳол ғазабаш паст намешуд. Аммо баъд чашмаш ба чеҳраи малули ҳамсараш афтиду каме аз аспи ғазаб фаромада, бо мулояматӣ гуфт. – Охир, аз даҳонаш алиф набарояд, чӣ хел баҳо гузорам!

- Аз сахтгирии шумо магар вай мулло мешавад. Чашматона кўр карда монед.

- Не, ман барои ин хел аблаҳон як лаҳза ҳам, чашмонама кўр намекунам.. Бигузор кўри басир хонад.

- Одатан бисёр муаллимон дар ин гуна ҳолат ягон чиз мегиранду се мемонанд.

- Ман аз ун тоифаи ту мегуфтагӣ нестам.

- Медонам, - гуфт зан киноямез. – Як сўми зиёдатӣ шуморо мисли анбўр мегазад.

- Чанд бор ба ту гуфтам, дар ин бора гап назан, маро асабӣ накун.

- Дили ман ҳам, мисли занҳои дигар пўшидану гаштан мехоҳад. Як ҳо меҳмонӣ равам, ягон куртаи ҳалол, ҳатто ҳалқа надорам. Аз афташ, дар хобам ҳам, намебинам.

- Чӣ, барои ту дуздӣ кунам?!

- Дар байни муаллимон мисли ҳўгӣ мегардам, - оби дида кард зан.

- Бас, ҳаҳламро наор, забонамро нахорон, - дигар ба зан эътибор надода, ба кабинети кориаш даромад муаллим.

- Барои поквиҳдоният дар назди донишгоҳ ба ту ҳайкал мегузоранд, - гуфт зан аз қафо.

III

- Ёд дорӣ, ман дар хонаат ба сад забон зора кардам, аммо ту ба як баҳо маро нахаридӣ?! – гуфт Аббос, ангушти ишоратиашро ба таги манаҳи муаллим гузошта.

- Гир дасти ифлосата! – ба қаҳр дасти Аббосро аз худ дур кард муаллим. – Ман аз ту наметарсам. Гумонат дар пешат ба зону зада, зорию тавалло мекунам? Хестӣ, ки хобат! Ман ҳозир ҳам, аз ту як баҳоро боло мегузорам. Чунки ту бесаводӣ, як инсони тирамағзӣ.

- Оҳо, забон мисли булбул. Кўтоҳ кардан даркор онро, - гуфт Аббос бо заҳрханд. Ҳарчанд ў худро бепарво вонамуд мекард аммо аз ваҳоҳаташ барҳало аён буд, ки аз қаҳр дарун-дарун дармегирад. – Ту се соли умри маро барбод додӣ. Дигар наметавонам барқарор кунам.

- Хуб кардам, - изҳори қаноатмандӣ кард муаллим.

- Эҳ сода, бе баҳои ту ҳам, ман кайҳо дипломамро гирифтам, - гуфт бо ришханд Аббос. – Ба қарибӣ дар байни як соат тайёр карда, бо ду дасти адаб оварда доданд.

- Афсўс.

- Саросема нашав, акнун тамоми умр афсўс мехўрӣ. То рўзе ки ман зиндаам, дигар рўзи хубро намебинӣ.

- Ман як чизро намефаҳмам, - ба Аббос рў овард муаллим.

- Чиро?

- Ба ту диплом чӣ даркор?

- Даркор диплом. Нақшаҳои ман калон, мехоҳам ягон вазифа гирам.

- Оҳо, иштиҳоят бад не. Ту бо ин каллаи холиат вазифаро чӣ кор мекунӣ?

- Пул бошад, ақл даркор нест. Ҳама корро мулло ҳиринг мекунад.

Ҳамин вақт занги дар садо дод. Аббос гўш ба қимор шуд. Соҳибхоназан дарро кушод. Паст-паст бо касе гап мезад.

- Кӣ омад? – пурсид Аббос.

- Ман аз куҳо донам, - гуфт муаллим.

- Агар янга боз ягон касро огоҳ карда бошад, ҳо ба ҳо мекушам. Лекин, муаллим, ту ҳам бало, зани ҳавон гирифтаӣ. Занат зебо, ба куштан дили кас намешавад. Мегуфтанд, ки шогирди худатро хостгорӣ кардаӣ.

- Шогирд магар шавҳар намекунад?

- Мекунад, аммо ба ҳамсоли худаш кунад беҳтар. Аз афташ, ўро ҳам қарздор кардию ноилоҳ ба оғўшат даромад.

- Даҳонатро пўш, - гуфт муаллим бо кароҳат.

Овози зан акнун аз ошхона меомад. Муаллим ҳаракати аз ҳой бархостан кард, аммо Аббос аз дасташ дошта:

- Бишин, ман худам хабар мегирам, - гуфт.

- Бигир даст ифлосата! – дод зад муаллим.

Аббос бо оринҳаш ба шиками ў зада, бо овози паст гуфт:

- Наҳунб аз ҳоят, - баъд дарро нимроғ карду чашмаш ба Заррина афтод.

- Э, акаи Аббос, ту чӣ хел роҳи хонаи моро ёфтӣ? – аз ин мулоқоти ногаҳонӣ ҳайрон шуд духтар.

Аббосро низ аз ин дидор даҳонаш воз монд. Вай ҳеҳ гумон надошт, ки маъшуқаи чанд моҳ пеш гум кардаашро чунин осон меёбад.

- Ҳўянда ёбанда аст, гуфтаанд одамони доно, - гуфт Аббос, базўр ҳаяҳони худро фурў нишонда. – Ин хонаи шумост?

- Ҳа, - гуфт духтар, ба ноз барои вохўрдӣ дастони мисли пахта сафедашро сўи ҳавон дароз карда.

- Куҳо гум шуда рафтӣ? – пурсид Аббос, дасти духтарро гирифта. – Аз кофтана пошнаҳои туфлиям дандон баровард.

- Ман ба қарибӣ шавҳар мекунам, барои ҳамин он нағмаҳоямро бас кардам. Ба чашми шавҳар хок пошидан гуноҳ.

- Чи-й? Шавҳар мекунӣ?

- Оташин нашавед, азизам. Ин барои даҳони мардумро бастан. Қурбоққа шў дорад, обрў дорад, гуфтаанд.

- Ман туро бо ҳеҳ кас тақсим намекунам. Агар ягон сарзада нўлашро дароз кунад, аз бехаш бурида мепартоям.

Ин дам зан дар назди онҳо пайдо шуд.

- Шинос шав, оча, - маънидорона ба Аббос ишора кард духтар. – Ҳамон… гуфтагиам.

Зан гўё Аббосро бори аввал дида бошад, аз нав гарм-гарм аҳволпурсӣ кард.

- Кори хуб нашуд, ман дасти холӣ омадам, - гуфт Аббос.

- Ҳеҳ гап не, азизам, ман ба дасткушодии ту бовар дорам. Бори аввал намебинам-ку!

Муаллим дар дами дар ба гўшҳои худ бовар намекард. Зеро ҳеҳ гумон надошт, ки ягона духтари бо ноз парвардааш бо чунин марди фурўмоя алоқае дошта бошад.

- Ана, муаллимҳон, - ба Баҳодуров муроҳиат кард Аббос. – Мо хешу табор баромадем. Ман ним соат кам домоди шумо. Дидед, кори фалаки каҳрафтора, ки чӣ гуна торҳо метанад, дар роҳи фарзанди одам чӣ хел домҳо мегузорад. Шумо як

умр сояи маро аз девор метарошидед, аммо духтари аз камаратон рўида дар оғўши ин бандаи ганда обу адо мешавад.

Муаллим ҳамоно нигоҳи ҳайратзадаашро аз ин манзара ғун дошта наметавонист. Ҳарчанд дилаш туғён мекард, аммо ёрои аз ҳой ҳунбидану ҳарфе ба забон овардан надошт. Гўё аз ду пояш мехкўб карда бошанд, мисли ҳайкал рост меистод, намеҳунбид. Аз ин ҳолати ҳақиронаи ў Аббос дарун-дарун завқида, густохтар мешуд. Бинобар ин ў барқасд пайкари болобаланду пурраи духтарро аз китфонаш оғўш карда, ба сандуқи синааш ҳафстар намуд.

- Оҳистатар дард меёбам, - гуфт духтар бо ишва.

- Ту акнун кай одат мекунӣ, азизакам, - гуфт Аббос, ҳамоно духтарро аз оғўшаш раҳо накарда. – Пагоҳ шавҳарат оғўш кунад, боз маҳалларо ба сар набардорӣ. Воқиан, кадом гаранги хушбахт бе иҳозат дилбари маро мегирифтааст?

- Ин сирри махфӣ. Рўзи тўй мефаҳмӣ.

- Агар ун ношуд то рўзи тўй зинда монад. Аммо ба гумон.

- Оташин нашавед, азизам, ба шумо ҳам мерасад.

- Бас! – ногаҳон фарёди ҳонкоҳи муаллим хонаро ба ларза овард. – Бас кунед, мегўям, лаънатиҳо! Дафъ шавед, хонаамро ҳаром кардед!

- Дадеш, дадеш! Асабӣ нашавед, худатонро ба даст гиред, - зан, ки то ин дам лутфу киноя̂ои духтарашу ҳавонро гўш карда, ноаён табассум мекард, ду-се қадам пеш омада, хост шавҳарашро гашта ба меҳмонхона дарорад.

- Гум шав ту ҳам! – баландтар дод зад муаллим. – Аҳволи духтари тарбия кардаатро дидӣ! Магар мо ба ҳамин умед худ нахўрдаю напўшида ўро хонондем, соҳиби диплом кардем. Ба тухми ҳавон қаҳт омада буд, ки вай бо ин худобехабар унс гирифтааст. Пагоҳ бо кадом рў ба хонаи шавҳар меравад. Ту падарсаг дар ин бора фикр мекунӣ ё не?!

- Ба падари ман кордор нашавед, - зан асабиёна даст афшонда, ба ошхона даромад. Духтар низ лабу лунҳашро каҳу килеб карда, аз қафои модар рафт. Аббос қаноатманд рост меистод. Вай дар ин ҳолат хурўсеро мемонд, ки дар ҳанги тан ба тан ҳамҳинсашро мағлуб карда, аз қафо бо виқор гурехтани ўро тамошо мекунад. Муаллим бо даст сандуқи синаашро дошта, гўё дар танаи девор шорида, оҳиста ба замин нишаст. Гўшҳояш якбора қуфл заданд. Дигар чизеро намешунид, сараш занбўрхонаро мемонд. Якбора рагҳои гарданаш таранг шуда, пеши чашмонашро пардаи тунуки меғмонанд гирифт. Шифти хона ва дар баробари он ҳама ҳиҳози он дар назари муаллим ба ҳаракат даромаданд. Хаёл мекард, ки пояш аз замин канда шуда, ҳамин ҳозир сарозер меафтад.

***

Аббос дигар бе пўшт-пўшт қариб ҳар рўз ба хонаи муаллим меомад. Заррина аз қафои вай канда набуд. Ҳаққу ҳасояҳо зуд ин хабарро ба домодшавандаи ў расонданду фотиҳа баргардонида шуд. Аммо духтарро аз ин парвое набуд. Дар хонаи онҳо ҳар рўз базм буд, хандаю хурсандӣ буд. Модар ғайричашмдошти шавҳараш интихоби духтарашро маъқул кард, ба Аббос меҳр баст. Вай дигар мисли пешина тўрхалта дар даст ба бозор намерафт. Чизи дилхоҳашро думравакони Аббос оварда медоданд. Заррина ба ин тарзи зиндагӣ зуд одат кард, дигар дасташро ба оби хунук намезад. Рафтору гуфтораш низ ба тамоман тағйир

ёфта буд. Танҳо муаллим ба ин ҳама созиш карда наметавонист. Аммо дасташ кӯтоҳ, дилаш дардманд ва овозаш паст буд. Аз он рӯз инҳониб, бо супориши Аббос ҳар рӯз духтуре дар даст ҳомадонча омада, ба муаллим сӯзандору мегузаронд, ҳабҳои гуногун медод. Аммо муаллим ба ҳама чиз бепарво менигарист, балки нафрат дошт. Дигар вай дамдузд ва аз хонаи худ гурезон шуда буд. Ҳар рӯз як раҳ лангида – лангида ба берун мебаромад, дар хараки зери дарахтони чинор сукут карда менишаст. Агар ҳамсояҳо салом диҳанду аҳвол пурсанд, бо аломати сар ҳунбондан ҳавоб медоду халос. Ин рафтори ӯ ба модару духтар тамоман маъқул набуд, аммо падар ба гапи онҳо гӯш намедод ва ё барқасди онҳо рафтор мекард. Онҳо баъзан аз шарми ҳамсояҳо ӯро маҳбурӣ ба хона медароварданд. Аммо ҳуҳра барои муаллим гӯрро мемонд. Соатҳо дар назди тиреза дур намешуд. Ду чашмаш ба роҳ, гӯё касеро интизорӣ мекашид.

Рӯзҳо мегузаштанд. Зиндагӣ барои муаллим азоби ҳон кандан буд. Ҳар рӯз бо зану духтараш ҳанг мекард, суханҳои носазо мегуфт. Аммо онҳо ба гапҳои вай дигар эътибор намедоданд, гӯё барои девор мегуфта бошад. Мисли он ки барои саг ё гурба хӯрок медиҳанд, косаро наздаш мегузоштанд, аммо ӯ бисёр вақт ба хӯрок нигоҳ ҳам намекард. Лаби нонро мешикасту халос. Лекин касеро ба ин парво набуд, намепурсид, ки барои чӣ намехӯрад. Ин рафтори онҳо муаллимро бештар асабӣ мекард. Писараш дер-дер хабар мегирифт, агар ояд, падарро сарзаниш менамуд, ки якравӣ карда, дили модару хоҳарашро хун накунад. Муаллимро аз писар низ дилаш монда буд, дарди дилашро ба ӯ намегуфт. Хулоса, оқибат дар сангари худ танҳо монд вай. Рафтору гуфтори атрофиён барояш тамоман бегона буданд, аҳамияте надоштанд. Қабул карда наметавонист онҳоро. Моҳҳои охир танҳо бо хотира зинда буд ӯ. Тез-тез бачагию наврасӣ ва ҳавониашро хоб медид, падару модар ва додарашро, ки бадбахтона барвақт аз дунё гузашта буданд, хоб медид вай. Ҳар гоҳ бедор мешуд, дилаш хун, гумон мекард, ки ба сайёраи дигар афтода бошад ва мехост ҳарчи зудтар ба олами хобу хаёл баргардад, аммо ин кор ба ӯ муяссар намешуду боз ба ғам мепайваст. Вақтҳои охир мехост ҳарчи тезтар худо ҳонашро бигирад…

Дари хонаи муаллимро сахт-сахт кӯфтанд. Он рӯз Заррина зодрӯз дошт ва меҳмонони зиёде ҳамъ омада буданд. Садои мусиқӣ баланд, аз зарби пойкӯбию ҳаёҳуи раққосон фарши хона меларзид.

- Аз афташ, ҳамсоя ба сарамон омад, - гуфт соҳибхоназан, садои мусиқиро паст карда. – Боз ғур-ғур мекунад. Милисаро ҳеҷ назанад ҳам нағз.

- Баланд кун мусиқаро! – калавида ҳониби дар рафт Аббос. – Ман ҳозир адаби ин хел ҳамсояи беадабро медиҳам. Ҳоло намедонад, ки соҳиби ин хона кист! Бояд одат кунанд. Ман бе суруду мусиқӣ наметавонам.

Аббос дарро кушоду чанд нафар ҳавонони ҳузарб, дар тан либоси низомӣ зада даромаданд.

- Шумо кистед? – дод зад Аббос.

- Баъд мефаҳмӣ кӣ будани моро, ҳашарот, - гуфт яке аз онҳо бо қундоқи автомат ба шиками Аббос зада.

- Шумо, аз афташ, маро нашинохтед.

- Шинохтем, махсус барои ту омадем. Ду рӯз боз ту, гӯсолаи рихинро, мекофтем.

- Э бача, гапатро хоида зан! – шӯрид Аббос. – Командиратон кӣ?

- Ман, - гуфт марди тахмин чил-чилу панҷсолаи хушқаду қомат, ки то ин дам дар дасташ дастгоҳи бесим бо касе мухобира мекард, ба хона ворид шуда. – Ягон гап дорӣ?

- Барои чӣ? Чӣ маънӣ дорад ин дӯғу пӯписа?

- Намедонӣ барои чӣ? Баъд нагзакак мефаҳмонем. Хонаро кобед! – фармон дод мард, ба чор нафар зердастонаш. Ҳавонҳо зуд меҳмонхонаю ошхона ва балконро хабар гирифтанд. Меҳмонон аз тарс намедонистанд чӣ бигӯянд. Ду нафар ҳамроҳони Аббос намедонистанд чӣ кор кунанд. Хеле ҳавон буданд онҳо, балки наврас буданд. Акнун мӯйлабашон мисли сабзаҳои авали баҳор медамид. Яқин ҳоло боре ҳам натарошида буданд онро. Аз бетаҳрибагӣ ва ё аз тарс мисли барги бед меларзиданд, чашмони тарсхӯрдаашонро, нигоҳи имдодталабонаашонро аз Аббос намеканданд. Аббос бошад, гурги болондида буд, ба ин манзара бефарқ менигарист ва ё чунин вонамуд мекард.

Муаллим низ аз ҳуҳраи кориаш сар баровардa, хост бифаҳмад, ки чӣ моҳароест дар даҳлез. Ғиҳирроси дар диқати ҳамагонро ҳалб кард. Сардори низомиён чанд лаҳза ба чехраи муаллим зеҳн монда, оқибат шинохт магар, қадаме пеш монд ва ба оҳанги ҳайрат гуфт:

- Муаллим, шумо бо ин тӯда чӣ кор мекунед?

- Ман дар хонаам, - ҳавоб дод муаллим. – Шуморо нашинохтам, писар.

- Аз маро нашинохтани шумо боке нест, устод, - гуфт мард, барои вохӯрдӣ даст дароз карда. – Аммо агар мо шуморо нашиносем, шармандагист.

- Ташаккур, - дасти мардро сар надода гуфт муаллим. – Магар то ҳол чунин одамон ҳастанд, ки қадри муаллимро донанд.

- Албатта.

- Шукр, ҳазорон бор шукр.

- Муаллим, ман нафаҳмидам, ин авбош ба оилаи шумо чӣ алоқа дорад? – пурсид мард.

- Намедонам. Инро аз онҳо пурсед, - гуфт муаллим бо ишораи сар зану духтарашро нишон дода. – Вай ошнои онҳо.

- Фаҳмо, - гуфт мард.

- Чӣ гуноҳ кардааст ин оқипадар?

- Пирхар, даҳонатро пӯш! – дӯғ зад Аббос ба тарафи муаллим.

- Гуноҳаш як хара бор, - гуфт мард ва баъд ба Аббос чашм ало карда, афзуд. – Қабраша кайҳо бо дасти худаш кандагӣ. Қадами мондагиаш гуноҳ. Акнун вақти ҳавоб доданаш расид. Парершаб барои дупула гап як нафар корманди гумрукро парронданаст. Ду рӯз кофтем, оқибат як нафар нишони ҳамин хонаро дод. Рости гап, намедонистам, ки ин хонаи шумост. Ёд дошта бошед, чанд маротиба дар боғ шоҳмот бозида будем. Ҳеҳ гумон надоштам, ки дар ин хел вазъият вомехӯрем.

Чанд лаҳза дар хона сукунат соя андохт.

- Воқиан, душвор аст зиндагӣ, мушкил аст нияти одамонро фаҳмидан. Бегона он тараф истад, то охир намедонӣ, зану фарзандат, ки солҳои сол дар зери як бом

зиндагӣ мекунӣ, дар дил чӣ нақшаҳо доранд, - гуфт муаллим ба дард. Баъди чанд лаҳза сукут варзидан сар бардошта, идома дод. – Гумон мекардам, зану духтарамро нагз медонам, аз дилу нияташон бохабарам, аммо маълум шуд, ки хато рафтаам. Зеро баъди пайдо шудани ин нохалаф ниқоб аз рӯ гиифтанд, ҳар боре ки вай аз бозор бо гургию дуздӣ чизе ба хона меовард, мисли рӯбоҳ дум ликонда, гирдаш ба рақс меомаданд. Номусу шарафи инсониашонро зери по кашида, гӯр сӯзаду дег ҳӯшад, мегуфтанд. Дар пеши назарам духтарам шарм накарда, ба гарданаш овезон мешуд. Шабҳо аз оҳу вояшон аз шарм дару тирезаҳо пӯст мепартофтанд. Худам низ дар пеши ҳамсояҳо сар бардошта наметавонистам. Шабҳои дароз дар ҳогаҳ мисли сайди захмин ба худ печида, ҳазор бор мурдаю аз нав зинда шуда, ба алами ҳонсӯз меандешидам, ки чаро онҳоро худо намезанад. Куҳост чашми биною ҳамабини ӯ. Бо кадом меъёр чен мекунад вай гуноҳу савобро! Магар шарт аст барои бадиро ҳазо додан яке ин қадар азоб кашад, хуни дил хӯрад. Ҳамин гуна андешаҳо дар сарам чарх мезаданд ва гоҳо аз ниҳояти дарду алам эътиқодам зарра-зарра кам мешуд, ба бинои бовариам футур мерафт.

Муаллим ин гапҳоро сар набардошта, гӯё барои худ мегуфт. Ҳамагон ором гӯш ба дарди дили ӯ дода буданд. Оқибат духтар яхи хомӯширо шикаст.

- Ба он нафақаи ту аз гушнагӣ ҳаром мемурдем, - гуфт вай ба падар рӯ оварда. – Тамоми умрбо ин ҳақталошиат якамон ду нашуд, модарам дар маъракаҳо поённишин буд. Гул барин духтара гирифта, хор кардӣ, падарҳони ҳақталош! Имрӯз илми ману тую модарам ба ҳеҳ кас даркор нест, ошу нон намедиҳад он ба мо. Хандаам меояд, ки чӣ хел ту Аббосро бесавод хонда, баҳо нагузоштаӣ. Аммо имрӯз вай корчаллон, чанд мошин, ҳавлии боҳашамат дорад, чандин нафар дар гирдаш парвона, гапашро ду намекунанд. Дар давраҳо ҳамеша бологузар аст. Ту бошӣ, тоҳол ба ҳамон пиҳаки рангпарида ҳақиқат меҳӯӣ.

- Худо мезанад туро охир! – гуфт муаллим, сар бардошта. – Хору зор дар зери кадом девор ҳаром мемурӣ. Гумон дорӣ, вай туро зан мекунад? Хомтамаъ набош, ҳамин ки ба бадаш задӣ, мисли саг пешат мекунад. Ман оқ кардам ту барин духтари танфурӯшро.

- Астағфируллоҳ гӯй, - овоз баланд кард зан.

- Оҳо, аз худою расул ёд кардӣ, - гуфт муаллим бо киноя. – Вақте ки духтаратро ба оғӯши ин палид тела медодӣ, дар бораи чӣ фикр мекардӣ? Ман ба ту бовар кардам, ҳаргиз гумон надоштам, ки то ин андоза вуҳудат ифлос аст, дилу ниятат нопок аст.

- Ту бо дилу нияти покат дунёро гирифтӣ, - гуфт зан бо нафрат. – Агар ману духтарам намешудем, ба нони қоқ ҳам зор мешудӣ. Боз забон дорӣ, гап мезанӣ. Яккаписарамонро бо насиҳатҳои беохират аз ин хона гурезон кардӣ. Хайрият Зарринаю ӯ худро ба сад дар зада, хамин хонаро хариданду ҳони бечора бачаҳакам халос шуд. Кай он ақли тираи ту равшан мешавад? Як чашм кушода, ба гирду атроф нигоҳ кун. Замона дигар шуд, ҳама боло раванд, ту поён меравӣ.

Зан чанд лаҳза, гӯё таъсири суханашро месанҳида бошад, аз ҳамсараш чашм наканд. Шавҳар низ нигоҳи пур аз нафрати худро аз рухи зан намебардошт.

- Чӣ кор кунам? – овоз баланд кард зан. – Охир вай мехоҳад бо духтарамон издивоҳ кунад. Бигузор зани дуюм шавад, аммо зиндагиаш таъмин мешаад-ку!

Духтар розӣ, кори ту чӣ?! Бо ҳамон домоди мисли худат интилигент чӣ рӯз мебинад, чӣ обрӯ мегирад? Дар тори сараш сарпаноҳ надорад, ба умед аст, ки мо ӯро хонадомод мекунем. Мон пайи бахташ биравад духтарам. Ба ману ту ҳам кӯмакаш мерасад. Ҳозир замона нотинҳ, кас намедонад, ки пагоҳ ӯро чӣ интизор аст.

- Палид! – хитоб кард муаллим. – Албатта, себ аз дарахташ дур намеафтад. Чашмам кӯр будааст, ки ба ту оиладор шудам.

- Худо гӯй,ки ман ба ту расидам. Нозу нуза бинанд. Ман духтари хона будам, аммо ту марди зандида…

- Бас! – ба ин тую мангӯиҳо хотима дод сардори низомиён ва Аббосу рафиқонашро пеш дароварда, аз хона берун шуд. Муаллим низ аз қафои онҳо баромад.

IV

Офтоби тирамоҳӣ ба қиём расида буд. Аммо муаллим, ки аз байни биноҳои баландошёна гузашта, инак ба канори шаҳр расида буд, гармии онро ҳис намекард. Сард буд нурҳои он. Дар пеш замини пахта ва дар канори он ҳар ҳо-ҳар ҳо ҳавлиҳо ба назар мерасиданд. Муаллим дар зери санҳиди лаби ҳӯйи беоб нишаст. Замин сахт ва каме намнок буд. Меваи дарахтро касе саросема, дуздона ва ё бо дили нохоҳам чида буд; шохҳояш шикаста, дар рӯи замин баргҳояш паҳну парешон. Аз даруни ҳӯйбор бӯи хазон омехта ба сияҳлой меомад. Замини пахтаи ҳосилаш ғундошташуда лучу урён ва сард ба назар мерасид. Дар байни ҳӯякҳо чандсар бузҳо мечариданд. Дар охири замин тали баланд оғоз мешуд. Муаллим ба ёд овард, ки тақрибан панҳоҳ сол пеш пои пиёда ҳамин тали баландро нишеб шуда, ба шаҳр омада буд. Ҳавони навхат буд он вақт. Дилаш пур аз орзую ҳавас, умедаш ба фардо калон ва дилу нияташ пок. Барои идомаи таҳсил аз деҳаи паси он кӯҳи дур, ки алҳол дар паси пардаи меғ хира ба чашм мерасид, роҳи шаҳрро пеш гирифта буд. Вақте ба назди ана он дарахти пир, ки алҳол ба ҳуз тана баргу шохе надошт, мӯйсафедеро дид дар рӯи суфа каҳпаҳлу зада, чолоб менӯшид. Сояи ғафс дошт он вақт дарахт. Каме дуртар хирмани гандум ва панҳ-шаш қадам дуртар ду хари ба ҳам қантарбаста сархам меистоданд. Ҳаво гарм буд. Офтоби ба қиёмомада нурҳои зарҳалини худро бедареғ ба сари замин мерехт. Алаф, хору буттаҳо саросар хушк шуда буданд. Аз дуру наздик пайваста садои малаху заллаҳо ба гӯш мерасид. Шояд аз таъсири гармои зиёд як лаҳза ҳам хомӯш намешуданд онҳо. Ҳавон ба мӯйсафед салом дода, гузашт, аммо пирамард садо карда, ӯро аз роҳаш боздошт.

- Куҳо равонаӣ, писар? – пурсид вай.

- Душанбе.

- Биё, камтар дам гир, то Душанбе ҳоло роҳ дароз.

Ҳавон аз роҳаш гашт.

- Дар Душанбе чӣ кор дорӣ? – пурсид мӯйсафед, ба ӯ як коса чолоб дароз карда.

- Ба хондан меравам.

- Дар чиллаи тобистон пиёда ба роҳ даромадӣ, ягон хар набуд?

- Хар чӣ даркор, - гуфт ҳавон, - баъд дар шаҳр онро куҳо мекунам…

- Хондан, албатта нағз. Падарат чӣ кора аст?

- Мисли шумо деҳқон.

- Мисли ман бошад, деҳқони хуб набудааст, - табассум кард мӯйсафед. – Одамони қадим деҳқони ҳақиқӣ буданд, аз они ҳозира – зӯракӣ. Аз субҳ ҳамин чанд банд гандумро мекӯбам, ҳеҳ не ба субуташ расонам. Магар деҳқонӣ ҳамин хел мешавд?

Ҳавон чизе нагуфт.

- Хонда кӣ мешавӣ? – пурсид мӯйсафед.

- Муаллим.

- Ҳозир муаллим аз мӯру малах ҳам, зиёд шудааст, - гуфт мӯйсафед андешаманд. Гӯё ин гап умуман ба сӯҳбати онҳо дахл надошта бошад, онро бо оҳанге ба забон овард, ки одатан одамон даст ба рӯй бурда, мегӯянд: ришам расидааст.

Ин фикри марди пир ба ҳавон сахт расид.

- Ягон кас дар замин кор кардан намехоҳад, - ба ҳамон оҳанг идома дод мард. – Мисли аҳал аз кори сиёҳ мегурезанд мардум. Ман ҳайрон, ҳама хонанд, замина кӣ шудгор мекунад, кӣ кишт мекунад, кӣ медаравад?

Ҳавон аз ҳой хест.

- Чӣ, гапам нафорид? – пурсид мӯйсафед.

- Не, чаро, дуруст гапатон.

- Дуруст бошад, бишин.

Ҳавон баргашта нишаст.

- Аз ман насиҳат – ҳаргиз дар зиндагӣ саросема нашав. Кори дунё ба оҳистагӣ, гуфтаанд мардони рӯзгордида. Ана он кулбаи вайронаро мебинӣ? – ба самти шарқии замин ишора кард мӯйсафед. – Соҳиби он Усто Баҳром ном як марди танҳо буд. Мегуфтанд, ки бо чӣ сабабе бо ҳамқавмонаш гапаш гурехта, ба тарафҳои мо кӯч бастааст. Баъд бо ҳашари мардум ҳамин кулбаро пӯшонида, то охири умр дар ҳамин ҳо зист. Одами хуб буд, аз панҳ панҳааш ҳунар мерехт: аз дасташ дуредгарӣ меомад, аспҳоро наъл мезад, боми хонаҳоро андова мекард, ҳатто бо корд дандони одамонро меканд. Ҳарчанд маҳбур кардем, зан нагирифт. Вақтҳои охир агар дар ин бобат гап кушоем, мегуфт: дар ин кор саросема шудан баробари марг аст, зеро зани бад сӯҳони умр, дарди бедавоест. Хулоса, то охири умр сари танҳо зист ва як шаби зебои баҳорон аз дунё гузашт. Он шаб низ худ танҳо буд, рӯзи дигар корафтодагон дарашро кӯфта, мурда ёфтанд ӯро. Тамоми деҳа гӯрондем ун марди худоро. Як рӯз қабл аз маргаш ман барои аспам ба ӯ зин фармуда будам. Ҳарду хеле сӯҳбат кардем. Шояд маргашро ҳис карда буд, ғайричашмдошти ман қуфли дилашро кушод. Ман ҳеҳ гоҳ ӯро мисли он рӯз хушҳол надида будам. Аз куҳо медонистам, ки ба шумор мондани умрашро аниқ карда будаст. Тавба. Гапи куфр нашавад, зеро банда дар ҳисобу китоби умри худ оҳиз аст. Аммо он мард … Одами оддӣ набуд вай, назаркарда буд. Вагарна аз дасти як одами хокӣ магар ҳамин қадар ҳунар меояд. Ёд надорам, кадом кор аз дасташ намеомад, лак-лак буд ҳунараш. Хулоса, он рӯз сӯҳбатамон хеле қӯр гирифт. Усто Баҳром дафтари умри гузаштаашро варақгардон карда, бо алам

гуфт, ки худованд ҳама ҳунарҳоро барояш арзонӣ дошта бошад ҳам, вале оқибати кор ўро шарманда кард.

Хулоса, он рўз сабаби аз деҳаи худ фирор кардани усторо фаҳмидам: Вай занашро дар хонааш бо марди дигаре дошта, тарки зодгоҳ карда будааст. Пас аз марги усто Баҳром то ҳол ман ба алам меандешам, ки хато буд он қарори вай. Барои гуноҳи як зани сабукпо ҳаёташро сўхт гўем ҳам иштибоҳ намешавад. Чунин як инсони наҳибу саропо ҳунар дар айни камолот зери хок рафт. Агар вай саросема намешуду занашро талоқ дода, мисли саг аз хона меронд, ҳеҳ кас ўро айб намекард. Баръакс аҳсан мехонданд ба ў. Аммо вай на танҳо ин корро накард, балки хонаю дари ободашро тарк карда, умри азизашро ба танҳоӣ гузаронд, оқибат дар танҳоӣ ҳон ба ҳонофарин супурд. Аз ҳама аламовараш дигар ба зоти зан дилаш мисли ях хунуку бовараш билкул коста, дуюмбора оила бунёд накард. Ин, албатта, тарсуӣ буд аз ҳониби усто.

V

Муаллим дар зери дарахти санҳид нишаста, он сўҳбати худро бо мўйсафед ба ёд оварду аз чӣ бошад, табассуми ҳазине дар лабаш пайдо шуд. Офтоб аллакай аз мобайни осмон дур шуда буд. Алҳол аз он кулбаи фақиронаи усто Баҳром нишоне намонда буд. Ба ҳойи он шипанги дарозе сохта буданд, ки алҳол дар зери он як мошини пахтачинӣ меистод. Шояд вайрон шуда буд, ки он ҳо партофта рафтаанд. Ҳаво торафт нарм ва суръати шамол суст мешуд. Бузҳо аз даруни ҳўяк баромада, ҳониби ҳавлии соҳибашон рафтанд. Муаллим аз ҳой хеста, аз канори пахтазор рў ба ҳониби талҳо гом бардошт. Вай дар дил азм карда буд, ки пойи пиёда ба зодгоҳаш меравад. Дар он ҳо ба ҳуз як хоҳари муштипараш, ки бори охир шаш-ҳафт сол қабл ба хонаи ў меҳмонӣ омада буду бо зану духтари муаллим гапаш гурехта, дигар қадамашро ба хонаи бародар нагузошт, зиндагӣ мекард, дигар касе аз фарзандони падараш намонда буд. Падару модар ва додари азизашу ду апааш кайҳо ин ҳаҳони фониро падруд гуфта буданд. Муаллим мехост он роҳи панҳоҳ сол пеш тай кардаашро аз нав қадам занад. Мехост дар ин роҳ аз нав он лаззати умри гузаштаро эҳсос кунад, лаҳзае ғаму ғуссаашро фаромўш созад. Бинобар ин, ҳарчанд душвор буд, зўр зада пеш мерафт ва гумон мекард, ки лаҳза ба лаҳза устухонҳояш сабук мешаванд, таппиши дилаш мўътадил мегардад.

Ду некӣ

Дари утоқи кории муфаттиши ҳавон Далер Сангиновро оҳиста кушода, марди тахмин шасту панҳ-ҳафтодсолае сар халонд.

- Мумкин, писар? – пурсид вай ва иҳозати муфаттишро мунтазир нашуда, тиқ-тиқ асозанон ворид шуд.

- Марҳамат, биёед, - аз ҳой хест муфаттиш.

- Ҳеғ зада будӣ? – як пора коғази дасташро дароз кард мард.

- Шинед, падар, - гуфт муфаттиш яке аз курсиҳоро, ки дар зери миз ботартиб гузошта буданд, ба қафо кашида.

Мард бо як дасташ ба лаби миз ва ҳамчунин ба асои дасташ такя оварда, базўр нишаст.

- Э вой, ҳонаме! Ин тарбоди сабил умрамро хазон кард, барвақт пир шудам. Пирияш ҳам як дарди бедаво будааст, писарам. Ҳама дардҳо мисли кана мечаспанд.

Муфаттиш бо ишораи сар суханони мардро тасдиқ намуд ва сипас коғазҳои гуногунро, ки болои миз бетартиб мехобиданд, ҳамъ карда, ба як кунҳи миз гузошт.

- Чӣ хизмат буд, писарам? – пурсид мард, баъди ба коғази вай чашм давонда, сар бардоштани муфаттиш. – Сарсон шудам. Худат медонӣ, деҳаи мо дар домани кўҳ, то роҳи калон пиёдаю савора меоем. Имрўз қариб ду соат мошин пойидам. Хайрият, як мошини боркаш омад. Илоҳо барака ёбад, ронанда, ҳарчанд кабинаш банд буд, маро ҳам ҳой кард. Секаса омадем дар як кабини танг. Тинҳист? Чӣ кор дошти ба ман?

Муфаттиши ҳавон, гўё осори хастагиро дар чеҳраи мард меҳуста бошад, чанд лаҳза ба рўйи пурожангу рангпаридаи вай дида дўхта, гуфт:

- Тинҳӣ нест, падар. Агар кор намедоштем, беҳуда шуморо саргардон намекардем. Шумо қонуншиканӣ кардед.

- Нафаҳмидам.

- Бо айби шумо як ҳиноятқор аз дасти нозирони тартибот гурехта, халос хўрдааст… Ғуфрона мешиносед?

- Ғуфрон?.. – лаҳзае ба андеша рафт мард. – Ғуфрон… набераи Қурбона мегўӣ?

- Ҳа, Ғуфрон Қурбонов.

- Мешиносам. Мо ҳамсояи девордармиёнем.

- Ана ҳамуна ҳангоми таъқиби кормандони милиса шумо дар хонаатон пинҳон кардаед.

- А! – мад кашид мард. – Вай чӣ гуноҳ доштааст, ки таъқиб кардаанд?

- Дар сари дуздияш дастгир карданӣ буданд.

- Акнун фаҳмидам.

- Мо бояд аз рўйи қонун шуморо низ барои ҳиноятқорро пинҳон карданатон ба ҳавобгарӣ кашем. Милисионер дар ҳавлиатон ўро кофт?

- Ҳа, кофт.

- Чаро пинҳон кардед?

Мард дар ҳавоб хомўш монд. Ҳуссаи хурдакак ва қомати хамидаашро ба асои дасташ такя дода, ноҳунбон менишаст вай. Танҳо чашми чапаш ноаён мепарид.

- Эҳ бачем! – гуфт ниҳоят вай сар бардошта мард. – Гапат дуруст, қонун чизи нағз, ба нафъи одамизод. Аммо, писарам, дар дунё қонуни зиндагӣ, ҳаққи нону намак ва подоши некӣ барин мафҳумҳо ҳаст.

- Вай ба шумо чӣ некӣ кардааст? – суол кард муфаттиш.

- Аз дасти дузд чӣ некӣ меояд… Аммо бобояш… Иҳозат деҳ, писар, ба ту як воқиаро ҳикоя кунам. Баъд ҳар ҳазоеро, ки ба ман раво мебинӣ, ихтиёрат.

- Ку, бишнавем, - дар курсии худ бароҳаттар ҳой гирифт муфаттиш.

- Пеш аз ҳанги Гирмон, ман он вақт панҳсола будам, ба сари оилаи мо мусибати гарон омад. Падарамро бо ҳурми «душмани халқ» ба ҳабс гирифтанд. Он солҳо бо

ҳамин баҳона бисёр одамон ноҳақ нобуд шуданд. Корҳое ки имрӯз аз нигоҳи давлат хайр меҳисобем, он айём беамон таъқиб карда мешуд. Чандин одамон бо иғвою тӯҳмати нотавонбинон дар кунҳи маҳбас ҳон доданд. Писарам, гап байни худамон, имрӯз он ҳама бедодгариҳоро ба сари Исталини бечора мезананд, ки ба фикрам аз рӯйи адолат нест. Чаро, бигӯ. Исталин дар Маскав буд. Вай, албатта, қарор карда буд, ки бар зидди дуздону ғоратгарон ва душманони ҳукумати шӯроҳо муборизаи беамон бурда шавад. Аммо, ун қонун баҳона, дар ҳойҳои худамон ба баъзе мансабдорону думравонашон Худо дод. Онҳо тару хушкро бо як дос даравиданд, барои ғарази шахсии худ одамони бегуноҳро низ ба доми марг тела доданд. Масалан… Ту, писарам, вақт дорӣ? Боз музоҳимат нашавам.

- Давом диҳед.

- Он солҳо дар деҳаи мо Розиқ ном як ҳавони чор кас медидагӣ зиндагӣ мекард. Номаш ба худаш муносиб, азбаски дар анбор мудир буд, ба ҳама корафтодаҳо кӯмакаш мерасид. Агар раис барои як килло гандум коғаз диҳад, вай кӯшиш мекард аз вай зиёдтар диҳад. Дар зиндагӣ чунин одамон ҳастанд, кам бошанд ҳам, ҳастанд. Ҳаёти худро зери хавф мегузоранду мехоҳанд ба касе некияшон бирасад. Табиаташон чунин аст. Хулоса, ана ба ҳамон Розиқ зани ҳамсояаш ошиқ мешавад. Шавҳари зан, ки дар колхоз табелчӣ буд, аз рашку ғазаб Розиқро, ба дастаи ғоратгарону гурезагони ҳанг, ки он вақт дар кӯҳҳо пинҳон мешуданду шабона ба хонаи мардум шабохун зада, дороияшонро мерабуданд, ҳамдастӣ мекунад, гӯён ба бало печонд. Аввал мардум бовар накарданд, аммо шабе ки хонаи раисро дузд зад, чанд нафар Розиқро дар дашт дидаанд, ки гови шаб наомадаашро меҳустааст. Аммо раис ба ин гапи ҳавон бовар накарда, ба ноҳия хабар дод ва худи ҳамон рӯзро Розиқро бурданду дигар касе зинда ё мурдаи ӯро надидааст.

Гап дароз шуд… Ҳа, падари ман низ дар қатори ҳамин гуна одамон бегуноҳ зиндонӣ шуд. Ёд дорам, як рӯзи гулрези баҳорон ду нафар марди либоси низомипӯш дарвозаамонро кӯфтанд. Чи хеле ки гуфтам, ман он вақт панҳсола будам. Лекин хурдсол бошам ҳам, он рӯзро бо ҳама ҳузъиёташ нагз дар хотир дорам. Мисли навори кино аз пеши назарам мегузаранд он рӯзҳо. Аз афташ, то рӯзи қиёмат аз ёд намебарам. Зеро рӯзи бадро фаромӯш кардан муҳол будааст. Ҳар қадар аз он гурехтан хоҳӣ ҳам, мисли соя ҳамеша дар барат мегардад, ки ана ин ман!

Хулоса, вақте ки ду марди низомипӯш ба ҳавлиамон даромаданд, ман ҳамроҳи падару модарам дар таги айвон нонушта мекардем. Дар поёни боғ амаки Қурбон – бобои ана ҳамон Ғуфрони гуфтагият, як пал замини моро побел мекард. Онҳо, мардони низомипӯш, пеш аз падарамро бурдан амаки Қурбонро ҳеғ заданд.

- Қурбон туӣ? – пурсид як нафари онҳо, ки аз чеҳрааш барфу борон меборид.

- Ҳа, - ҳавоб дод амаки Қурбон.

- Ту хизматгори ҳамин хонадонӣ?

- Не, ака, ман ҳамсояашон.

- Чаро замини ӯро побел мекунӣ? – гуфт вай, бо ишораи сар падарамро нишон дода.

- Дастёр надоранд, - гуфт амаки Қурбон. – Писарашон ҳоло хурд, ба бел бардоштан зӯраш намерасад.

- Худаш чӣ? Аз хӯрдану хобидан хук барин дам кардааст-ку!

- Худашон… - сар ба зер афканд амаки Қурбон, - бемор.

- Ҳм, - писханд зад марди бадқавоқ ва ба ҳамроҳаш рӯ оварда, гуфт. – Шунидӣ? Бемор будааст.

- Духтур ҳеҷ занам? – ба ҳамон оҳанг ҳавоб дод ҳамроҳаш.

- Чӣ лозим, ман худам духтур, - гуфт марди бадқавоқ. – Ҳарроҳ ман!

Ҳарду баробар хандиданд. Мо, чор нафар, дар пеши онҳо сарҳаму мулзам меистодем. Модарам беист ашк мерехт, ман бошам, аз тарс дарақ-дарақ меларзидам.

- Чаро дурӯғ мегӯӣ, лаънатӣ! – ба шиками амаки Қурбон лагат андохт марди бадқавоқ. – Мо медонем, ки ту хизматгори дари онҳоӣ.

Баъд аз бағалкисааш коғази зардеро бароварда, ба таги манаҳи амаки Қурбон бурда:

- Ҳамааш дар ин ҳо ба тафсил навишта шудагӣ! – гуфт.

- Назанед ӯро, - қадаме пеш гузошт падарам. – Ба шумо ман даркор? Ина ман!

Он ду нафар падарамро пешандоз карда бурданд. Ва баробари аз дарвоза берун шуданашон модарам нохост аз ҳуш рафт. Ман худамро ба домани ӯ партофта, зор-зор гиристам. Амаки Қурбон аз зарби лагати он мард бо як азоб ба худ омада, аз ҳой хесту аз ошхона як пиёла об оварда, ба рӯйи модарам пошид. Ва баъд маро, ки аз тарс чун барги бед меларзидам, «Натарс, Камол, натарс!» - гӯён аз ҳой хезонд.

Мард гӯё нафасгир шуда, хомӯш монд.

Муфаттиш аз чойники болои миз ба ӯ як пиёла чой рехт ва баъд аз ҳой хеста, пардаи тирезаи барқадро ба ду тараф тела дод. Хона равшан шуд. Офтоб аз байни шоху баргҳои дарахти чормағз, ки дар таги тиреза қад кашида буд, гӯё дуздида-дуздида нигоҳ мекард.

- Эҳ писарам! – пиёлаи холиро бо эҳтиёт лаби миз гузошта, нақлашро давом дод мард. – Ту аз куҳо медонӣ, ки он лаҳзаҳо амаки Қурбон барои мо чӣ қадру қимате дошт. Ман маҳз ҳамон рӯз бо ақлу фаросати кӯчаки худ дарк кардам, ки одам ба меҳри одамон чӣ тавр зор мешудааст. Як даҳон сухани хушу тасаллибахш он рӯзҳо барои ман қурби тиллоро дошт… Пас аз се рӯз ҳамон ду мард омада, амаки Қурбонро низ бурданд. Мегӯянд, ки ҳар қадар азобу шиканҳа додаанд, вай аз хизматгори дари мо буданаш қоил нашудааст.

- Воқиан ҳам, хизматгор буд? – пурсид муфаттиш.

- Азбаски падару модари бемор ва хоҳарону додаракони гурусна дошт, хизмати моро мекард: ҳуфт меронд,побел мекард, алаф медаравид, об меовард, ҳезум мекафонд, ба гову асп нигоҳубин мекард. Хулоса, хизматгор буд гӯем ҳам мешавад. Аммо дар оилаи мо ҳеҳ кас ба ӯ ҳамчун хизматгор муомила намекард. Вай пеш аз ҳама ҳамсоя ва гӯё узви оилаи мо буд. Ба ивази хизматаш падарам ба ӯ гандум ва гоҳо нону биринҳ медод.

Вақте ки падарамро ҳабс карданд, ҳама ҳамсояҳо, ҳатто хешу таборамон аз мо рӯй гардонданд. Ҳеҳ кас ба хонаамон намеомад, дар кӯча касе ба саломамон алейк намегирифт. Танҳо амаки Қурбон гоҳу бегоҳ аз дарвозамон даромада, ҳолу аҳвол мепурсид… Ана ҳамин хел корҳои дунё, писарам, - нақлашро хотима дод мард. –

Акнун худат як андеша кун: оё ман ҳақ доштам, ки набераи чунин инсонро паноҳгоҳ надиҳам? Агар бошад, як пиёлаи дигар рез аз ҳамун чоят.

Мард баъди пиёларо аз дасти муфаттиш гирифтан, курсии худро пештар кашида, гуфт:

- Буду шуди гап ҳамин. Агар ман, чи хеле ки ту меґӯӣ, гунаҳкор ё қонуншикан бошам, марҳамат, ба дор каш.

Муфаттиш ҳарфе назад.

- Гӯш кун, писар, ба ту як маслиҳат, - гуфт мард бо овози паст. – Гунаҳкоронро ҳазо додан лозим, аммо ба маҳбас шиндан илоҳи кор нест. Зеро онҳо аз он ҳо вайрон шуда меоянд. Ба андешаи ман онҳоро задан лозим. Ҳа-а, агар як бор дурустакак зада, тавбакор кунӣ, дуюмбора ягон кори номаъқулӣ намекунанд.

- Аз рӯи қонун мо ҳақ надорем, ки онҳоро бизанем.

- Қонун… - забон хоид мард. – Ҳамин кора қонуни кардан даркор. Ё гапам нодуруст? Ин, албатта, фикри ман, боз аз шумоён, ки аз ҳама илмҳои замона бохабаред, гап намемонад.

Ҳарду лаҳзае хомӯш монданд.

- Агар ба ман дигар савол надошта бошӣ, иҳозат бидеҳ, ман бихезам.

- Агар касе пурсад, Ғуфрон Қурбонов дар хонаи шумо набуд, - гуфт маслиҳатомез муфаттиш.

- Албатта, агар пайдо шавад, почаашро зада мешиканам, - табассум кард мӯйсафед.

Муфаттиш ҳамроҳи мард аз идора берун омада, дар саҳни ҳавлӣ ба як милисионер фармуд, ки мӯйсафедро то истгоҳ гуселонад.

Повестҳо

Пули сирот

Ӯ дарди сахтеро дар мағз-мағзи ҳисму ҳонаш ҳис карда, каме ба ҳуш омад ва чанд дақиқа ноҳунбон, чашмонаш пӯшида кӯшиш кард то ҳушашро ҳамъ оварда, бифаҳмад, ки дар куҳост ва чӣ воқиа рух дод бо вай. Аммо ин кор ба ӯ муяссар нагардид. Сараш гӯё аз худаш набуд, тамоми аъзои баданаш сим-сим дард мекард, бар замми ин чашмонашро, яқин варамида буданд, кушода наметавонист. Садои қатори мошинҳои гуногунро, ки ҳамагӣ чанд қадам дуртар аз ҳойи хобидаи вай беохир дар равуо буданд, намешунид, нигоҳи ҳайратзада ва баъзан пур аз нафрату дилсӯзии пинҳони раҳгузаронро, ки аҳён-аҳён аз роҳи калон бероҳа шуда, аз болои пули тахтагини ларзонак мегузаштанд, намедид. Одамон аз болои заҳбури обаш гандида гузашта, ба пайроҳае ки ҳониби деҳаҳои сердолу дарахт мебурд, равон мешуданд. Воҳид чанд қадам дуртар аз пул, дар пастие, ки ба лаби заҳбур мепайваст, мехобид. Ҳарчанд оҳиста-оҳиста майнааш ба кор медаромад, аммо ҳофизааш тира буд, чизеро дар ёди ӯ рушан намекард.

Ҳавон дар ҳамин ҳолат чанд дақиқа дар олами монанд ба хобу рӯъёҳо андармон шуда, аз нав шуураш ӯро тарк кард. Вай аниқ карда наметавонист, ки бо ӯ чӣ

воқиа рӯй дод, чаро сараш гарангу рӯяш абгор аст? Зеро вай дарди ҳаррӯзаашро, ки чанд соли охир ҳисмашро азоб дода, қариб ӯро аз сафи одамгарӣ бароварда буд, нағз медонист, Ҳарчанд устухонҳои дасту пояш нолиш мекарданд, ин дард ба он монанд набуд. Дигар барои ӯ мафҳуми фазою вақт вуҳуд надошт. Ҳис намекард, ки чӣ тавр чанд нафар духтарчаҳои мактабхон ӯро дар ин ҳолати забун дарёфта, хостанд бедор кунанд, аммо занаки роҳгузаре онҳоро сарзаниш кард, ки даст нарасонанд, то ба ягон беморӣ гирифтор нашаванд. Баъд зан мутанаффир аз ҳавон дур шуда:

- Садқаи одамгарӣ шав, - гӯён ба роҳи худ рафт.

Ҳавон, ки Воҳид ном дошт, аз ин ҳама гирудори зиндагӣ бехабару беёд мехобид. Инак бори чандум ба худ омада, зӯр мезад хотираашро варақ гардонад ва … оқибат канда-канда ҳавлии боҳашамат ба ёдаш расид ва чеҳраи зебои зану марди бадқавоқеро хира-хира пеши назар овард. Баъд чӣ тавр аз зарбаи мушти чун сурб вазнини мард пахши замин шуданаш ба хотираш расид ва як қад париду дарди ҳонкоҳеро дар сари зонуяш ҳис карда, аз нав беёд шуд.

1

Дар деҳаи Сангоб шояд хонае нест, ки маҳсули дастони ӯ, аксҳои бардоштааш, набошанд. Садҳо тӯйи суннатию арӯсиро ҳамчун ёдгор аккосӣ намуда, барои наслҳои ояндаи як оила, як авлод ба мерос гузоштааст. Айёме буд, ки вай меҳмони азизу дилхоҳи ҳар як суру маъракаҳо буд, одамон дар гирдаш парвона буданд, духтарони паричеҳра аз қафояш медавиданд. Вай низ ҳамеша дар ҳустуҳӯи онҳо буд. Алалхусус хатмкунандагони ду мактаби деҳа, ки тибқи анъана барои хотира бо ҳамсинфону муаллимони худ акс мегирифтанд, ҳамеша ӯро дунболгир буданд. Суратгир низ ҳама хаёлоти рангини худро ба кор андохта, барои онҳо манзараҳои зебо интихоб мекард, ҳолату исти ҳолиби суратгирӣ меандешид, дар тахтаю фанерҳои рӯяшон матоъкашида навиштаҳотҳо, аз қабили «Хотира аз айёми мактабхонӣ», «Муаллими нахустини ман», «Барои хотира», «Давраи ширини умр», «Чу дарёи хурӯшонӣ, ҳавонӣ!» ва ғайраҳо менавишт, то акс зебо, бадеӣ ва хотирнишин тавлид шавад.

Он вақт дастгоҳи аккосии ӯ - «Зенит», беҳтарин ба ҳисоб мерафт. Воҳид онро дар шаҳри Душанбе харида буд. Он сол вай мактаби миёнаро хатм карда, ба факултаи забон ва адабиёти донишгоҳ ҳуҳҳат супорид. Ҳарчанд дар мактаб аъло мехонд, донишаш бад набуд ва ҳама имтиҳонҳоро бо баҳои хуб супорид, толеъаш пастӣ карду аз комиссияи эътиборнома нагузашт. Ин ноомадии кор ҳавони деҳотиро ба чоҳи ғаму андӯҳ андохт, аламаш боло гирифт. Меандешид, ки акнун чӣ тавр бо ин рӯйи сиёҳ ба деҳа бармегардад. Алалхусус аз ғазаби падараш, ки ягона говашон, ба қавли падар нони даҳони додаракону хоҳараконашро фурӯхта, ба писараш дод ва ӯро ба Шоҳини муаллим, ки чанд сол пеш мактаби олиро дар Душанбе хатм карда, дар мактаби деҳа муаллимӣ мекард, ҳамроҳ намуд, то бачаяки шаҳрнадидаю деҳотии ӯро низ ҳамроҳи додари худ ба пойтахт барад.

Додари муаллим аз имтиҳони нахустин ду гирифт ва ҳомадонаш сари китф ба деҳа баргашт. Воҳид дар хонаи иҳора, ки соҳибаш як занаки самарқандӣ буд,

танҳо монд. Рӯзҳои аввал азоби танҳоӣ мекашид, баъзан орзу мекард, ки кош аз имтиҳон нагузараду тезтар ба деҳа баргардад. Аммо соҳибхоназан, ки шаҳрдида буд, обу ҳавои шаҳри бостонии Самарқандро нӯшидаю бӯида ба воя расида буд, ин ҳолати Воҳидро зуд пай бурда, насиҳат кард, ки зиқ нашавад, бо дили гарм ба имтиҳонҳо тайёрӣ бубинад.

- Э бачаҳон, - мегуфт вай Воҳидро насиҳаткунон, - ин шаҳри сабил як ҳозибае дорад, ки агар одат кунӣ, баъд ба калтак зада пеш кунанд ҳам, дигар ба қишлоқатон намеравӣ. Дар ҳамин ҳавлӣ, дар пеши чашми ман даҳҳо ту барин писарбачаю духтарбачаҳои деҳотӣ хонда, диплом гирифтанд. Ҳамаашон аввал мисли ту зиқ мешуданд, аммо баъд баъзеашон тамоман роҳи хонаашонро азёд мебаровардану падару модарашон аз қафояшон меомаданд, ки ин бачаи ман куҳо шуда бошад?

Он рӯзи барои Воҳид наҳс низ соҳибхоназан ӯро наздаш хонда, гуфт:

- Зиқ нашав, бачем, имсол агар бахтат нахандида бошад, соли дигар ҳатман дохил мешавӣ. Ҳоло ҳавон ҳастӣ, хондану пулёбии ту дар пеш. Ба хонаатон баргард, ба дадет кӯмак кун. Бузу гӯсфандатон, албатта, бисёр будагист?

- Не, мӯл ҳам нест. Даҳ-понздаҳ сар. Як гов доштем, фурӯхта ба ман доданд, ки ба донишгоҳ дохил шавам.

- Эҳ берӯзие, кори хуб нашудааст, - изҳори таассуф кард соҳибхоназан.

- Аммо мани гаранг аз ӯҳдаи хондан набаромадам, шарманда шудам. Гов ҳам аз даст рафт, акнун дар тамузи тобистон чашми хоҳаракону додараконам ба як қулт дӯғ чор мешавад. Хулоса, пул ҳам аз даст рафт, обрӯйи набуда ҳам рехт.

- Хайр, ҳеҳ қисса не, танат сиҳат бошад, ба падарат як гов не, даҳто харида медиҳӣ. Ғам нахӯр, мурад камбағалӣ, албатта кори нохуб шудааст, аммо ба ғам хӯрдану ашк рехтан ягон суде ҳосил намешавад. Кори ношуданӣ шуд, тир аз камон ҳаст…

Рӯзи дигар Воҳид, пеш аз баргаштан ба деҳа, барои ба додаронаш ягон савғо харидан ба маркази шаҳр рафт. Воқиан, тӯли бист рӯзи инҳо буданаш, ба хотири ба имтиҳонҳо тайёрии хуб дидан, қариб кӯча намебаромад. Хӯрокро асосан дар хона ва ё дар чойхонаи назарногири пешаш оинакоришуда, ки ҳамагӣ чил-панҳоҳ метр дуртар аз иқоматгоҳи ӯ воқеъ гардида буд, мехӯрд. Чойхона чор-панҳ мизи кӯҳна дошт. Бинобар гарм будани дохили чойхона онҳоро дар берун, зери сояи ду чанори пир гузошта буданд. Номгӯйи таъомҳои чойхона низ мисли биною ҳиҳози он якранг буд: лағмону манту ва чой. Чойхоначӣ, марди миёнақади хомфарбеҳ, пешбандаш ҳамеша равғанолуд, мӯйи сараш покутарош доим даҳ-понздаҳ чойники рангбохтаро аз чой пур карда, ба болои манқали барқии паҳнояш якметра мегузошт ва аз таъсири гармии мӯътадили он чойи чойник мисли равған ранги ҳигарӣ мегирифт. Мизоҳони доимии чойхона мегуфтанд, ки ун беимон танҳо пагоҳӣ ба чойник як қошуқ чойи хушк меандозаду халос. Дигар ҳар даъфа ба болои он оби хӯш рехта, болои манқал мегузорад ва аз тафси манқал шамма ранги сиёҳ мегирад.

Воҳид аз универмаги марказӣ баромада, ҳониби боғи фароғатӣ рафт. Рӯзи истироҳат буд. Дар боғ мардуми зиёде сайру гашт доштанд. Кӯдакон қию чуввосзанон дар аттраксиони боғ чархи фалаку арғунчаксаворӣ, тирпарронию

мошинронӣ мекарданд. Дар чанд мизи зери сояи дарахтони чинор ҳавонон машғули теннисбозӣ буданд. Одамони зиёде дар қаҳвахонаи яхмосфурӯшӣ ду-ду, се-се нишаста, сӯҳбаткунон аз зарфи ялаққосӣ яхмос мехӯрданд. Воҳид дар дӯкони рӯзномафурӯшӣ ду-се рӯзномаи нав харида, ба як гӯшаи хилват рафт ва харакеро соҳибӣ карда, ба мутолиа машғул шуд. Ончунон ба мутолиа дода шуд, ки чанд муддат ҳузури як марди қадпасти либосҳояш фақиронаро эҳсос накард. Мард низ шояд авал нахост, ки ҳавонро аз мутолиа нозеҳ кунад, аммо чун дид, интизорӣ ба дарозо мекашад, ноилоҳ барқасд ду-се бор гулӯ равшан кард. Воҳид сар бардошт. Мард табассуми ҳазине дар лаб салом дода, дарҳол сари мақсад омад.

- Бубахш, додар, халал додам, фотоаппарат[1] намехарӣ?

Мард аз бағали пиҳаки рангбохтааш асбоби аккосиро бароварда, сӯи Воҳид дароз кард.

Ҳавон бо дили нохоҳам асбобро ба даст гирифта, ҳарчанд аз ҳунари аккосӣ тасаввурот надошт, ба чашми таҳқиқ онро аз назар гузаронд.

- Нав аст, - гуфт мард, - дуздӣ нест. Ана ҳуҳҳаташ, дар он ҳама хусусиятҳои техникиаш навишта шудааст. Маҳбур шудам, вагарна дар ду дунё ҳам, намефурӯхтам.

Аз бӯйи бади даҳони мард Воҳид яқин кард, ки вай маст аст.

- Чаро маҳбур шудед? – пурсид Воҳид.

- Беморам, барои дору харидан пул надорам.

- Чӣ хел дору? Арақ?

- Мехарӣ ё не? – асабиёна аз нав пурсид мард.

- Не! – бо ҳамон оҳанг ҳавоб дод Воҳид.

- Арзон медиҳам, - бо оҳанги илтиҳо гуфт мард.

- Аз куҳо ёфтӣ? Дуздӣ нест?

- О ҳозир гуфтам-ку, не. Ба ҳар чиз қасам диҳӣ, мехӯрам. Ман худам суратгирам. Агар бовар накунӣ, ана ба он мард пурс, - ба ҳониби суратгире ки чанд нафарро дар назди ҳайкал акс мебардошт, ишора кард мард. – Дар ин шаҳр ҳама суратгирони касбӣ маро мешиносанд. Онҳо ҳама шогирдони мананд, замоне дар ин ҳунар ягон-ягон нафарон ба ман ҳамсанг буданд. Чандин сол дар яке аз рӯзномаҳои овозадор суратгир будам.

- Пас чаро тарк кардед?

- Чанд бор ба ту фаҳмонам: беморам дигар кор карда наметавонам.

- Камтар нӯшидан даркор.

- Аз пули ту нӯшидам? – гуфт мард маҳзунона ва асбобро аз нав ба бағалаш андохта, ду-се қадам монд ва ба қафо нигариста, гуфт:

- Беҳуда нахаридӣ, асбоби нағз аст.

Воҳид аз густохии худ нисбат ба одами аз худаш калон шармаш омад. Бар замми ин аз овози ҳазину имдодталабона ва ҳолати ҳақири мард дилаш сӯхта, бо мулоимат гуфт:

- Хафа нашавед, амак, ман аз ҳунари суратгирӣ бенасибам, онро харида чӣ кор мекунам?

- Ёд мегирӣ, - аз овози нарми ҳавон ба дилаш шӯълаи умед дамида, аз роҳаш гашт мард. – Ин кор душвор нест. Ман ягон мактаби суратгириро нахондам… Худомӯзам. Агар хоҳӣ, ба ту ҳам ёд медиҳам.

- Ман пагоҳ ба деҳа меравам, - гуфт Воҳид.

- Ту деҳотиӣ? – дар бари Воҳид ҳой гирифт мард.

- Ҳа, - аз гуфтааш пушаймон шуд Воҳид. Зеро вай дар хусуси деҳотиёнро фиреб додани шаҳриён бисёр шунида буд.

«Хурсанд нашав, ман аз он қишлоқиҳои гаранг нестам, - аз дил гузаронд ҳавон, - шукри Худо зӯрам ба ту барин майзадаҳо мерасад».

- Дилат дур наравад, додар, - гӯё фикри ҳавонро хонда бошад, гуфт мард. – Ман ҳам замоне мисли ту бачаи навхат аз деҳа омада будам. Мехостам донишҳӯ шавам, аммо корам омад накарду дигар ба деҳа барнагаштам. Бо кӯмаки ҳамшаҳриҳоям, ки қисме донишҳӯй буданду чанд нафарашон дар корхонаҳои гуногуни шаҳр кор мекарданд, ба шӯъбаи шабонаи факултаи физикаи Донишкадаи омӯзгорӣ дохил шудам. Рӯз дар корхонаи ҳоруббофӣ кор мекардаму шабона таҳсил. Коргари беҳтарин будам, аз таҳти дил, бе ягон найрангу шайтонӣ кор мекардам. Худат медонӣ, ки мардуми деҳот аз кор наметарсанд, устухонашон бо кори сиёҳ сахт мешавад. Хулласи гап, ин фотоаппаратро барои нағз кор карданам ба ман тӯҳфа доданд. Он вақт мисли ту ҳайрон будам, ки чӣ кор мекунам бо ин дастгоҳи ноошно? Аввал хостам ба чанд нафар ҳамкорони талабгор бифурӯшамаш. Аммо бо маслиҳати як марди рус, ки ба қавли худаш суратгири ҳаваскор буд, нафурӯхтам. Оҳиста-оҳиста бо кӯмаки ҳамон мард ёд гирифтам суратгириро. Азбаски дар факултаи физика мехондам, каму беш ба механизми асбобҳо сарфаҳм мерафтам ва ин кори маро осон кард. Баъд бо баҳонаи сурат гирондан ба суратхонаҳо рафта, чизҳои намефаҳмидагиамро аз устоҳо мепурсидам. Ҳамон ҳамкори русам рӯзе ҳамроҳам ба магазин рафта, дар интихоби ҳама асбобҳои барои суратгирӣ даркорӣ кӯмакам намуд. Ҳамин тариқ ман нозукиҳои ин касбро омӯхтаму худро пурра ба он бахшидам. Аввал аз баҳри корхонаи ҳоруббофӣ ва баъди ду сол аз баҳри хондан низ баромадам. Чунки дар як устохона шогирд шудам ва пули нағз меёфтам аз суратгирӣ. Он вақт дар шаҳр суратгирон кам буданд ва корди мо болои равған буд. Баъзан ба ноҳияҳои атрофи шаҳр рафта, дар тӯли ду-се рӯз пули бисёр кор мекардем, ки онро профессорҳо дар шаш моҳ ҳам кор намекарданд. Корам нағз буд, аммо баъд оҳиста-оҳиста ба маишат дода шудам, ба арақ одат кардам… Сигор надорӣ? – пурсид мард оҳи чуқур кашида.

- Намекашам, - гуфт Воҳид.

- Одат накун, чизе нест, ки даҳонатро бенамоз бикунӣ, - гуфт мард рӯ турш карда. – Ба никотини лаънатӣ одат бикунӣ, партофтанат душвор мешавад.

- Медонам, - гуфт Воҳид.

- Бачаи хуб менамоӣ, дар омади гап гуфтам.

Мард аз бағалкисааш пасмондаи сигореро, ки тақрибан ду сантиметр буд, бароварда, аввал аз нӯки он хокистари шахшударо канда партофт ва сигорро оташ дода, ҳарисона ду-се дуд гирифт.

- Хайр, ба чӣ хулоса омадӣ? – пурсид мард.

- Нафаҳмидам?

- Мехарӣ ё не?
- Гуфтам-ку…
- Худам ба ту ёд медиҳам, - сухани Воҳидро бурид мард. – Як ҳафта ин ҳо бош, ҳамаашро ёд мегирӣ. Баъд метавонӣ баргашта дар деҳа ба ин кор машғул шавӣ. Бовар бикун, дар як сол, худатро мегирӣ, соҳиби ҳама чиз мешавӣ. Дар деҳаатон суратгир ҳаст?
- Не.
- Барои акс гирифтан ба маркази ноҳия меравед?
- Ҳа.
- Ана дидӣ! Дигар ҳама ба назди ту меоянд. Ба кӣ мефорад роҳкиро дода, ба маркази ноҳия рафтан.

Воҳид дилгарм шуд.

- Оё дар як ҳафта ёд гирифта мешавад? – пурсид ӯ.
- Агар завқ дошта бошӣ, дар ду рӯз ҳам ёд мегирӣ. Ман ба ту асосаш, бо моддаҳои кимиёвӣ кор карданро ёд медиҳам. Сурат гирифтан он қадар душвор нест. Ду – се қисми асосии асбобро ёд медиҳам, дигар чӣ хеле ки мегӯянд, кори техника аст.

Воҳид ҳамроҳи мард аз боғ баромада, ба самти ҳануб равон шуданд.

- Савор намешавем? – пурсид Воҳид, вақте аз назди истгоҳ мегузаштанд.
- Не, роҳро миёнабур карда, аз байни хонаҳо меравем. Он қадар дур нест, понздаҳ – бист дақиқа роҳ аст.

Онҳо чанд хонаҳои чор-панҳошёнаро қафо гузошта, ба маҳаллаи деҳамонанд дохил шуданд. Мард даричаи аз щоху шабба сохта шударо тела дода, вориди ҳавлии хурдакак шуд. Дар байни ҳавлӣ як дарахти олу ва каме дуртар аз он қубури об буд. Се дар хонаи паст-паст шояд солҳо рӯи таъмирро надида буданд, ки пойдеворҳояшон маҳор баста, ба вайрон шудан меоғозиданд. Зани лоғарандоме дар назди қубури об либосҳои шустаашро обгардон мекард.

- Шиштӣ, - гуфт мард, бо овози нимшунаво.
- Нашишта чӣ кор мекардам, саги дайду, - сар бардошт зан ва чашмонаш ба Воҳид афтода, авзояш беҳо шуд. – Дар кадом гӯр мегардӣ?!
- Дод назан, намебинӣ меҳмон омадагӣ.
- Меҳмон? - киноя зад зан. – Ту лаънатӣ худат дар ин хонадон дарди сару боз меҳмон овардӣ? Дафъ шав аз назарам, алкаши худозада!
- Пӯш даҳонатро мегӯям, - ба зӯр овоз баланд кард мард. Овозаш аз таҳдид дида ба илтиҳо шабоҳат дошт. – Ин харидор, фотоаппарат меҳарад.
- Сарата хӯрад ҳамун фотоаппарат. Ҳама чиза фурӯхта ба сари шишаи арақ задӣ, рӯзат ба ҳамун монд. Э мур ба ҳамин рӯзат!
- Хайр, шуд, - гуфт мард ва дигар ба таъноу маломатҳои зан эътибор надода, вориди кулбаи пастак гашт. Воҳид ҳайрон буд, намедонист чӣ кор кунад.
- Чӣ хода барин рост истодӣ? – гуфт бо арбада зан.
- Нарас ба вай, - мард аз дар сар берун карда, Воҳидро ба дарун хонд.
- Ин занатон? – пурсид Воҳид.

- Вай зан не, сўҳони умр, - гуфт мард гилаомез. – Умрама хазон кард лаънатӣ! Ҳеҳ халос шуда наметавонам. Ту ба вай аҳамият надеҳ, саг барин меҳакаду ором мешавад. Табиаташ ҳамин хел.

- Зани ганда будааст. Дар деҳаи мо ин хел занҳоро дарав сар мебуранд. Аз куҳо ёфтед ўро?

- Вай маро ёфт. Он вақт ҳавон будам. Ин қиссаи дароз, нашуниданат беҳтар. Аз ман ба ту маслиҳат дар издивоҳ кардан саросема нашав. Зан ба ҳеҳ куҳо гурехта намеравад, табъи дил давр рондан гир. Як одами бисёр боақл гуфта будааст, ки зан гирӣ ҳам пушаймон мешавӣ, нагирӣ ҳам. Лекин ман аз ин зан ба ҳуз ҳабру ҳафо дигар ягон чиз надидам. Беҳтараш як саг мегирифтам фоидааш бисёртар мерасид. Машоихҳо беҳуда нагуфтаанд: саг вафо, зан – ҳафо.

- Ганда бошад, ҳудо шавед, - луқма партофт Воҳид.

- Аз ин хел зотҳо ҳудо шудан осон нест, як ба домашон афтӣ, мисли қилтиқи дар ҳалқрафта, ки ҳарчанд мехоҳӣ берун кунӣ, дарунтар меравад, часпида мегиранд. Ягона илоҳ фурӯ бурдан, аммо ин кор ҳам хавфнок, ҳам дарднок. Дар ҳавонӣ як беандешагӣ кардем, баъд фарзанд ба дунё омаду бе ресмон худро баста, ба дасти ин албастӣ супоридем. Акнун аз нисф зиёди умр рафт, Худо медонад, ки боз чанд соли дигар мондааст. Як илоҳ карда, зиндагӣ кардан даркор. Дер шуд ба ҳудо шудан. Баъд ман танҳо чӣ кор мекунам. Ганда ё нағз ин албастӣ хомамро пухта медиҳад, ҳақорат кунад ҳам, чиркамро мешўяд.

- Фарзанд доред?

- Ду писар дорам, алоҳида зиндагӣ мекунанд. Рўзгори онҳо ҳам вазнин, ба зўр рўзашон мегузарад. Аз онҳо бўйи умед нест… Гуфтам-ку қиссаи рўзгори маро нашуниданат беҳтар.

- Рўзатон сахт будааст.

- Биё, ошно, як маслиҳат мекунем, - гуфт мард ва аз таги мизи пастак ду китобро бароварда, ба Воҳид дароз кард. – Ин китобҳо дар хусуси суратгирӣ. Бихон, ҳамаашро мефаҳмӣ. Забони русиро медонӣ?

- Каму беш.

- Ёд мегирӣ, Ман ба фоидаи худат мегўям. Аҳволро дидӣ, ҳар рўз омада, табъатро хира кардан чӣ лозим. Агар розӣ бошӣ, дар боғ вомехўрем. Ё мебиёӣ?

Воҳид, ки кайҳо аз омаданаш ба ин ғурбатхона пушаймон шуда буд, дарҳол гуфт:

- Лозим нест, ман худам як бало карда ёд мегирам. Шумо ташвиш накашед.

- Бар падарат ҳазор раҳмат. Аҳволамро худат дидӣ.

- Чанд пул диҳам? – пурсид Воҳид, китобҳоро ба борхалтааш андохта.

- Барои асбоб сӣ сўм диҳӣ бас. Китобро тўҳфа мекунам.

- Арзон намешавад?

- Ин асбоб беҳтарин аст. Дар магазин то сад сўм мефурўшанд. Ана ин чароғу коғазҳои сурат низ ба ту тўҳфа. Гумонат аз ин асбоб ҳудо шудан барои ман осон аст. Не, як лахти ҳигарамро канда ба ту медиҳам, аммо дигар илоҳ надорам. Ба умрам рўзҳои башумор мондааст, мехоҳам, ин асбоб, ки тўли ин қадар солҳо ба ман беминнат хизмат кард, ба дасти одами нағз афтад. Барои арақ ҳама чизи дар бисотам бударо фурўхтаму инро нигоҳ доштам. Чунки вай шоҳиди беҳтарин

рӯзҳои умри ман аст. Фақат вай шоҳид буд, ки ман чӣ қадру қимат доштам дар назди одамон, чи давру даврон меронда м. Вазирою калоншавандаҳо бо ман шумо гуфта, муроҳиат мекарданд, аз қафоям мошин мефиристоданд. Як сурати гирифтаи ман, ки дар рӯзнома чоп мешуд, одамонро ба зинаҳои баланди мансаб мерасонду баъзеашонро ба хоки замин баробар мекард. Ҳозир ба баъзе одамон нақл кунам, механданд, боварашон намеояд. Фақат ҳамин асбоб медонад, вале сад афсӯс, ки забон надорад. Баъд ана он ҳалоҳинкампир як давраашро шоҳид буд, аммо қоил намешавад, чунки ҳозир ман пул намеёбам ва ӯ маро чашми дидан надорад. Замоне буд, ки дар пеши поям сар мемонд, ҳуроби чиркинамро мебӯид, дастонамро мелесид. Аммо имрӯз он рӯзҳо барои вай дурӯғе беш нестанд. Э Худо бизанад ту кӯрнамакро! – ҳониби занаш нигоҳи таҳдидомез афканд мард.

Воҳид пулро дароз кард. Мард ҳатто онро нашуморида дарҳол ба кисааш андохта, гуфт:

- Баракат меёбӣ, додарам. Фақат ба ту як илтимос, эҳтиёт кун ин асбобро. Агар ба қадраш бирасӣ, бе нон намемонӣ, обрӯ мегирӣ, аммо агар… Аз ҳама муҳимаш ба он хиёнат накун.

- Нафаҳмидам, - нигоҳи ҳайрат ба рӯи мард дӯхт Воҳид. – Чӣ хел ман метавонам ба асбоб хиёнат кунам?

- Албатта, дар мактаб ба шумо ёд додаанд, ки ба ватан, ба маҳбуба, ба қасами ҳарбӣ хиёнат кардан гуноҳи азим аст. Дуруст, бевафоӣ нисбат ба онҳо амали нобахшиданист. Аммо аз бобою бобокалонҳои мо мерос мондааст, ки ба дӯкони худ, ба асбобе ки ба воситаи он луқмаи даҳони худу кӯдаконамонро ҳалол карда, мехӯрем, хиёнат накунем. Ҳозир дар ин бора нағз таълим намедиҳанд. Масалан, агар духтур теғи ҳарроҳиашро ношуста ба кор барад, ҳаёти як нафар беморро месӯзаду ҳамон теғи бечораро бадном мекунад. Ё гапам нодуруст?

- Дуруст, - тасдиқ кард Воҳид, то ҳол аз ин фалсафафурӯшии мард аниқ чизе нафаҳмида.

- Ин магар хиёнат ба асбоб нест! Хиёнати бисёр вазнин аст. Дар пешаи мо низ ҳамчунин. Суратгир метавонад як суратҳое гирад, ки аз шарм намедонӣ чашмонатро дар куҳо пинҳон бикунӣ. Ман ҳам дар вақташ барои пули бедардимиён ёфтан ҳатӯлкорӣ мекардам, аммо баъд бо як рассом ҳамсӯҳбат шудаму таассуротам тамоман дигар шуд, муносибатам тамоман тағйир ёфт. Воқиан, он рассом дуруст мегӯяд, касби мо – рассомию суратгирӣ – рисолати офаридгорӣ дорад, Худованди карим ин ҳунарҳоро ба бандаҳои хосаш ато мекунад. Зеро офаридан кори андак нест, бори масъулияташ миён мешиканад. Ба фикрам аз ин андешаҳои парешони ман чизе нафаҳмидӣ. Хотирам парешон, вақтҳои охир фикрамро равшан баён карда наметавонам. Ҳозир мехостам ба ту як воқиаро нақл кунам, аз ёдам рафт. Хайр, паноҳат ба Худо. Ҳоло ҳавон ҳастӣ, баъд мефаҳмӣ. Ин арақи лаънатӣ майнаи одамро хушк мекардааст.

Вақте Воҳид аз дар берун шудан мехост, мард оҳиста аз остинаш кашида, пичиррос зад:

- Агар ун албастӣ пурсад, гӯй, ки нахаридам фотоаппартро, маъқул нашуд гӯй. Фаҳмо?

- Фаҳмо, - гуфт Воҳид ва аз хона берун шуд.

Зан бо нигоҳи ғазаболуд ўро гуселонид.

2

Дар зарфи як сол оҳиста-оҳиста дасти Воҳид дар суратгирӣ рост шуд. Бо маслиҳати рафиқонаш дар назди мактаби деҳа бинои собиқ почтаро, ки бинобар ба бинои нав кўчидани он чанд сол боз ба вайрона табдил ёфта буд, бекор мехобид, таъмир карда, суратгирхона кушод. Хурсандии мардуми деҳа, алалхусус ҳавононро интиҳо набуд. Воҳид бо дили гарм ба кор часпид. Оҳиста-оҳиста домани фаъолияташро паҳн кардан гирифт. Кам-кам даромадашро пасандоз карда, дучархаи «Восход» харид. Акнун тез-тез ба деҳаҳои ҳамсоя мерафт. Қариб ҳама талабагони мактабҳои ин обрав ўро мешинохтанд. Ҳамин ки дучархааш чанги роҳро хезонда, аз дур пайдо мешуд, кўдакон давдавон табли шодию нишот мезаданд, ба хурду калони деҳа аз омадани суратгир мужда мерасонданд.

Воҳид ҳангоми яке аз чунин ташрифҳояш дар деҳаи ҳамсоя баробари ҳоҳати мардумро баровардан барои худ арўс низ ёфт. Комила – духтараки гандумгини резапайкар, - нигоҳи наргиси фаттонаш дилрешкунанда аз рўзи аввал дили Воҳиди ҳавонро рабуда буд. Ҳамеша нигоҳи ҳавон дар байни ҳамъомадагон ўро меҳуст. Духтараки зирак низ гўё дилкашолии ҳавонро пай бурда буд, ки ҳаргиз пеш намеомад ва мисли дигарон ҳаваси акс гирифтан намекард. Гўё мунтазир буд, ки кай суратгир ўро хоҳиш мекунад. Воҳид чанд маротиба ин ҳолро ба мушоҳида гирифта, оқибат косаи сабраш лабрез шуд ва боре фурсати муносиб ёфта, гуфт:

- Чаро шумо акс намегиред?

- Чӣ лозим? – гўё ин саволро кайҳо боз мунтазир бошад, дарҳол ба таври худ посух дод духтар.

- Охир зеби суратгирӣ доред. Аз ҳусну ҳамоли шумо чашми асбоби суратгирӣ роҳат мекунад, об мегирад. Баръакс баъзан барои акс кунонидани чеҳраҳои хашмгину безеб азоб мекашад, дард меёбад, аммо азбаски забон надорад, эътироз карда наметавонад. Илтимос, бо чеҳраи зебоятон ин асбоби бечораро як хурсанд кунед, вагарна обу адо мешавад.

- Наход!

- Дурўғ гўям, чашмам кўр шавад.

- Астағфируллоҳ гўед. Чашми душманҳо кўр шавад.

- Астағфируллоҳ гўем-нагўем, ҳақиқати ҳол ҳамин аст.

- Агар барои сурат гирондан пул надошта бошам-чӣ? – бо ишва аз ҳавон рўй гардонд духтар.

- Аз шумо агар пул бигирам, дастам шиканад.

- Шуд, шуд! Метарсам, ки ҳама узвҳои баданатонро буридаю дарида, маслуқи таппа-тайёр шуда мемонед. Ман розӣ!

Ҳамин тариқ шиносоии онҳо оғоз ёфт. Дигар ҳавон ҳавогир шуда буд ва ҳама роҳҳо ўро ба сўи ин деҳа меоварданд. Агар нахоҳад ҳам, гўё фармони дучарха ҳониби он рост мешуд. Зеро дили соҳибаш пур аз орзую ҳавас буд, завқи дидор ҳеҳ оромаш намегузошт. Аммо вай, Воҳид, намедонист, ки барои ба коми дил расидан ўро чӣ рўзҳое интизоранд…

Хостгорҳои фиристодаи Воҳидро волидайни Комила ноумед баргардониданд. «Мо духтари ягонаамонро ба як сағираи ҳавоӣ намедиҳем, - гуфтанд онҳо. – Дар таги пояш дучарха, дар дасташ як дурбин деҳа ба деҳа мегардад. Магар одами боақл ба ҳамин кор дил мебандад? Падараш ҳам дар бисоташ як сар моли «бааъ» мегуфтагӣ надорад. Ба кадом пулу мол тӯй дода, ба писараш зан мекунад? Беҳтараш вақтатонро зоеъ накарда, ба дари ягон духтардори дигар равед, дар ин ҳавлӣ ошатон намепазад».

Вақте хостгорҳо ҳавоби ҳониби духтарро ба падари Воҳид расонданд, дар ҳавлии онҳо уштулуме барпо шуд, ки назирашро ҳамдеҳагон кайҳо боз ёд надоштанд. Падар, ки каме ширакайф буд, худро таҳқиршуда меҳисобид ва ҳама қаҳру ғазаби худро аввал ба сари занаш, баъд ба сари Воҳид фурӯ рехт:

- Падарлаънат, магар ба тухми духтар қаҳтӣ омада буд, ки гашта-гашта ба ҳамун зоташ паст ҳавасат рафт. Барои онҳо ту дайдуи бебисот будаӣ! Э дар дегу табақатон… - ҳониби духтардорро ҳақорати обдоре дод падар.

Воҳид, ки чунин ранг гирифтани корро асло чашмдор набуд, сари калобаашро гум кард. Намедонист ба таҳдидҳои падараш чӣ ҳавоб диҳад, чӣ тавр ин рафтори худро сафед кунад.

- Духтардор ноз мекунад, дадеш, - ба гап ҳамроҳ шуд модари Воҳид. Аммо вай фикрашро ба охир нарасонида дар зери таънаю маломати шавҳар монду аз гуфтааш пушаймон шуд.

- Ин масъаларо ман худам ҳал мекунам, - гӯё ба ин ҳама ғавғо нуқта гузошт Воҳид.

- Аз дастат хок ҳам намеояд, - аз аспи ҳаҳл намефаромад падар. – Агар бисёр корнамоӣ бикунӣ, саги дари ҳамонҳо мешавию халос. Э ношуд-э, наход ту аз камари ман рӯида бошӣ!

Зокир, воқиан, ба ваъдааш вафо кард: Ба осонӣ ҳам дили падар ва ҳам модари духтарро ёфта, ҳатто рӯзи тӯйро низ муайян намуд. Аммо баъд маълум шуд, ки ҳамон вақт Комила дуҳон будааст ва маҳз аз тарси дар байни мардум сарҳаму шарманда нашудан волидайнаш ноилоҳ аз аспи ғурур фаромада, дандон ба дандон монда, ба тӯй розӣ шудаанд.

Тӯй сардакак гузашт. Шояд ҳаваси падару модар ва хоҳарони Воҳид мурда буд, сухани талх кори худро карда буд. Онҳо ба шодию хурсандӣ рағбат надоштанд.

Аз байн як сол гузашт.

Комила аз бахт меболид, дар гирди шавҳар мисли парвона мегашт. Бо чеҳраи кушодаю ширинзабониаш оқибат дили хусуру хушдоманро низ ёфт. Онҳо дигар бе келин об гарм намекарданд, як пиёла чой намехӯрданд. Ҳама ҳамсояҳо аз рахшидани офтоби меҳру муҳаббати ин оила ҳавасашон меомад, баъзеҳо сидқан онҳоро тавсиф мекарданд, бархе пинҳон-пинҳон ҳасад низ мебурданд. Вақте тифлаки нахустини онҳо ба дунё омад, хона боз рӯшантар ва пур аз меҳру вафо ва хандаю нишот гашт. Воҳид бо азми дучанд ба кор мечаспид, мурғи орзуҳояш дар осмони ҳафтум парвоз мекард.

Соли дуюм низ ба ихтиёри таърих супорида шуд.

Воҳид барои худ чор дар хона сохт ва онро бо кат ва мизу курсии хориҳӣ, қолину ҳевон муҳаҳҳозонид. Ҳамсояҳо, ҳангоме ки ба бурёкӯбон омаданд, ба

пухтагии ў қоил шуданд. Аммо… аз қазою қадар буд ё чашми бад расид, ки дар фазои ин хонадони орому осоишта абрҳои тирафом чодар заданд.

Вақтҳои охир гуна-гуна таҳҳизоту асбобҳои нав, аз қабили дурбини видеою асбоби аккосии худкору тезкор пайдо шуданду бозори Воҳид сард гаштан гирифт. Гўё мурғи илҳоми суратгирии мардум ба якбора мурд, ки дигар мардум акс бардошта, то як ҳафта мунтазир намешуданд. Чунин ноомадии кор Воҳидро дилсард кард. Дигар, агар касе хоҳиши сурат гирифтан кунад ҳам, дасташ ба кор намерафт. Бар замми ин дар деҳа чанд нафар ҳавонписарон низ аз шаҳр бо асбобҳои ҳозиразамони суратгирӣ муҳаҳҳаз шуда, ба суратгирӣ оғозиданд. Азбаски онҳо ҳавон буданду имконияти асбобашон зиёдтар буд, ҳавонон думи онҳоро гирифтанд. Воҳид аввал ба ин ҳама дигаргуниҳо аз паси панҳа менигарист. Аммо оқибати кор нафаҳмида монд, ки аз давра берун шудааст.

Бо мурури замон Комила нағмаҳои нав пайдо мекард, дигар он ҳавонзани шўху кушодчеҳра набуд. Аз афташ, тафси оташи ишқаш оҳиста-оҳиста сард мешуд, ки тез-тез бо шавҳараш ҳанҳол мекард, таъна мезад ўро. Занҳои ҳамадони деҳа бошанд, тахмин мезаданд ва ё ҳақиқати ҳолро бо чашмони худ дида буданд, ки аз беҳогардии Комила мурғи овозаро сар доданд. Ҳарчанд ин овоза оқибат ба гўши Воҳид низ расид, бовараш наомад. Зеро вай дилсардиҳои занашро аз дасттунукии худ медонист ва бовар дошт, ки ҳамсараш аз сўхтанҳояш ба ў гапи сахт мегўяд. Оқибат Воҳид, ба қавле, тахтаву тиракашро ғундошт. Ва… Ёд надорад, ки бори аввал кай он зормондаро ба даст гирифт. Аввал намехост, аммо чанд нафар бангиҳои деҳа оҳиста-оҳиста бо фиребу найранг ўро ба гирдоби ин мурдор даровардaнд. Чунки он вақт каму беш пулаш буд, онҳо аз он истифода бурданд. Чун одат кард, дигар ба ташвиқи онҳо эҳтиёҳ набуд. Воҳид худаш онҳоро кофта меёфт, то ҳони дар азоб мондаашро каме бошад ҳам, биосоёнад. Дигар вай бе нашъа наметавонист нафас бикашад. Гўё вуҳудашро аз ин маводи марговар сиришта бошанд.

Вақте пасандозҳояш сарф шуданд, номаълум ба ҳиҳози хона чашм ало мекардагӣ шуд. Дигар барояш ягон чизи муқаддас намонда буд, ҳамаро ба хотири як каф ҳероин зери по мекашид. Аз ин рў ҳар қадар хона холӣ мешуд, оташи ҳангу ҳанҳоли оилавӣ баландтар мегашт.

- Зану бачаат ҳам, хонаю дарат ҳам, нашъа аст, - мегуфт Комила аз ғояти ғазаб ларзида.

- Кори ту набошад, қанчиқ! – дод мезад Воҳид, агар ҳонаш пас аз истеъмоли хокаи сафед оромида бошад. Аммо дар ҳолати дарди сахт ҳеҳ гап ба гўшаш намедаромад, даҳонаш, ба қавле, гапро намегирифт, ба ҳайвон табдил меёфт.

- Ман аз ту худо мешавам! – аз алам фиғон мекашид Комила.

- Чор тарафат қибла, ба куҳое хоҳӣ рафтан гир. Ту дигар ба ман даркор нестӣ, баръакс халал мерасонӣ.

- Оқибат пушаймон мешавӣ.

- Ҳеҳ гоҳ!

- Мебинем, баъд саломат медиҳам, аммо дер мешавад… Барқасди ту зани Сарабеки нашъаҳаллоб мешавам.

- Кошкӣ. Кам-кам ба ман дуздида медиҳӣ. Воқиан, фикри олӣ, - якбора чашмони Воҳид дурахшиданд. – Ту агар аз ман ҳудо шавӣ, аздусар бева намегардӣ, шавҳар мекунӣ. Биё, беҳтараш, ба Сарабек бирас. Ҳон Комилаҳон, ин фикри олиҳаноб аз куҳо ба сарат омад?

- Ту мехоҳӣ, ки барои нашъа ман ба оғўши ифлоси вай дароям, писарчаат ятими дари хонаи он нобакор шавад.

- Чаро не? Акаи Сарабег доро аст… Чаро ба ман каҳ менигарӣ? Охир ту бояд шавҳар бикунӣ…

- Эҳ номард! Дасту диламро шустам аз ту, танҳо сурат мондааст аз вуҳуди инсоният.

Рўзи дигар Комила писарчаашро гирифта, ба хонаи падараш рафту дигар барнагашт.

Шавҳараш низ дигар ўро сўроғ накард.

Ба Воҳид Худо дода буд, касе пишакашро пишт намегуфт. Дар тўли чанд рўз аз ҳиҳози кироии хона нишоне намонд. Воҳид ноилоҳ ба хонаи хоҳарону хешони наздик сар халонд. Падараш ўро ба ҳавлии худ роҳ намедод. Наздикон низ аз дидори ў безор буданд, дигар рўи хуш намедоданд. Бо вуҳуди ин, дили мардум ба ҳавон месўхт, саломашро алайк мегирифтанд. Аммо як рафтори ноҳавонмардонаи ў эътиқоди мардумро низ аз вай ба тамом гардонд. Дигар ҳеҳ кас ба гапҳояш бовар намекард, дилдориаш намедод. Дар жарфои ин бадбахтӣ танҳо монд оқибат.

Рўзе Воҳид, пас аз андешаҳои зиёд, ба дари холаи Руқия рафт. Як моҳ пеш шавҳари зан дар садамаи мошин фавтида буд. Азбаски аҳли оила дар тўли моҳ ба қабулу гусели фотиҳагарон одат карда буданд, Воҳидро низ, ки дар ҳанозаи марҳум наменамуд, тибқи одат қабул карданд. Зан чанд лаҳза мунтазир шуд, ки шояд ў ояте хонад, аммо аз санг садо баромаду аз ҳавон не.

- Шавҳаратон аз ман қарздор буданд, - бетоқат шуда, зуд сари мақсад омад Воҳид.

- Чӣ хел? – бовараш наомада ҳайрон шуд зан. – Мо ҳеҳ гоҳ аз касе қарз намегирифтем, зарурат ҳам надоштем. Баръакс баъди вафоти шавҳарам чанд кас пул оварданд, ки қарз гирифта будем.

- Рост, раҳматӣ одами доро буданд, аммо боре дар бозори ноҳия хариди зиёд карданду аз афташ, каме пулашон нарасид ва ноилоҳ аз ман гирифтанд. Ҳатто хандида гуфтанд, ки аз бегонаҳо қарздор шудан айб, агар дошта бошӣ, бидеҳ.

- Баъд барнагардонданд?

- Не, шояд фаромўш карданд. Рўйи одамизод гарм, азбаски вақти зиёд нагузаштааст, ман ҳам напурсидам. Агар бовар накунед, барнагардонед… Аммо рўҳашон безобита мешавад. Ман ҳам ба ҳамин андеша омадам, вагарна қадамамро наменондам. Пул чирки даст аст, кирои суроғ кардан ҳам намекунад. Раҳматӣ шавҳаратон бисёр ҳам одами сахӣ буданд, як гиранд, даҳ бармегардонданд. Ҳайронам, ки ҳамин хел йигитҳо ҳам зери хок мешудаанд. Серӣ надорад ин хоки сиёҳ аз ҳисми одамизод, - оби чашм кард Воҳид ва аз киса дастрўмол бароварда, пок намуд онро. Ман аз он кас некии зиёд дидаам, аммо қарз ба қиёмат намонад гуфтам. Мебахшидам, лекин аҳволам ба худатон маълум,

чанд сол боз дард мекашам, духтурон ҳеҷ решаи дардамро намеёбанд. Хароҳоти табобат хонасалотам кард, маҳбур моли дар бисотам бударо фурӯхтам. Аммо мардуми бедард аз қафоям ҳар гап мезананд, гуноҳҳои набударо ба думам бастаанд.

- Чанд пул қарз гирифта буданд? – аз нолишҳои ҳавон ба риққат омада, пурсид зан.

- Он қадар зиёд не. Сӣ сӯм. Агар надошта бошед, лозим нест. Хайр, ман рафтам.

Воҳид аз ҷой хест.

- Истед,- гуфт зан ва зуд хона даромада, баъди чанд дақиқа дар даст пул берун шуд.

Ин воқиа барои ҳамагон пӯшида мемонд, агар холаи Руқия дар ҳомадони шавҳараш коғазеро намеёфт. Дар он коғаз шавҳари раҳматиаш бо хатҳои хоно ному насаби чанд нафарро навишта қайд карда буд, ки «Аз ман қарздоранд». Зан ба ёд овард, ки чанд нафари номашон қайдшуда баъд аз ҳаноза қарзашонро баргардонданд. Дар се ҳойи ҳамон рӯйхат номи Воҳид низ қайд шуда буд.

Хулоса, холаи Руқия ин рафтори ноҳавонмардонаи Воҳидро овоза карду он аз забон ба забон деҳаро сайр мекард ва мардум аз ҳайрат гиребони худро медоштанду тавба мекарданд. Мегӯянд, ки маҳз баъди ҳамин воқиа падар Воҳидро оқ кардааст. Аммо ҳавонро аз ин парвое набуд.

3

Воҳид бори сеюм ба худ омад. Ҳарчанд дарди сараш андаке кам шуда буд, банду буғумҳояш ҳамоно месӯхтанд, тоқатшикан буд дардашон. Аммо ҳавон бо азоби алиме дандон ба дандон монда, тоқат мекард. Дарҳол ба ёдаш расид, ки бояд нашъа истеъмол кунад, то аз ин дарди ҳонкоҳ чанд муддат осоиш биёбад. Хост бо азоб бошад ҳам, ба паҳлӯи дигар гардад, аммо ҳуръат накард, зеро метарсид, ки мабодо ягон аъзои баданаш шикаста бошад, аз дарди ҳонкоҳ боз беҳуш мешавад. Чашмонашро нимроғ кушод, аммо аниқ карда натавонист, ки соат чанд аст. Ҳама ҳо ба назараш тирафом метофт. Аз ин сабаб тахмин зад, ки шояд вақти шом аст. Дар дил аҳд кард, ҳар азобе бошад, бояд аз ҷой хеста, то хонааш биравад.

Ҳамин вақт дасте ноаён дохили кисааш шуд. Воҳид чашм накушод, ноаён нафас мекашид. Даст кисаи пиҳакро таку рӯ карда, чизи табъи дил наёфта, ҳақорати қабеҳ дод ва ба ҳайби дарун низ даст андохта, ноумед шуд ва аз алам Воҳидро як лагат зада, гуфт:

- Бекафан! Як тини сиёҳ ҳам надорад-э бадбахт!

- Агар пул медошт, магар мисли саг дар ин ахлоттӯда хоб мерафт. – гуфт овози борике.

- Мурдаи пулдор ба мо намерасад, дарҳол соҳиб пайдо мекунад. Аммо дар куҳои дунё як бепули худмурда бошад, дар сари роҳи мо мебарояд.

- Рост мегӯӣ.

- Ин бадбахтро кӣ зада бошад?

- Аз куҳо донам.

- Маст аст?

- Не, бўйи арақ намекунад.

Воҳид ҳамоно ноҳунбон худ ба худ меандешид, ки асбоби аккосиаш дар куҳо бошад. Азбаски дуздон наёфтанд, пас дар ин гирду атроф нест. Пас куҳост?

- Шинохтӣ? – пурсид ҳамон овози борик, ба рўи сиёҳу кабуди Воҳид зеҳн монда.

- Не.

- О, ин ҳамон суратгир аст.

- Кадом суратгир?

- Ёд дорӣ, чанд сол пеш ҳамроҳ шикор рафта будем. Як шиносамон ўро ҳамроҳ овард, дар лаби чашма сурати зиёд гирифта буд.

- А, ёдам омад. Афсўс, хор кардааст худаша.

- Баъзан дар кўчаҳо медидам, нағз буд. Нашъамандӣ оқибат корашро кардаст.

- Кош мисли мо дуздӣ мекарду ба ин ҳол намеафтид.

- Ҳозир, дўстам, одами дузд баобрў. Агар дузди калон бошӣ, боз беҳтар. Гапи як олими зўр дар ёдат ҳаст?

- Кадом олим?

- Номаш дар ёдам нест. Дирўз дар чойхона нақл карданд… Ҳамоне ки дар маҳбас бо дуздбачае вохўрда, мегўяд…

- Чӣ мегўяд?

- Мегўяд, ки агар дузди калон мешудӣ, худат дуздҳои майдаро ба зиндон меандохтӣ.

- Рост гапаш. Дуздҳои калон ҳеҳ гоҳ дар маҳбас намешинанд. Чунки онҳо калон-калон медузданду бой мешаванд. Агар ба ягон дузди аз худашон бойтар халал нарасонанд, давр ронда мегарданд. Зўри майда-чуйдаҳо, ба онҳо намерасад. Фаҳмидӣ?

- Фаҳмидам. Биё, ин бечораро ягон илоҳ бикунем, мабодо дар ҳамин ҳо мурда монад.

- Кордор нашав, боз дар бало намонем. Кӣ медонад, ўро чӣ кор кардаанд… Бе ҳамин ҳам, аз дасти милисаҳои лаънатӣ рўз нест. Худат нағз медонӣ, ки агар сўзани касе гум шавад, аз мо гумонбар мешаванд. Рафтем. Шаб салқин, кайф карда мехобад. Ба худ ояд, роҳашро ёфта меравад.

Онҳо рафтанд.

Воҳидро оҳиста-оҳиста хотирааш равшан мешуд. Ба ёд овард, ки чӣ тавр имрўз субҳи барвақт ба як мошини раҳгузар нишаста, ба маркази ноҳия омад ва дар даромадгоҳи шаҳрча аз мошин фуромада ба хонаи Сарабеги нашъаҳаллоб рафт, аммо муродаш ҳосил нашуд. Зеро дигар насия додан нахост ў. Ҳарчанд Воҳид зориду ба зону зад, кора накард. «Ту бе ин ҳам то зону қарздорӣ, то онҳоро барнагардонӣ, гарди доруро ҳам намебинӣ» - гуфт нашъаҳаллоб ва дарро тараққосзанон ба рўи ҳавон баст.

Воҳид қафо гашта, чанд қадам монд, аммо баъд гўё чизи муҳиме ба ёдаш расида бошад, зуд аз роҳаш гашту ба дарвоза наздик шуд ва онро бо мушт сахт-сахт кўфт.

Сарабег бо қаҳр дарвозаро кушод.

- Чӣ мехоҳӣ? – пурсид вай.
- Як гардак бите, - илтиҳоомез гуфт Воҳид.
- Гуфтам-ку не!
- Мана фотоапарат… бар ивази ҳамин.
- Ин фотоапарати кӯҳнаро ба як ҳоят сахида мон.
- Ман аз ин чизи азиз надорам. Ҳаргиз намефурӯхтам, аммо маҳбурам.
- Ку биёр, - Сарабег асбобро ба даст гирифт. – Моли хуб будааст, - гуфт вай бо киноя.
- Беҳтарин, - дарҳол тасдиқ кард Воҳид.
- Лекин ба ман лозим нест. Ман дуто хориҳиашро дорам. Рост меистӣ, худаш сурататро гирифта, дарҳол тайёр карда медиҳад. Фаҳмидӣ? Ё ту забони тоҳикира намефаҳмӣ?
- Мефаҳмаму…
- Агар фаҳмӣ, ба хубӣ аробаатро каш!
- Аз аввал чаро одат кунондӣ? Акнун ман дигар бе нашъа наметавонам.
- Ман одат кунондам?!
- Ҳа, ту!
- Даро, - гуфт нашъаҳаллоб бо мулоиматӣ ва дарвозаро калон кушод. Вақте Воҳид ба ҳавлӣ ворид шуд, Сарабег дарҳол аз қафои худ дарвозаро пӯшида:
- Чӣ гуфтӣ? – гуфт ва ҳавоби Воҳидро мунтазир нашуда, бо як мушт ӯро ба замин хобонд. Асбоби аккосӣ аз дасти Воҳид хато хӯрда, пеш аз соҳибаш ба фарши симонпӯш бархӯрду ду ним шуд.
- Агар як бори дигар қадаматро ба ҳамин ҳавлӣ гузорӣ, аз худат гила кун. Ба сари пулҳо худам меоям. Тайёр карда мон, ба ту як ҳафта мӯҳлат.
- Майлаш, дигар намеоям, аммо ҳозир…

Ҳамин вақт чашми Воҳид ба Комила афтид, ки аз таги айвон рост ба ӯ нигоҳ мекард.
- Комила… чӣ кор мекунӣ дар ин ҳо? – ба зӯр пурсид Воҳид.
- Қарзҳои туро бармегардонад, - писханд зад Сарабег.
- Қарзи маро?
- Ҳа, қарзҳои туро. Акнун хез, дафъ шав!
- Ман ба ҳеҳ куҳо намеравам! – гуфт Воҳид бо қатъият.
- Оҳистатар, ҳамсояҳоро тарсондӣ, - гуфт Сарабег ва каме хам шуда, бо панҳаҳои қавиаш аз гиребони пиҳаки Воҳид гирифта, ӯро сари по хезонд ва бо як мушти обдор аз пой афтонду лагаткорӣ кард

Воҳид аз зарби лагат нолиши кунд карда, хира-хира дид, ки Комила аз зинаҳои симонпӯши айвони барҳаво поин мешавад.

4

Офтоб гардиши имрӯзаи худро анҳом дода, ба ғуруб мерафт. Аз пайи ӯ шафақ лолагун мешуд. Ба тадриҳ торикӣ мефуромад. Боз як рӯзи пур аз даводаву пур аз маҳал, тӯю сур, рӯзи ёфтану бохтанҳо, дилёбию дилмонданҳо, сохтану шикастанҳо поён ёфт. Тадриҳан маркази ноҳия пур аз чароғ шуд. Аз дур он як даста

машъалро мемонд. Дар деҳаи шафат низ паси ҳам чароғҳо фурӯзон мешуданд. Гирду атроф оҳиста-оҳиста ба ҳукми хомӯшию торикӣ медаромад. Одамон гӯё аз торикӣ тарсида, шитобон сӯйи манзилҳои худ мерафтанд. Дар ҳар хона хонҳо густурда мешуданд ва мардум ғизои шом меҳӯрданд. Аммо ҳеҳ кас намедонист, ки ин лаҳзаҳо дар лаби заҳбури обаш гандида инсоне бо марг часпу талош мекунад, зӯр зада мехоҳад, сари по шавад, аммо наметавонад. Дасташ ба ӯ итоат намекунад, пойҳояш зӯри вазни ӯро бардоштан надоранд.

«Ба ҳар азоб бояд аз ин ҳо бароям, - меандешид вай. – Мурам ҳам, дар ҳойи тозатар бимирам. Вақте одамон хабар ёфта, ба суроғам оянд, аз ин ифлосию бӯйи бад дилашон беҳузур нашавад. Худоё, ту раҳмону раҳимӣ, қувватам бидеҳ, маро шарманда накун».

Ҳамин вақт хисир-хисир садое баромад.

«Кош ягон одам пайдо шаваду дастамро гирад» - аз дил гузаронд Воҳид. Зеро вай ин лаҳзаҳо ба як нигоҳи гарми одамӣ зор шуда буд. Мехост касе дасташро бигираду ӯро аз ин заҳдон берун кунад. То имрӯз вай умуман дар ин бора фикр намекард. Аниқтараш танҳо вақте хумори нашъа мегирифт ва вақте касе барояш ройгон аз он дарёфт менамуд. Меҳру муҳаббати одамиро танҳо дар ҳамон медид. Ёд надорад, ки солҳои охир ба ҳанозаи кадоме аз ҳамдеҳагон рафта буд. Ҳатто ба таъзияи хешони наздиконаш низ намерафт. Агар волидайн ё хоҳаронаш раги номӯсашро бедор кардан мехостанд, асабиёна дод мезад: Ман мурам, касе ба дарвозаамон надарояд. Аз омадани ҳамонҳо чӣ фоида!

Садо торафт наздик мешуд. Оқибат дар қарибиҳо хомӯш шуд он. «Кӣ бошад? Чаро садое намебарорад? Ё дуздона нигоҳ мекунад ё тарсида дар ҳояш ях баст». Воҳид чанд лаҳза мунтазир нишаст ва тоқаташ тоқ шуда, базӯр овоз андохт: «Ҳой, касе ҳаст?! Чаро хомӯш шудӣ, биё, ман дар ин ҳо». Аз он сӯ садое набаромад. «Ё дар гӯшам расид ё дарҳақиқат касе меомад? Нафаҳмидам».

Аз нав садои хисир-хисир баромад ва таваҳҳӯҳи ҳавонро аз нав ба худ ҳалб кард. Воҳид оҳиста сар аз замин бардошта ҳониби садо мутаваҳҳеҳ шуд. Азбаски вақти говгум буд, чизеро аниқ дида натавонист. «Шояд дар байни алфҳои хушкида ягон ҳашарот меҳунбид», - оқибат умедашро канд Воҳид. Аммо ҳамин вақт саге заминро бӯйкунон то назди ӯ расид ва аз тарс дар ҳояш истод.

- Ту аз кадом гӯр пайдо шудӣ? – пурсид Воҳид. – Мехоҳӣ, маро бихӯрӣ? Беҳуда худатро азоб надеҳ, гӯшти ман пур аз захр аст, маза надорад. Мабодо ту ҳам ба нашъа одат кунӣ. Не, не, нахӯр, ки дарди сарат мешавад. Беҳтараш ба роҳат рав, лаб-лаби ин заҳбури бӯин биравӣ, бисёр чизи хӯрданбоб меёбӣ. Аз роҳат намон, ошно.

Саг резаандом, фукаш андаке дароз, гӯшу думаш набурида, рангаш сиёҳ, аммо пешонӣ ва пою гӯшҳояш сафед буданд. Вай ҳамоно аз Воҳид чашм намеканд.

- Чаро хӯса барин истодӣ? Ё мехоҳӣ ба ман кӯмак кунӣ. Ин фикрат айни мудаао. Дастатро дароз кун.

Саг гӯшҳояшро сих карда, як лаҳза ҳам, аз ҳавон чашм намеканд. Вай дар умри худ бори аввал инсонро дар чунин ҳоли забун медид. Одатан одамон ҳангоми ба ӯ дучор омадан ё эътибор надода, ба роҳашон мерафтанд ё бо сангу чӯби дасташон мехостанд ӯро тарсонда, аз сари роҳи хеш дур кунанд. Баъзе ҳавонҳо, дарҳақиқат,

ба сараш бо санг ё чўб мезаданд ва аз дарди ҳонкоҳ садои ў дар гирду атроф паҳн мешуд, аммо касеро аз ин парвое набуд. Лекин ин фарзанди инсон ҳоли забун дорад, на танҳо ба сари ў ҳамлу хез намекунад, балки бо ишора таҳдид ҳам намекунад.

- Инсоф дорӣ ё не? Пештар биё, чаро мисли хўса дар ҳоят ях бастӣ! Магар дар умрат одамизодро надидаӣ? Охир ман бемор, ба кўмак мўҳтоҳам!

Саг заррае ҳам ҳолати худро тағйир надод. Гўё вай бо ҳамон ақли сагонааш аллакай дарк карда буд, ки аз ҳониби ин одам умуман ба вай чизе таҳдид намекунад. Бинобар ин хотираш ҳамъ, фукушро рўи дастонаш гузошта, дароз кашид. Воҳид бори аввал дид, ки пашми пушти гардани ў рафта буд. «Бечора, аз афташ, аҳволи ту аз ман мондание надорад. Фақат ту рамақи роҳ гаштан дорию халос, аммо ман аз дасти қавмони худам ин қобилиятро ҳам аз даст додам. Ту ҳам шояд борҳо аз дасти онҳо шаллоқ хўрда бошӣ. Бераҳманд онҳо, агар заифиатро ҳис кунанд, зинда пўстатро аз танат ҳудо мекунанд. Ё гапам нодуруст? О гап зан, ақаллан ба лаҳни сагонаат як бор ав-ав кун, ки дар дилам заррае шўълаи умед бидамад». Ҳонвари безабонро ба ин ҳама лобаю гилагузории ҳавон парвое набуд. Вайро одат ҳамин буд, ки баъд аз фаро расидани торикӣ аз ҳавлии соҳибаш берун шуда, дар кўчаҳои деҳа медавид ва агар ягон ҳамҳинси худро ёбаду вай нисбаташ хайрхоҳ бошад, ҳамроҳаш гардани якдигарр хоидаю часпу талошкунон дар даруни юнучқаю гандумзор ва палакҳо ҳай медаванд. Пагоҳ замину кишти поймолу пайсипардашудаи худро дида, доду фиғони соҳибони замин ба осмон мепечид.

Воҳид хост ба по хезад, аммо натавонист. Бараъло ҳис мекард, ки чӣ хел зонуҳояш меларзанд, сараш ноаён чарх мезанад. Вай дасти росташро ба замин тиргак монда, бо азоби алиме ними танаашро аз замин бардошта, бори аввал ба чашмони саг нигарист. Маъюс ва хайрхоҳона буданд онҳо. Сипас Воҳид ба дум ва гардану гўши саг назар андохт. Одатан агар саг ягон нияти бад дошта бошад ва ҳамла кардан хоҳад, пеш аз ҳама ана ҳамин се узви вай ба ҳаракат меоянд, таранг кашида мешаванд.

- Аз афташ, ту ҳам мисли ман фақирӣ, заифу нотавонӣ, - аз нав ба саг рў овард Воҳид. – Вагарна дар ин нимшабӣ мисли дуздон лаб-лаби ин заҳбури бадбўй намегаштӣ, дар хонаи соҳибат нони шикамсерӣ хўрда мехобидӣ. Маълум ки аз хона ронданат. Ё мисли ман аз дасти ҳамҳинсони ҳафокорат ба ҳамин рўз гирифтор шудӣ. Ғам нахўр, ошно, қисмати сагонаи шумо ҳамин аст: ҳамин ки аз дастатон посбонӣ намеояд, нодаркор ва раъди маърака мешавед. Ҳайрон нашав, ман бо ду чашми сарам дидам, ки чӣ хел ҳамсояамон саги пири худро аз дарвоза зада пеш кард. Вақте дубора гашта омад, ин даъфа ба мошине савор карда, дар як саҳрои дур партофта омаданд. Шояд дигар роҳи хонаро наёфта, дар кадом як обкандае бо ҳасрат дунёро тарк гуфта бошад. Аммо ту хафа нашав, ба дил нагир. Ҳозир як замоне шудааст, ки одам мисли хаси роҳ қадр надорад. Куҳо расад ба шумо сагони дарбадар.

Воҳид ҳамин тариқ бо саг чанд дақиқа «сўҳбат» кард, аниқтараш худ ба худ гап зад. Саг ҳамоно ноҳунбон менишаст, ҳаракате аз худ зоҳир намекард. - Нав ҳойи гарму ҳамсўҳбати хуба ёфтӣ, кайф карда бишин. Лекин ман, ошно, бояд аз ин ҳо

бароям. Охир ман инсонам, ҳойи ман нест ин соҳили бадбӯй. Агар одамон маро дар ин ҳоли залил дида бошанд, пагоҳ дар кӯча гашта наметавонам. Ту намедонӣ, ошно, то кадом андоза бераҳманд одамон. Онҳо гумон мекунанд, ки ин бандаи ганда бо хоҳиши дилам ун заҳри қаттолро истифода мекунам. Не, ҳазорон бор не, аммо дигар наметавонам истифода накунам, зеро тамоми вуҳудам месӯзад, дилам ба кафидан рост мешавад. Ақаллан ту бовар кун. Онҳо дар ҳама ҳо маро наҳ мезананд, аз нишастан бо ман дар сари як дастархон ҳазар мекунанд, раъди маъракаам карданд. Намедонам сарамро ба куҳо занам, ба куҳо… Биё, дастатро бидеҳ. Як шоири рус шеъре дорад-ку: дастатро деҳ, Ҳим, ки ман чунин дастонро дар умрам надидаам, биё, ҳардуямон дар ин маҳтобшоби салқин каме аккос занем. Биё, дӯстам, ману ту ҳам каме ак-ак кунем. Ба худо ба ту ҳавасам меояд: ба куҳо хоҳӣ меравӣ, ҳарчӣ пешат бароят меҳӯрӣ, ҳар коре дилат хоҳад, мекунӣ. Касе туро айб намекунад, ба ҳолат намехандад. Аммо одамон…

Нохост ба ёди Воҳид сагбачаи ду сол пеш фурӯхтааш расид. Тобистон буд. Додараш аз куҳое кучукчае ёфта омаду шодиашро ҳадду канор набуд. Дарҳол ҳавлиашон пур аз бача шуд. Ҳар кас мехост сари кучукбачаро сила кунад, почаяки хурдакаки ӯро ба даст гирад. Зебо буд сагча, танаш сиёҳ, фуку пешонӣ ва почаҳояш сафед, чашмони гирдааш хокистаранг. Дар байни бачаҳо як нафар меҳмон буд аз маркази ноҳия. Вай, набераи ҳамсояашон, ҳар сол таътили тобистонаашро дар деҳа мегузаронд. Ана ҳамон писарбача ба сагча ошиқ шуд. Рӯзи дигар бобояш омада, хост онро барои набераи шаҳриаш бихарад. «Бовар кунед, ҳамсоя, - мегуфт вай илтиҳоомез ба падари Воҳид, - ду пояшро ба як мӯза андохтааст, ки ҳамон сагчаро ба ман харида диҳед». Падари Воҳид ҳарчанд писари хурдиашро маҳбур кард, розӣ нашуд. Чашмонаш пури об сагчаашро гирифта, ҳониби кӯча давид. Ҳамсоя набераи қайсарашро кашолакунон ба хонааш рафт ва дере нагузашта аввал доду фарёди набера ва баъд сарзаниши бобою момо маҳалларо ба сар бардошт.

Воҳид, ки сараш гарангу димоғаш гирифта шоҳиди ин воқиа буд, дарҳол дар дил нақша каши д ва бегоҳӣ набераи ҳамсояро дар назди дарвоза дида, гуфт:

- Мехоҳӣ, кучукбачаро соҳиб шавӣ?

Писарбача бо аломати тасдиқ сар ҳунбонд.

- Набошад аз бобоят бист сӯм бигир, пагоҳ ман кучукбачаро оварда ба дастат медиҳам.Ба бобоят гӯй, ки бачаи ҳамсоя кучукашро фурӯхтанӣ шуд. Лекин номи маро ба забон нагир.

- Худам ҳам пул дорам, дина бобоям барои валасафед[1] харидан доданд.

- Агар худат дошта бошӣ, боз ҳам нағз. Ту кай ба хонаатон меравӣ?

- Агар падарам биёянд, фардо меравем.

- Пеш аз рафтан оварда медиҳам. Ту розӣ?

- Розӣ.

Дарҳақиқат, рӯзи дигар Воҳид сагчаро аз додарчааш дуздӣ то мошини падари писарбача оварда дод. Вақте додараш аз гум шудани сагбача дарак ёфт, қариб буд девона шавад. Тамоми деҳаро гашт, ягон ғору обкандае намонд, ки надида бошад. Воҳид пули аз писарбача гирифтаашро кайҳо ба сари нашъа зада буд ва ҳар вақте чашмаш ба чеҳраи маъюси додарчааш меафтид, ӯро дилдорӣ дода, мегуфт: шояд

сагчаатро ҳўтиҳо, ки ҳамон рўз дар чимтолзори лаби дарё хайма зада буданд, дуздида бошанд. Додарчааш баъд аз он дигар ҳўтиҳоро чашми дидан надошт, ҳар гоҳ агар дар деҳа пайдо шаванд, сангборонашон мекард, агар бачаҳояшон дар дарё оббозӣ кунанд, дошта мезад. Оқибат як ҳўтибача бо санг қариб буд, чашми додарашро кўр кунад.

«Ана ҳамин хел корҳо буд, ошно, - ба саг рўй овард Воҳид.

Саг аз ҳой нимхез шуду ҳавон ногоҳ дар ҳойи худ ях баст:

- Наход ту ҳамон сагбача бошӣ?! Воқиан, чӣ хел ту монанд ба он сагбача... Чаро ман дар аввал инро пайхас накардам? Аз афташ, он бача туро саришта карда натавониста, ба кўча пеш кардааст. Ё дар ҳавлии шаҳрӣ ба ту ҳой наёфтанд? Шояд ба дегу табақашон фук задию соҳибхоназан аз қаҳр зада пешат кард. Бубахш, ошно, ҳамааш айби нашъаи лаънатӣ. Агар дар дасти додарчаам мебудӣ, туро бо ҳазор силаю сипа калон мекард. Чӣ кор кунам, ки ҳамон рўз ба ман пул даркор буд, охир бе пул касе чизе намедиҳад. Ба шумо, сагҳо осон, чизеро хоҳед, чанг зада мегиреду аз оқибати ин амалатон намеандешед. Аммо мо, одамон, дар ин масъала бисёр ҳам сахт, ҳавоб додан лозим ба ҳар амали кардаат. Гандагии кор ҳам дар ҳамин».

Воҳид аз нав кўшиши хестан кард. Саг аз ҳунбуҳўли вай турида, аз ҳой хесту каме дуртар рафта истод. Вай аз ҳаракатҳои ин инсони заиф чашм намеканд. Баъд аз хеле назора кардан шояд дилгир шуд, ки ба роҳаш рафт. Чанд қадам монду ба ақиб нигарист ва ду-се бор канда-канда сурфид. Баъд аз нав фукашро ба замин рост карда, давид ва дигар ба қафо нанигарист.

«Ҳамин ҳам аз ман рўй гардонд, - ғурингид Воҳид. – На инсонаш ба одам раҳму шафқат дорад, на ҳайвон. Аз афташ, қиёмат қоим мешавад. Хайр, ҳеҳ гап не, худам як бало мекунам. Лекин дард, - ҳавон яқин аз дарди сахт рўй турш карда, рост шуд. – Агар ҳамин дафъа зинда монам, дигар он заҳри қаттолро ба даст намегирам. Ҳа, дар лаълии тиллогин андохта пешкаш кунанд ҳам, нимнигоҳе намекунам. Магар ҳамин зиндагӣ шуд, мисли саг дар даруни чунин ифлосӣ. Ҳатто саг аз ман рў гардонд, нахост даме ҳамроҳам нишинад. Ё гапамро фаҳмида, ранҳид. Фақат ҳамин дафъа халос шавам…»

Воҳид ҳамагӣ панҳ-даҳ сония ба по рост истоду баъд оҳиста дар ҳояш нишаст. Ҳарчанд ларзиши зонуҳояш кам шуда буданд, аммо рамақ надоштанд пойҳояш. «Шояд заъфи дар намӣ бисёр шиштанам бошад. Ё он лаънатӣ ягон ҳоямро зада шикастааст? Не, не агар ягон узви баданам мешикаст, магар ман ҳунбида метаонистам», - дарҳол аз фикри худ гашт вай. Ё хумори ҳамон заҳр азобам медиҳад. Дардаш ба ҳамон кам-кам монанд, аммо…

Аз байн чанд дақиқаи дигар гузашт.

Воҳид бо як азоб ғеҳида-ғеҳида, баъд чорпоя шуда, ба назди пули тахтагин, ки ду соҳили заҳбурро ба ҳам мепайваст, расид. Ва рост шуд. Аз ҳониби муқобил, дар доманаи кўтал деҳаашон менамуд.

«Он тарафи соҳил гузарам, корам осонтар мешавад. Аммо чӣ хел аз ин пули сирот бигзарам… Воқиан ҳам, пули сирот, - аз ташбеҳи худ завқида, табассум кард ҳавон. – Худоё, мадад кун!»

Пул қариб даҳ метр дарозӣ дошт. Воҳид тарсону ларзон дар болои он ду-се қадам монду ногоҳ раги пояш кашида, пеши чашмонашро пардаи сиёҳӣ гирифт ва мувозинаташро гум карда, сарозер ба даруни заҳбур афтид ва дигар наҳунбид.

Ду муҳоҳир

Бо вуҳуди серодам будан дар боғи истироҳатӣ нисбатан оромӣ ҳукмрон буд. Дар зери дарахтони булут, зерфуну маҳнунбед ва канори роҳравҳои шағалпӯш харакҳи зиёде гузошта буданд, одамон ҳо-ҳо нишаста, байни ҳам сӯҳбат доштанд. Боғ сердолу дарахт, хушҳаво ва сарсабз буд. Дар байн кӯли калону сероб мисли қалби боғ назму тартиби онро идора мекард, одамонро дар чиллаи тобистон чун оҳанрабо сӯи худ мекашид. Қисми зиёди одамон, алалхусус кӯдакону наврасон, чун ба боғ ворид мешуданд, худро ба лаби об мезаданд. Зеро ҳарорати ҳаво баланд, бар замми ин рутубаташ ниҳоят зиёд буд. Дар оби мусаффои кӯл чанд ҳуфт мурғобиҳои гуногунранг шино мекарданд. Ҳамчунин қаиқҳои зиёди гуногунтамға дар равуо буданд. Одамон онҳоро киро карда, дар паҳнои кӯл сайру гашт мекарданд, фароғат доштанд. Дар атрофии кӯл нафарони зиёди бараҳна, дар тори сари баъзеашон мисли замбуруғ соябон ё дар чашмашон айнаки сиёҳ ба пушт дароз кашида бадани худро офтоб медоданд. «Аҳаб мардуми баҳавсалаанд русҳо, - аз дил мегузаронд Латифи Фозил. – Мо дар ватани худ, аз офтоб, ки зимстон ҳам, деҳқонӣ нур мепошад, қариб истифода намебарем. Инҳо ҳар лаҳзаро ғанимат медонанд. Беҳуда нагуфтаанд, ки оби дари хона қадр надорад». Дар охири кӯл тӯсзоре ба чашм мерасид, ки мисли девор ин самти боғро печонида буд.

Латифи Фозил як моҳ инҳониб қариб ҳар рӯз ҳамроҳи духтарчаи панҳсолааш ба ин ҳо меомад. Чанд вақт боз духтарчааш ба сулфаи кабутак мубтало гашта буд ва духтурон баъд аз муолиҳаи дуру дароз ба ӯ маслиҳат доданд, ки хуб мешуд агар касе ҳар рӯз бо духтарча ақаллан як-ду соат дар ҳавои тоза сайругашт кунад. Агар дар лаби об бошад, боз беҳтар, маслиҳат доданд табибон. Бинобар ин Латифи Фозилу ҳамсараш ҳар рӯз ба навбат як-ду соат вақти худро ҳамроҳи духтарча дар ҳамин боғ мегузаронданд. Ба худи Латиф низ боғ маъқул буд. Алалхусус бегоҳиҳо, вақте ки офтоб ба ғуруб мерафт, боғ боз зеботар мешуд ва сайругашт дар он роҳати ҳон буд. Одатан дар ҳамин вақт боғ серодам мешуд. Мардум то як поси шаб вақти худро дар ин ҳо мегузарониданд, ҳамроҳи аҳли байташон дар қаҳвахонаю чавкандиҳо хӯроки шом мефармуданд.

Он рӯз падару духтар лаб-лаби кӯл оҳиста-оҳиста қадам мезаданд, падар ғарқи андешаҳои худ сархам мерафт, духтарча гоҳ-гоҳ пеш-пеши ӯ, гоҳо қафо монда, ба бозиҳои кӯдаконаи худ машғул буд. Аммо ҳамин ки сурфа гулӯтираш мекард, беҳолонадар ҳойи худ нишаста, дуру дароз месурфуд. Бинобар ин, падар ҳамеша аз вай дар хавотир буд ва намегузошт, ки дур равад.

- Дада, дадаҳон, - бо оҳанги илтиҳо гуфт духтар, - Биё, ҳу ба он киштича савор шавем, - бо дастони нозукаш ба ҳуфткиштие ки марде бо зане беист педалҳои онро тоб дода, идора мекарданд, ишора кард.

- Ту мехоҳӣ ба катамаран савор шавӣ? – пурсид падар.

Духтар бо аломати тасдиқ сар ҳунбонд.

- Майлаш, ҳозир меравем.

Онҳо ба ҳамон суръат қадам зада, хеле роҳ паймуданд ва аз болои кўпруки кўзапушт гузашта, ба истгоҳи қаиқҳо омаданд. Одамони зиёде навбат мепоиданд. Марди болобаланди сиёҳмўй билети нафарони навбаташон расидаро тафтиш мекард ва баъзан ба занон ва кўдакон дасти ёрӣ дароз менамуд то оҳиста ба қаиқ нишинанд. Ва ё ҳамчунин нафарони аз сайругашт баргаштаро пешвоз гирифта, бо ҳамон мехрубонӣ гусел мекард.

Пеш аз Латифи Фозил ду нафар зани солхўрда бо наберачаҳояшон навбат мепоиданд. Яке аз он ҳо шояд саросема буд, ки бетоқатӣ мекард ва марди сиёҳмўйро ба ноўҳдабароӣ мазаммат менамуд.

- Ҳарчанд мо дар ҳаққашон ҳар гап мезанем, лекин меҳнатианд бечораҳо. Барои ду танга аз хешу таборашон ҳудо, дар ин мулки ғарибиҳо саргардонанд, - гуфт зани бузургҳуссаи дар гарданаш занҳираи ғафси тиллоии салибдор ба марди сиёҳмўй ишора карда.

- Ту ўро мешиносӣ, - пурсид ҳамроҳи ў.

- Бале.

- Озарӣ аст?

- Не, тоҳик. Ҳамроҳи зану се фаразандаш дар ҳамсоягии хоҳарам зиндагӣ мекунад. Бисёр ҳам одами нағз, тарбиятдида.

- Занаш, албатта, рус будагист.

- Не, ҳаммиллати худаш. Як занаки озода, хушрафтор, забони русиро мисли об медонад. Кўдаконаш ҳам ширинакак, боодоб. Бори аввал занашро дар хонаи хоҳарам дида, каме нороҳат шудам, ба хоҳарам гуфтам, ки ба инҳо рўйи хуш надех, аз куҳо медонӣ, ки дар дил чӣ нияту дар сар чӣ нақшаҳо доранд. Аммо хоҳарам зуд пеши даҳонамро гирифта, изҳори норозигӣ кард, ки як касро аз наздик нашинохта, дар ҳаққаш гумони бад набарам. Баъд аз чанд бор вохўрдан ба дурустии суханҳои хоҳарам бовар кардам. Воқиан ҳам, одамони хуб будаанд онҳо: бомаданият, ҳаҳонбиниашон васеъ, ба ҳаққи худашон бий ва поквиҳдон. Ба бечорагии худашон ووораанд, ба баду неки касе кор надоранд, кўшиш мекунанд, агар ба касе кўмак карда натавонанд, ақаллан зарарашон нарасад. Як инсони хокӣ ҳамин қадар сифат дорад. Онҳо, зану шў ҳамроҳи духтарчаи хурдсолашон барвақт ба Ленинград омадаанд. Ин мардак иштирокчии ҳанги Афғонистон будааст. Чанд сол дар корхонаи «Электросила» кор карда, аз ҳамон ҳо хона гирифтааст.

- Намедонам… Дар ҳамсоягии мо як нафарашон хонаеро иҳора гирифт, дере нагузашта даҳ-понздаҳ нафар шуданд. Бовар мекунӣ, ҳамаашон дар як ҳуҳраи танг зиндагӣ мекунанд. То ҳол ҳайронам, ки чӣ хел дар он ҳой мегиранд.

- Маҳбуранд бечораҳо. Аз рўзи хуша ба мулки мо наомадаанд, мегўянд, ки дар ватани худашон ҳойи кор нест, оилаҳояшон калон, рўз гузарониданашон душвор.

- Камтар зоянд, мисли гурба дар як сол ду бор таваллуд кардан чӣ лозим. Мезоянду тарбияашро ба дигарон мегузоранд. Мегўянд, ки ҳамон нафаре ки хонаи ҳамсояамро иҳора гирифта буд, аз ҳамшаҳриҳояш пули зиёд рўёнида, аз соҳиби хона зиёдтар фоида ба даст меовардааст. Аз он пулҳо як қисмашро ба соҳиби хона – Нина Дмитриевна дода, боқимондаашро ба кисаи худ мезадааст.

Чашми кордониро бин. Остап Бендер дар пеши инҳо номаъқул кардааст. Инсоф надоранд ин мардум.

- Дар байни ҳар миллат одами нағзу бад ҳаст. Магар дар байни мо, русҳо, ҳама фариштаанд. Чандин бор бо ду чашми сарам шоҳид будам, ки ҳамин бечораҳоро мисли хар кор фармуда, маоши ночиз медиҳанд, баъзе ноинсофҳо як тини зард надода, бо таҳдид бароварда пеш мекунанд. Барои милисаҳоямон-ку инҳо гови ҳўшоиянд. Магар ҳамин аз рўи одамгарист! Боз ту инҳоро сиёҳ мекунӣ. Мо бояд аввал як бор гиребони худамонро бў кашем. Аз дасти майзадаҳоямон рўз нест. Ба афту башараашон нигоҳ карда намешавад. Солҳои охир нашъакашҳо аз мўйи сар ҳам зиёд шудаанд.

- Ҳамааш айби ҳамин сиёҳсарҳо. Барои пул аз ҳеҳ қабоҳат рўй намегардонанд. Кўдакону наврасонро ҳам дар сари сўзан шинонданд. Барои ҳамин бад мебинам лаънатиҳоро.

- Айби инҳо чӣ?

- Чӣ хел айби инҳо чӣ? Ҳаминҳо ба хотири пули бедардимиён меоранд он заҳри қаттолро.

- Гапи беҳуда. Агар мол харидор надошта бошад, ҳеҳ кас намеорад. Айби худамон, айшу нўшро дўст медорем. Як мақол дорем-ку, хук гандагиро дар ҳама ҳо меёбад. Баъд инҳо ҳамаашон нашъаҳаллоб набудагистанд. Бачаҳои худамон магар дар ин кор даст надоранд? Доранд! Дар чанд мурофиаи судӣ бо чашмони худам дидам, бо гўшҳоям шунидам, ки онҳо пушту паноҳ буданду инҳо навкару боркашон. Вагарна дар ин мулки бегона дар ду рўз хокашонро мебехтанд. Ку дар Хитой ҳамин корро бикунанд. Беҳуда дилатро хун накун, дугона, низоми ин бозори сиёҳ дар дасти худамон. Албатта, ягон кас бепул бор намекашад.

- Ман намефаҳмам, чаро ту пушти онҳоро мегирӣ. Гўё худат дард кашида, зоида бошишон. Аз афташ, корат нағалтидаст ба ин мардум.

- Ҳаргиз пушти касеро нагирифтам. Барои ман ҳама махлуқи худоянд, ба дину оин, рангу пўсти касе кор надорам, чунки дар болои сар як худо дорем, ҳамаамонро баробар халқ кардааст. Баъд ман некии ин мардумро бисёр дидаам.

- Чӣ хел?

- Кампир Малашихинаро ёд дорӣ? Дар мағозаю ошхонаҳо шишаи холӣ ҳамъ карда мегашт.

- Хўш.

- Ҳамонро ҳамин мардум гўру чўб карданд. Аниқтараш як марди сарсиёҳи савобҳўй ҳамроҳи писаронаш ба хок супорид. Ҳатто нагузошт, ки ба мурдахона баранд. Барои ин мардум ба мурдахона бурдани майит шармандагӣ будааст. Ёд дорам, он мард ба ҳамсояҳои кампир мегуфт, ки агар ягон хеши наздик надошта бошад, чаро мурдаро маътал мекунед, дарҳол ба хок супоридан лозим. Дар ҳавоб ҳама бо як овоз гуфтанд: агар дилат сўзаду пули зиёдатӣ дошта бошӣ, худат гўр кун. «Гўр мекунам, - гуфт дар ҳавоб мард, - кори хайр аст, савобаш мерасад». Воқиан, бачаҳояш рафта тобут фармуданд, мошин оварданд ва ҳасади кампирро ба қабристони назди парки трамвайҳо ба хок супурданд. Мегўянд, ки аз занҳо расму русуми моро пурсида, барои чанд нафар оши худоӣ низ додааст.

- А фаҳмидам, - баланд хандид ҳамроҳи зан, - оши худоии бе арақро мегўӣ?

- Бале арақ надодааст, ки гуноҳ аст, - гуфт зан заррае оҳанги гапашро тағйир надода. – Давоми қиссаро гӯш кун. Рӯзи дигар милисаҳо омада, мардакро ба шӯъба бурдаанд, ки чӣ буду чӣ хел шуд, чаро ӯро бурда гӯрондӣ? Баъд оқибат қабри кампирро кушода, дилашон қарор гирифт, ки вай дар ҳақиқат бо марги худаш мурдааст. Мо ана ҳамин хел мардум.

- Ту нафаҳмидӣ, барои чӣ он мард ғами мурдаи Малашихинаро хӯрд? Аҳаб нест, ба хонаи вай чашм ало карда бошад.

- Боз хато мекунӣ, дугона. Хонаи кампирро хоҳарзодааш ду сол пеш дар ҳузури ҳамон мард ба номи худаш гузаронида, Киев рафта буд.

- Воқиан, он мард бо кампир чӣ хел шинос буд?

- Ду сол пеш чанд муддат дар хонааш иҳора нишаста, бо кампир унс гирифта будааст. Охир Малашихина ҳони одам буд, ба он марду фарзандонаш ягон нағзиаш расидагист.

Ҳамин тариқ сӯҳбаткунон ба навбати худ расиданд занҳо.

- Салом, Носир, - ба мард муроҳиат кард ҳамон зани бузургҳусса.

- Салом, - бо табассум посух дод Носир. – Чанд рӯз боз наменамоед, магар ягон ҳо сафар доштед?

- Дар дача будем ҳамроҳи набераҳо. Чанд бор гуфтам, нарафтед. Ё Вера ба шумо ҳеҳ чиз нагуфт?

- Гуфт, албатта, ягон рӯз меравем. Мегӯянд, ки дачаатон бисёр ҳам обод, дача не роҳати ҳон.

Зан мамнун сар ҳунбонд.

- Харгӯшҳоятон чӣ хел? – табассум кард Носир.

- Аз афташ, шумо ҳам хабар доред. Намедонам чӣ хел исқотиҳо таги симтӯрро кофта, аз хоначаашон берун шуда, ҳӯяки караму бодирингро луб-луч кардаанд.

- Магар харгӯш бодиринг мехӯрад? – пурсид ҳамроҳи зан.

- Гушна монанд, балоро ҳам мехӯранд онҳо.

- Марҳамат, бишинед, ин қаиқи нағз, дина таъмир карданд, - гуфт Носир, қаиқи дар лаби соҳил бударо нишон дода.

Занҳо нишастанд.

- Шумо бояд камтар мунтазир шавед, - гуфт Носир ба Латифи Фозил.

- Агар қаиқи мотордор бошад, боз беҳтар, - гуфт Латифи Фозил ба забони тоҳикӣ.

Аммо Носир ғайричашмдошти ӯ ба забони русӣ пурсид:

- Чӣ гуфтед, нафаҳмидам?

Латифи Фозил аз нав суханашро такрор кард.

- Агар ягонтааш холӣ шавад, савор мешавед, - гуфт Носир ва ба хоначаи чӯбин даромада рафт. Аз ин рафтори ӯ Латифи Фозил дар ҳайрат монд. «Чаро вай ба забони модариаш гап задан нахост? Шояд ин ҳо таги коса нимкосае бошад. Вагарна ҳеҳ мумкин нест, ки тоҳик дар мулки бегона бо ҳаммиллати худ бо забони ғайр гап занад».

Вақте ду нафар қаиқро ба соҳил расонданд, Носир аз хонача берун шуда, як гӯшаи чиптаи падару духтарро дарронду боз ба забони русӣ гуфт:

- Духтарчаро эҳтиёт шавед. Дасту пояшро ба чархи қаиқ нарасонад, хам шуда, бо кафаш об нагирад.

Падару духтар ба қаиқ савор шуда, ба паҳнои кӯл шино карданд. Ҳарчанд лаҳзае пеш аз борон дарак набуд, аз ҳубобчаҳои хурд-хурд, ки рӯи обро нақшу нигор медоданд, сим-сим боридани он аён буд. Шояд акнун ба боридан меоғозид борон. Маҳин-маҳин шамол мевазид ва аз таъсири он дар рӯи об силсиламавҳҳо пайдо мешуданд. Ҳаво мулоим буд, ба ҳисму ҳон ҳаловат мебахшид. Баъзан дили кас ба чунин шоҳкориҳои табиат аз фараҳ лабрез шуда, мехоҳад садсолаҳо зинда бошад, аз чунин боду ҳаво нафас кашад. Духтарчаи Латифи Фозил – Нигораро низ шояд чунин ҳолат даст дода буд, ки зуд ҳолаташ тағйир ёфта, ҳар замон чуқур-чуқур нафас мегирифт, дар лабонаш табассум гул мекард. Бо вуҳуди ин дили Носир хиҳил шуда, ба ҳазор дар мерафт. Рафтори Носир то ҳол ўро аз гирдоби ҳайрат берун намекард.

Он рӯз падару духтар қариб як соат дар кӯл шино карда, аз манзараҳои дилрабои боғ лаззат бурданд. Вақте ба соҳил расиданд, Носир чиптаи дасти одамонро тафтиш карда, ба навбат ба қаиқ мешиноҳд.

- Ташаккур, бародар, - гуфт Латиф, ҳангоми аз қаиқ берун шудан.

Аммо Носир ба ин сухани вай аҳамият надод, гӯё онро нашунид.

Дигар Латифи Фозил тез-тез ҳамроҳи зану духтарчааш ба боғ меомад. Баъзан ҳамроҳи духтарчааш ба қаиқ савор мешуд. Ҳар дафъа ҳис мекард, ки Носир аз ӯ дурӣ меҳӯяд, чашмонашро мегурезонад, фурсати савол додан ё гап кушодан намедиҳад. Ин рафтори ӯ дар баробари ҳайрат ҳисси кунҳковии Латифро низ бедор мекард.

Рӯзи корӣ буд. Латифи Фозил, ки ду рӯз боз худ низ дард мекашид, ба кор нарафт. Вай қарибиҳои пешин дасти духтарчаашро гирифта, ҳониби боғ рафт. Одам кам, боғ хилват буд. Вақте аз назди қаиқхона мегузаштанд, чашми Латиф ба Носир афтид, ки каме дуртар аз соҳил рӯи харак нишаста, рӯзнома мехонд. Оҳиста-оҳиста ҳамроҳи духтарчааш ба ӯ наздик шуда, салом дод:

- Ассалому алайкум, бародари азиз!

Носир аз болои рӯзнома чашм бардошта, бо дили нохоҳам:

- Саламалайкум, - посух дод. Оҳанги гуфтораш мардуми бегонаро мемонд, ки зӯр зада мехоҳанд ба тоҳикӣ ҳарф зананд.

- Корҳо чи тур, аз бекорӣ газит хонда шиштӣ?

Носир ҳавоб надод.

Латифи Фозил наздиктар рафта, барои вохӯрдӣ даст дароз кард.

- Ман тоҳик.

- Хайр, чӣ, - изҳори таааҳҳуб кард Носир ва норозиёна рӯзномаро болои харак партофт.

- Чаро ба забони модариат гап задан намехоҳӣ?

- Ту аз куҳо донистӣ, ки ман тоҳикам? – ҳамоно ба забони русӣ пурсид Носир.

- Ман тоҳикро аз якрӯза раҳ мешиносам.

- Уқоб шаву рав-э!

- Аз ҳамсояҳоят шунидам.

- Ту ҳам дар ҳамин наздикиҳо зиндагӣ мекунӣ? – пурсид Носир ба тоҳикӣ.

- Бале, дар қасабаи дигар, дар назди универсам.

- Аҳа, - гуфт маънидор Носир. Чанд лаҳза ҳарду хомӯш нишастанд. Нигораро аз нав сулфа гирифт. Ҳисми нозуку лоғари ӯ ҳангоми сулфидан гӯё ба бозӣ медаромад. Аввал канда-канда, баъд пайваста месулфиду дар охир нафасаш мегирифт ва ранги рӯяш каб-кабуд мешуд. Одатан дар ин ҳолат Латиф кӯдакро рӯи дастон мегирифт, то нафасаш нагирад.

Носир ба ин манзара дуру дароз нигариста натавонист ва коҳишомез гуфт:

- Чаро кӯдакро азоб медиҳӣ? Ба духтур нишон деҳ.

- Дид духтур, чанд муддат табобат ҳам кард.

- Табобаташ маълум, - киноя зад Носир. - Чаро нахобонд?

- Ин сулфаро кабутак мегӯянд. Дуру дароз давом мекунад. Маслиҳат дод, ки бештар дар ҳавои тоза сайру гашт бикунад. Барои ҳамин ҳам, ҳар рӯз ман ё занам ба ин боғ меорем ӯро. Ту магар пайхас накардӣ?

Носир бо аломати тасдиқ сар ҳунбонд.

Ҳамин тавр онҳо бо ҳам шинос шуданд ва баъдан тез-тез дар боғ вомехӯрданд. Ҳар даъфа Носир бештар ба Латиф унс мегирифт, ба қавле гиреҳи дилаш кушода мешуд. Баъзан сӯҳбаташон дуру дароз тӯл мекашид. Аммо Латифи Фозил ягон бор дар хусуси худро бегона гирифтани Носир гап намекушод, зеро ҳис мекард, ки вай дар ин бора гап задан намехоҳад. Оқибат Носир худ гиреҳи ин муамморо кушод.

Рӯзе Носир навбаташро гузаронида, Латифи Фозилро ба қаҳвахонаи боғ, ки каме дуртар аз кӯл дар анбӯҳи дарахтон воқеъ гардида буд, даъват кард. Салқин буд ҳаво, офтоб дар паси абрҳо пинҳон, гӯё як соябони бузурге ба сари боғ соя ғафс меандохт. Азбаски рӯзи корӣ буд, одамон кам буданд. Кампире занҳири саги пахмоқмӯяш дар даст дар роҳрави шағалпӯш оҳиста-оҳиста қадам мезад. Саг гоҳ аз роҳрав берун шуда, худро ба рӯи майсаҳо мезад ва давдавон тез-тез бехи дарахтонро бӯ кашида, аз нав ба назди соҳибаш бармегашт.

Қаҳвахонаро, воқиан ҳам, устои завқаш баланду рангинхаёл сохта буд. Он ба як дидан дар хаёли бинанда лаҳзаҳоеро аз афсонаҳои русӣ ба ёд меовард. Аз бино то мизу курсӣ ва ҳатто қошуқу косаҳояш ҳама аз чӯб буданд. Дар даромадгоҳи бино чашмаи хурди обаш равон ва дар лаби он оҳубачаи аз кадом масолеҳе сохтаю рангзада ҳаросон об менӯшид. Дар бари он оҳумодар гӯё фарзандашро посбонӣ мекарда бошад, гардан афрохта, ба дуриҳо чашм меандохт, ки мабодо ягон ҳонзоде ҳигарбандашро ҳангоми обнӯшӣ дар ғафлат монда, осебе расонад. Дар дохили қаҳвахона ҳар ҳо- ҳар ҳо сурати хирсу бочкаи асал, рӯбоҳ, санҳоб ва дигар ҳайвону паррандаҳоро аз чӯб тарошида, лок зада буданд ва дар ин ҳо кас худро хоҳу нохоҳ лаҳзае дар бешазор тасаввур мекард. Бар замми ин манзара қаҳвахона тозаю озода ва ба завқи баланд таҳҳизонида шуда буд. Дар як кунҳи бино шаршараи хурде резон буд, ки атрофи онро гиёҳҳои гуногун печонида буданд. Пайваста шилдирроси оби он ба гӯш мерасид.

- Ман кайҳо боз мехостам тую духтарчаатро ба ин ҳо даъват кунам, - гуфт Носир, аз дидани шаршара завқидани Нигора зеҳн монда.. Аммо…

- Чӣ, аммо? Намехостӣ, ки худатро ба мо шинос кунӣ?

- Росташро гӯям: ҳа.

- Чаро?

- Биё, таги гапро наков, таърихи дуру дароз дорад он.

- Ман ҳайрон аз ин рафтори ту. Сирри давлатӣ-ку нест?

- Не, сирри давлатӣ нест, аммо баъзан рози одамӣ аз сирри давлатӣ ҳам муҳимтар мешудааст.

- Аҳиб!

- Ҳайрон нашав, ошно, дунё худаш пур аз ҳайрат, - гуфт Носир дасташро ба китфи Латифи Фозил гузошта. – Инсон аз қадамҳои нахустинаш, вақте аз модар ба дунё меояду ақли худро мешиносад, аз дидаю шунидаҳояш ба ҳайрат меояд ва вақти рафтан низ, аз баромадани ҳонаш дар ҳайрат мемонад. Биё, бишин, чорта чақ-чақ кунем.

Қаҳвахона камодам буд. Онҳо дар назди шаршара як мизу чор курсиро соҳибӣ карда нишастанд.

- Сунъӣ бошад ҳам, ҳавои шаршара ба ҳисму ҳони духтарат ҳаловат мебахшад, ба дардаш даво мешавад. Охир, духтур гуфтааст-ку, бештар аз ҳавои тоза нафас кашад, - гуфт Носир.

- Дуруст, - мамнунона тасдиқ кард Латифи Фозил.

- Чанд сол боз дар Питер зиндагӣ мекунӣ ?

- Ба қарибӣ ду сол мешавад.

- Ба чӣ кор машғулӣ?

- Ҳамроҳи занам дар бозори Кузнечик мева хел-хел мекунем.

- Бачаҳои худамон бисёранд?

- Аз мӯи сар ҳам зиёд.

- Пули нағз медиҳанд?

- Ба худи кас вобаста... Ба ҳар ҳол бад не. Қариб ҳама қарзамонро кандем.

- Чӣ хел қарз?

- Напурс… - Латифи Фозил чанд лаҳза хомӯш монд. Гӯё дудила буд, ки сабаби қарздориашро гӯяд ё не? – Падарамро гӯронида, баъди гузаронидани маросимҳои дафн қарздор шудам. Акаю додар надорам, худам танҳо, дастам тунук. Хоҳаронам ёрӣ карданд, бо вуҳуди ин қарз гирифтам. Баъди чанд моҳ ба он нафари қарздода пул даркор шуду ҳар саҳар сари хонам меомад. Ҳатто боре дар як маърака аз гиребонам гирифт, суханҳои носазо гуфт. Дар байни одамон замин накафид, ки сари сахтамро ҳо кунам. Оқибат маҳбур аз ҳамсояи сарватмандам қарз кардам. Вай шарт монд, ки пулро бо фоизаш баргардонам. Воқиан, ӯ бе суд ба касе қарз намедод. Ин нағмаҳо нав сар шуд, як сӯм қарз медиҳанду ду баробар зиёд карда мегиранд. Ҳозир баъзе одамон ба ҳамин роҳ бароҳат зиндагӣ доранд. Дасташонро ба оби хунук назада ҳар моҳ пули бедардимиён ба даст меоранд. Дар дини мо судхӯрӣ гуноҳи азим аст, аммо ба ин тоифа мардум кори касе нест. Ҳатто бонкҳои давлатӣ низ ба ин кор машғуланд, чандин бечораро аз хонаю дараш маҳрум карданд. Мисли саг аз хонаи худат бароварда пеш мекунанд. Хулоса, агар гапи ду-се касро гирифта, ба мардикорӣ намеомадам, як умр дар ботлоқи қарз меғӯтидам. Худат медонӣ, қарз залилист, на дар ин дунё ва на дар охират одами қарздор оромӣ надорад.

- Ман ҳайрон, агар имконият набошад, қарз гирфтан чӣ лозим!

- Чӣ чора… агар таомули аҳдодиро риоя накунӣ, мардум механданд.

- Ҳамун мардум омада дар ин ҳо гиряи фарзандонашонро бубинанд.

- Ба кӣ мегӯй…

- Воқиан, аҳибанд мардуми мо... Дигарон дар талоши фатҳи кайҳонанд, аммо мо то ҳол фарзандамонро тӯй карда, падару модарамонро ба хок супурда баъд як умр қарз меканем. Масалан, худи ту, агар имконият надошта бошӣ, магар шарт буд ба қарз ғӯтиданат. Бигзор туро масхара кунанд, аммо ин расму русуми беақлонаро бояд касе инкор кунад, ақаллан ба як тартибу низом биёрад. Магар ин аз рӯи мусулмонист! Дар кадом китоб навишта шудааст, ки қарз гирифта маърака кун. Ба фикри ман он хайру худоӣ қабул намешавад. Чунки ҳамон одам аз ризқи фарзандонаш мезанад то дар байни мардум обрӯ гирад, то ба ҳоли ӯ наханданд.

- Дуруст, - тасдиқ кард Латифи Фозил. - Лекин, ошно, ту хӯи ӯрусӣ гирифтаӣ.

- Дидӣ, даррав қаҳрат омад. Ман ҳеҷ гуна хӯю хислати русӣ нагирифтаам, аммо алам мекунад: барои чӣ мо бо ин қадар фарҳангу таърихи бой имрӯз хору залилем? Бовар кун, баъзан шароти кор ва муомилаи баъзеҳоро нисбат ба бачаҳоямон дида, дилам хун мешавад.

- Аз афташ, касе туро сахт дар вазъи ногувор монондааст.

- Не, ин қиссаи дигар аст, – гуфт андешаманд Носир. – Лекин вай ҳам, аз нофаҳмӣ, ба қавле аз кали баории худамон маншаъ мегирад. Ман аз хешу табори худ гиламандам. Бовар дорам, он бадии дар ҳаққи ман кардаи акаамро мардум то ҳол фаромӯш накардаанд. Бинобар ин, намехоҳам, ки касе аз ману ҳамсарам дарак ёбад. Мехоҳам ҳамаро чун хоби кобусе фаромӯш кунам. Аммо дар пеши мардумони дигар ҳамеша бо ниёконамон ифтихор мекунам ва ягон бор бо рафтори ноҳое рӯҳи поки онҳоро безобита накардаам. Баръакс мекӯшам ҳаваси дигаронро биёрам.

Лаҳзае ҳарду хомӯш нишастанд.

- Зиндагӣ маҳбур мекунад. Агар не ман, ки дипломи муҳандисӣ дорам, дар як таҳхонаи бадбӯю пур аз заҳ меваю сабзавот хел мекунам? – гуфт бо алам Латифи Фозил. - Дар ватан кор набошад, чӣ кор кунам, оилаамро чӣ гуна хӯронам.

- Бадбахтии мост, ки ҳамаамон мисли ту андеша меронем: чӣ кор кунам, тақдир ҳамин будаст, худо худаш ризқа медиҳад… Барои чӣ ту ба ҳойи дар таҳхонаи бӯгин нишастан, аввал ба дари чанд корхона рафта, напурсидӣ, ки оё ба онҳо муҳандис даркор ҳаст ё не? Э бача, ту муҳандисӣ! Дар ин шаҳри бузург ҳазорҳо корхона ҳаст, ки ба ту барин муҳандисон эҳтиёҳ дорад. Агар мутахассиси хуб бошӣ, болои сарашон мебардоранд.

Ҳамин вақт пешхизмат, ҳавонзани зардинаи чашмонаш каб-кабуд, дар дасташ номгӯйи таомҳо омаду сӯҳбати онҳо қатъ гашт. Пешхизмат Носирро хуб мешинохтааст. Гарм-гарм бо ӯ пурсупос кард, ҳатто аз зану духтарчаҳояш пурсид. Носир зуд зимоми нишастро ба даст гирифта, хӯрданию нӯшиданӣ фармуд ва аз вай хоҳиш намуд, ки барои Нигора аз ҳамон асалҳои таърифиаш биёрад.

- Лозим нест, - рад кард Латифи Фозил. – Асал чизи хуб, аммо гулӯро ба хориш меорад, сулфаовар аст.

- Бубахш, ман аз ин хостяташ хабар надоштам узр хост Носир.

Баъди аз ғизоҳои гуногун, алалхусус аз кабоб тановул кардану чанд қадаҳ шароб нӯшидан, Носир гиреҳи дилашро кушод.

- Медонам, ту чанд вақт боз аз рафтори ман дар ҳайратӣ, ки чаро худро ноошно вонамуд месозам, ба саволҳоят ба забони ғайр посух медиҳам. Ҳамин тавр не? – сархушона гардан хорид Носир.

- Дуруст.

- Барои чӣ? Фаҳмидан мехоҳӣ?

- Албатта. Ҳозир каме нӯки гапа баровардию то охир нагуфтӣ.

- Бирез, - гуфт Носир истакони худро тарафи Латифи Фозил тела дода. Баъд шояд соқӣ будани худаш ба ёдаш расид, ки зуд шишаро аз дасти вай гирифт.

- Ист, мани гаранг фаромӯш кардам, ки ту меҳмони ман. Худам мерезам.

Вақте қадаҳро нӯшида, бо як бурда кабоб газак карданд, Носир ба ҳикояи саргузашти худ оғозид.

II

- Саргузашти ман талх, - оғоз кард Носир, баъд аз сигаретаро оташ додан. – Агар майлу вақти гӯш кардан дошта бошӣ, марҳамат. Лекин як хоҳиш: чизе ки мешунавӣ, дар як кунҳи дилат гӯр мекунӣ, то бӯяш набарояд. Гуфтам-ку, ту ба ман маъқул шудӣ, барои ҳамин нақл мекунам. Мехоҳам, дар ин шаҳри пурғавғою пур аз ҳаммиллати худам як дӯст дошта бошам, агар пагоҳ-бегоҳ ногаҳон мурда монам, дар қатори бегонагон як мусулмон низ барои дуо дари хонаамро бикӯбад. Чӣ гуфтӣ?

- Э, ана ин корат хуб не. Мисли мӯйсафедон гап мезанӣ.

- Дардамро танҳо худам медонам. Ман баъди ба ин ҳо омадан чандин сол дар як корхонаи бузург ҳам кор кардам ва ҳам ғоибона донишкадаро хатм намудам. Маоши хуб мегирифтам, аммо шаш моҳ пеш духтурон маслиҳат доданд, ки бояд ба нафақа бароям. Нафақаи хуб мегирам, янгаат духтур, ба зиндагиамон мерасад. Аммо дар хона бекор шишта наметавонам. Як дӯстам ҳамин корро ёфта дод. Худат дидӣ, кори вазнин нест, дар ҳавои тоза нафас гирифта мешинам.

- Чӣ бемор шудӣ?

- Зиққи нафас. Дар ҳойи кори пештараам азоб кашидам, дар дохили бино бӯйи оҳану карбид ва ҳар гуна моддаҳои кимиёвӣ аҳволамро бисёр бад кард. Баъзан дар ҳойи кор чунон нафасам мегирифт, ки гумон мекардам ҳамин замон ҳонам мебарояд. Дарди қаттол аст зиққи нафас, решаи умри одамро ноаён хушк мекунад. Дар назари аввал ҳеҳ кас гумон намекунад, ки беморӣ, аммо ту ҳамеша аз чизе дар ҳарос мегардӣ, ҳамеша як кунҳи дилат тори каст. Агар ногаҳон чанге бихезад, ин гуна беморон ба таҳлука меафтанд, безобита мешаванд.

Носир сигорашро оташ дод.

- Агар бемор бошӣ, сигор накаш, зарар дорад, - гуфт Латифи Фозил маслиҳатомез.

Носир хомӯш сигорашро оташ дода, ба ҳикояти саргузашти худ оғозид:

- Намедонам бадбахтӣ ё хушбахтии ман аз хизмати аскарӣ реша гирифт.

- Дар куҳо хизмат кардӣ? – пурсид Латифи Фозил.

- Дар Афғонистон, - посух дод Носир ва шояд ба ёд овардани он давра барояш душворӣ мекард, ки чанд бор чуқур-чуқур дуд гирифта, идома дод. – Қисми мо дар дами Панҳшер ном як дараи хушбоду ҳаво муваққатан мавқеъ гирифта буд. Воқиан, ин дара ба Ромити мо хеле шабоҳат дорад. Ҳамон дарё, ҳамон кӯҳҳо, ҳамон хонаҳои пасту баланди сангину лоини дар ду бари соҳил ва доманакӯҳҳо ҳой гирифта. Фасли баҳор буд. Барфҳо кайҳо об шуда, ҳама ҳо сабзӣ мекард. Азбаски зимистони он мавзеъ сахт меояд, табиат аз нурҳои роҳатбахши офтоби баҳорӣ аз нав ҳон гирифта, рӯз аз рӯз зеботару дилкаштар мешуд. Бошишгоҳи қисми мо дусад – сесад метр дуртар аз лаби дарёи тезоб, дар даруни як боғи сарсабз ҳой гирифта буд. Аскарон бо дастони худ аз сангу гил як хонаи бистболора, халоҳо, хобгоҳи афсарон ва анборхона сохта буданд. Қисми мо асосан дар ҳойи дигар мавқеъ дошт, аммо ротаамон баъд аз як амалиёти нобарор чанд муддат дар дохили дара монд. Ҳамроҳи ман Ҳабиб ном як ҳавони тоҳик хизмат мекард. Ман як сол баъд аз вай ба хизмат даъват шуда будам. Ӯ низ аз ноҳияи мо будааст. Дар ҳамон ҳо шинос шудем. Азбаски ба наваскар дар рӯзҳои аввал одат кардан ба муҳиту тартиби аскарӣ душвор аст, Ҳабиб маслиҳатгар ва пушту паноҳи ман буд. Ҳояш ояд аз дастдарозии баъзе аскарони синну солашон калону муштзӯр ҳимоя менамуд, баъзан барои тоза кардани аслиҳа кӯмак мекард. Аз рӯзи аввал ба вай унс гирифтам, мисли бародари худ дӯсташ доштам. Воқиан, вай ба ҳама гуна иззату эҳтиром сазовор буд. На танҳо ман, дигар аскарон низ, иззати ӯро ба ҳо меоварданд. Зеро Ҳабиб бо вуҳуди ҳавони болобаланду тануманд ва варзишгар (муштзаниро машқ карда будааст) буданаш бисёр ҳам хушодоб, ҳалим ва аз ҳама муҳимаш далеру нотарс буд. Аммо хасеро озор намедод, нисбат ба ҳама меҳрубону хайрхоҳ буд, забони русиро хеле хуб медонист. Шояд ҳамин хислатҳояшро ба инобат гирифта, командирон ӯро ба он қисми хурди мо ҳонишини худ таъин карда буданд.

Ман то он рӯзи мудҳиш бо зиндагии Ҳабиб нағз ошно набудам. Фақат медонистам, ки аз маркази ноҳияи мо аст, пеш аз хизмат оиладор шуда, баъди шаш моҳи ба аскари даъват шуданани вай занаш духтарчае таваллуд кардааасту духтару падар ҳоло якдигарро надидаанд. Ҳабиб ба воситаи мактуб аз занаш хоҳиш кардааст, то ба духтарча Фарида ном гузоранд. «Барои чӣ Фарида?» – пурсидам боре. «Маънои Фарида бемислу монанд аст. Мехоҳам, духтари ман дар ҳама кор ягона бошад, ҳам дар ҳусну ҳам дар илм ва ҳам дар бахт», - посух дод Ҳабиб…

Он шаб ҳанг ногаҳон сар шуд. То шом аскарон ба корҳои ҳаррӯзаи худ машғул буданд. Пас аз хӯроки шом аз телевизор филме тамошо кардему вақти хоб шуд. Нисфи шаб ногаҳон садои тиру гулӯла ҳамаро аз хоби ширин бедор кард. Тир мисли жола ба сари бошишгоҳи мо мерехт. Зуд бонги хатар зада шуд ва аскарон аз казарма берун шуда, ҳониби хандақ давиданд ватибқи ҳисобу китоби пешакии ҳангӣ мавқеи худро ишғол карданд. Ман ҳам бо як азоб гоҳо хазидаю гоҳо давида аз қафои ронандаамон худро ба хандақ партофтам. Аз ҳарду ҳониб беист тир меандохтанд. Бартарии душман дар он буд, ки онҳо аз боло бошишгоҳи моро хуб медиданд ва аскарони моро сар бардоштан намемонданд. Шояд ҳамин ҳолатҳои ҳангиро ба инобат гирифта, рӯзи аввали дар ин мавзеъ ҳой гирифтанамон

командир фармон дод, ки дар дар чанд ҳой ба қади одам хандақ биканад. Он қарори дуруст имрӯз кор дод, мо аз даруни хандақ ҳониби душман мусалсал тир кушода, ба онҳо имконияти поён шуданро намедодем. Дере нагузашта як аскари гурҳитабор ба ман наздик шуда гуфт: «Э тоҳик, ҳамшаҳриат маҳрӯҳ шудааст, туро мепурсад». - «Дар куҳо?» - пурсидам аз ҳой қариб нимхез шуда. «Ба ҳонат сер шудӣ магар», - аз соқӣ мӯзаам дошта кашид вай. Ноилоҳ нишастам. «Дар назди дастгоҳи миномёт хобидааст, биё, ман нишон медиҳам».

Вақте ба Ҳабиб чашмам афтид, ҳуш аз сарам парид. Китфи чапи ӯ аллакай аз хун лолагун шуда буд. Вай ба девори хандақ такя дода, чашмонаш пӯшида менишаст. Баъд шояд мадораш рафт, ки оҳиста, гӯё мисли лой шорида дароз кашид. Ҳамоно дасташро аз қафаси синааш намегирифт. Зуд худро ба назди ӯ расонда, хостам остини гимнастёркаашро барорам, аммо нагузошт.

«Беҳтараш аз болояш банд», - гуфт ӯ. «Куҳоят…» - аз саросемагӣ чӣ гуфтанамро намедонистам. Ҳарчанд кӯшидам, сухани даркорӣ ба забонам намеомад. «Худам ҳам намедонам - ба зӯр лаб кушод Ҳабиб. -Тамоми аъзои баданам дард мекунад. Аз афташ ба дасту сари синаам расид».

Дарҳол аз кисаи гимнастёркааш бастаи бинтро гирифта, китфашро бинтпеч кардам. Азбаски хандақ на он қадар чуқур буд, гоҳ-гоҳ тир аз болои сарамон ҳуштак кашида мегузашт. Душман ҳамоно моро сар бардоштан намемонд. Хоначаи дидбонгоҳи мо, ки мисли кафтархона дар баландии чор-панҳ метр бо пояҳои оҳанин мустаҳкам карда шуда буд, ба замин яксон мехобид. Танҳо чор пояааш мисли қуттии даҳонвоз меистод. Шояд душман аввал онро ҳадафи тӯб қарор дода буд. Каме дуртар аз он мошини зиреҳпӯши мо месӯхт. Гирду атрофии зарфи пуроб, ки дар назди ошхона гузошта шуда буд, сиёҳӣ мекард. Аз афташ, чанд ҳойи онро тир сӯрох карда, алҳол обаш мерафт. Ҳамон гурчӣ ба даҳони асбоби миномёт минаро андохта, дар ҳойи худ менишаст ва бо ду даст гӯшҳояшро маҳкам медошт. Баъди чанд сония садои гӯшхароше ба ҳаво мехест ва он аскар аз нав ҳамон амалашро такрор мекард. Аз тарафи рости мо алоқачӣ бо як ангушт гӯши чапашро дошта, ба ситоди баталон хабар медод. Аз ду тараф канда-канда садои автомату гранатамиёт ва таркиши минаҳо ба гӯш мерасид. Командири мо ҳар замон ба ҳаво мушаки сурх сар медод, ки ин маънои бонги хатарро дошт. Мушакҳо лаҳзае чанд атрофро равшан карда, нопадид мегаштанд.

«Оташ!» – девонавор дод мезад командир.

«Камтар тоқат кун, - гуфтам ман, ба таги сари Ҳабиб кулоҳашро гузошта. – Ҳамин ҳозир ёрдам мерасад, алоқачӣ аллакай хабар дод».

Баъд Ҳабибро ба ҳолаш гузошта, автоматро ба даст гирифтаму ҳониби шах тир кушодам. Шаб торик буд, тирҳои рахшанда дили онро шикофта, то шах мерасиданд. Касе намедонист, ки душманон то ҳол дар ҳамонҳоянд ё кайҳо мавқеи худро тарк карда, дар ҳойи дигар камин доранд.

Ҳабиб паст-паст ба нолиш даромад. Ранги рӯяш мисли пахта канда буд. Хун кайҳо докаи печондаи маро низ рангин карда, ҳамоно мезаҳид. Ба ин ҳоли рафиқам дилам бештар сӯхта, чӣ кор карданамро намедонистам. Гиря кардам.

«Барои чӣ гиря мекунӣ? – пурсид Ҳабиб, яқин аз фиқ-фиқи ман чашм кушода. – Ҳеҳ гап не, ҳозир мегузарад. Ба дасти душман наафтем шуд, - нимтабассум кард

вай. – Мард бояд нагиряд. Ман дигар наметавонам, ту… беҳуда тир напаррон, эҳтиёт кун. Он лаънатиҳо дилёб шуда, ба поён намефароянд. Мисли ҳарвақта аз дур тирборон мекунанду даъф мешаванд. Афсӯс… махрӯҳ шудам».

Ман аз ин суханони вай каме шердил шуда, як азоб остини гимнастёркаи Ҳабибро бо корд ду пора кардам. Хун аллакай лахча баста, аз худ доғи сиёҳе гузошта буд. Аниқ надидам, ки тир ба куҳо расидааст. Ба ҳар ҳол аз нав дасти ӯро бо бинти дар ҳайбам буда бастам.

«Нигоҳ кун, Носир, - гуфт бо лабханди ҳазин Ҳабиб. – Ин дара ба Ромити мо чӣ хел монанд. Мегӯянд, ки аҳолии ин ҳо аслан тоҳикони самарқандиянд. Чанд аср пеш бобоҳояшон аз фишори аҳнабиён ба ин тарафҳо фирор карда, дар ин дара маскан гирифтаанд». - «Ба тоҳик будани онҳо боварам намеояд, - гуфтам ман асабиёна, тирдони навро ба автомати худ васл карда. – Душмананд онҳо». - «Охир, ин бечораҳо хонаю дар ва хоку оби худро ҳимоя мекунанд, - гуфт Ҳабиб аз як нуқта чашм набардошта. – Аслан мо ба ин ҳо хато омадем, зиндагии осудаашонро вайрон кардем. Агар ба хонаи занбӯр чӯб андозӣ, ҳатман берун шуда, ҳамла мекунад». - «Сарашонро хӯрад хоку обашон! - гуфтам ман аз алам. – Ин кишвари қашшоқу шабушкини онҳо ба кӣ даркор. Агар қасами ҳарбӣ набошад, ба сарам сад тангаю тилло резанд ҳам, як дақиқа дар ин ҳо намешинам».

Ҳамин вақт аз самти чапи хандақ командири рота пайдо шуд. Вай, сараш андаке хам, тез-тез қадам зада меомад.

«Ярадор?» – пурсид ӯ ба назди мо расида. Баъд дасташро ба пешонии Ҳабиб гузошта гуфт: - Боз каме сабр кун, Абдуллоев. Шишков низ маҳрӯҳ шудааст. Ман ҳозир…»

«Овони донишҳӯӣ баъзан ҳамроҳи шарикдарсон ба Ромит мерафтем», - гуфт Ҳабиб, баъд аз дур шудани командир. - «Янгаамро низ дар ҳамон ҳо ёфтӣ?» - «Не, мо барвақт шинос шуда будем. Ту аз саргузашти ман пурра огоҳ нестӣ. Ман падару модарамро ёд надорам. Модарам ҳангоми таваллуди ман аз дунё мегузараду падарам маро аз таваллудхона рост ба сағирахона месупорад. Дигар ягон бор ба суроғам наомад. Мегӯянд, ки дар Душанбе зиндагӣ мекард, намедонам ҳоло зинда аст ё кайҳо гузаштааст. Ягон бор ҳустуҳӯ накардам. Агар дар дилаш заррае меҳри падарӣ медошт, ақаллан баъди мактабхон шуданам хабар мегирифт. Шояд дидан намехоҳад, ё зани нав гирифтаасту аз ӯ метарсад. Намедонам!

Хулоса, ман дар хонаи бачаҳо ба воя расидам ва баъд бо кӯмаку раҳнамунии директори он ба донишгоҳ дохил шудам. Воқиан, директории хонаи бачаҳо, амаки Акрам, барои мани сағир ҳам муаллим, ҳам тарбиятгар ва ҳам ба ҳойи падар буд. Азбаски писар надошт, маро писар хонд, баъзан шабҳо ҳамроҳ ба хонааш мебурд. Вақте мактабро тамом кардам, худаш ҳамроҳ ба Душанбе бурда, ҳуҳҳатҳоямро ба факултаи шарқшиносӣ супорид. Дохил шудам. Ҳар моҳ пул мефиристод ва ҳангоми таътил омада ба хонааш мебурд. Ҳамин тариқ ман узви оилаи онҳо шудам. Бо вуҳуди ин меҳрубониҳо баъзан шармам меомад, ки ба онҳо сарборӣ гаштам. Шояд аҳли хонадон инро пайхас карданд, ки рӯзе амаки Акрам ба хобгоҳ омада, маро ҳамроҳ ба ресторан бурд. Баъд аз ҳар дар сӯҳбат кардан ногаҳон сари мақсад омад: Ман фарзанди бисёр надорам, духтари калониам

соҳиби хонаю дари худаш, чӣ мешавад, ки ту Таҳминаро ба занӣ бигирию ба мо хонадомод шавӣ, ҳамроҳи наберахо ба ҳавлию дари мо соҳиб шуда, дами пириамон такягоҳ гардӣ».

Ҳабиб шояд манзараи он сўҳбатро пеши назар овардан хост, ки лаҳзае хомўш монд. Баъд аз баталон расида омадани кўмак душманҳо тирпароториро бас карда, ғоиб шуданд. Аскарони мо оҳиста-оҳиста аз хандаққо берун омада, маҳрўҳону фавтидагонро ҳамъ оварданд. Тўпҳои дурзани мо, ки дар болои мошинҳои калони боркаш пайваст карда шуда буданд, пайваста ҳониби шахи шафат тўп меандохтанд. Аз ҳар зарбаи онҳо чангу сангпораи шах ба ҳаво мехест.

Аз байн чанд дақиқа гузашт, ҳама ҳо дар ҳукми хомўшӣ буд. Аз тарафи шах низ дигар садои тир намеомад. Аскарони мо низ дигар оташ намекушоданд. Дере нагузашта касе ба ҳаво ракетаи сабз андохт. Ин нишонаи хотимаи бонги хатар буд. Гўё бори вазнинеро аз китф гузошта бошам, хастаҳолона дар ҳоям нишастам.

«Баъд ба духтари ҳамон директор хонадор шудӣ?» - пурсидам аз Ҳабиб. - «Ҳа, - табассум дар лабони парсинбастаи Ҳабиб гул кард. – Чунки худам ҳам дар ҳамун хаёл будам». - «Ошиқ шудӣ?» - «Ба Таҳмина фақат одами кўр ошиқ намешуд, чунки ҳусни ўро дида наметавонист. Аммо агар нобино ҳам боре овози махмалини ўро мешунид, ҳатман ошиқ мешуд. Бар замми ин одобу рафтораш мисли оҳанрабо касро ба худаш ҳалб мекард. Магар мани ятим аз чунин бахт метавонистам рўй битобам. Рости гапро гўям, маҳз барои дидори Таҳмина ҳариб ҳар ҳафта болу пар кушода ба ноҳия мерафтам. Охир дигар дар он ҳо ягон дилкашолӣ надоштам. Ҳарчанд дар байни мо ягон нишони ишқварзӣ набуд, аммо бе сухан чашмонамон сўҳбат мекард, нигоҳҳоямон якдигарро ба оғўш мекашид, нафасҳоямон аз лаби якдигар бўса меситонд. Хулоса, ман сукут аломати ризо, гўён сар ба зер афкандам. Амаки Акрам низ шояд тибқи ин мақоли машҳур маънӣ бардошт ва баъд аз шаш моҳ тўйи мо барпо шуд. Ҳама хароҳоти тўй аз ҳисоби худашон. Шодии ман дар дунё намеғунҳид. Пас аз хонадор шудан Таҳминаро бештар дўст доштам, зеро ҳазору як хубию ҳунарашро кашф намудам. Ба як ҳавони сағираи бекасу кўй магар аз ин баландтар бахт насиб мегардад. Дар як он соҳиби хонаю дар, зани соҳибҳамолу боиффат шавӣ. Мегуфтагистӣ, ки ҳай занашро таъриф кард. Медонам, дар назди каси бегона ҳамсари худро сифат кардан хуб нест, аммо ту ин суханҳои маро ҳамчун васият қабул бикун».

Бо шунидани ин калима баданам виҳиррос зада рафт.

«Ин чӣ гапи гуфтагиат, Ҳабиб?!» - гуфтам ман иродати аз ҳой хестан карда. - «Илтимос, бишин, - даст ба сари зонуам гузошт Ҳабиб. – То охир сухани маро гўш бикун, ки баъд дер мешавад». - «Э бача, ту чиҳо мегўӣ?» - «Кор аллакай аз кор гузашт» - «Аз ту ҳеҳ гоҳ ин гапҳоро чашмдор набудам. Куҳо шуд он ҳама ҳасорату пуртоқатият. Моро насиҳат мекардӣ, аммо худат ақаллан як соат тоқати дардро надорӣ», - хостам бо ин гапҳо номусашро биёрам. - «Вақте ки рўзат пур шуд, дигар ҳасорат кор намедиҳад. Ҳамааш дар пеши марг мулзам аст». - «Ҳозир туро ба госпитал мебарем. Камтари дигар тоқат кун». - «Дигар ягон госпитал ба дарди ман даво намешавад. Ҳис мекунам, охирин қатраҳои хун аз шарёнам берун мешавад. Фақат як чиз алам мекунад, одами ятим дар ин дунё рўзи хуш

намедидааст. Худованд аз оғоз ўро аз меҳру муҳаббати падару модар маҳрум карда, бо ҳамин дасти иноят аз сараш мебардоштааст».

Ҳабиб хомўш монд.

«Ҳабиб», - садо кардам ман.

«Аламовараш он аст, ки духтарчаам низ ятим мемонад, бе дасти навозиши падар калон мешавад, - суханашро давом дод вай. – Модараш шавҳар кунад ҳам, худо медонад, ки падарандар ўро чӣ гуна қабул мекунад. Сад афсўс! Шояд аз азал пешонии ман шўр, қисматам талх будааст. Вагарна аз модар чандсоата ятим намемондам. Боз оқибати корро бубин, ки дар охири хизмат. Ҳамагӣ як моҳ ё шояд чанд рўзи дигар монда буд. Мерафтам хона… назди духтарчаам, ўро навозиш мекардам, бачагиҳои сарсону лабташнаи худро дар симои ў ба низом меовардам, аз бўйи падару модар сер мекардам. Магар худованд каме тоқат карда наметавонист… насиб накарда будааст. Дигар на рўйи ҳамсарамро мебинам, на рухсори духтарчаамро мебўсам. Мефаҳмӣ, ман ҳамсару духтарчаамро ҳам ба ҳойи модар, ҳам ба ҳойи апаю хоҳар ва ҳам ба ҳойи аммаю холаам медонам. Чунки ман дар умрам онҳоро надоштам, боре ҳамроҳашон сўҳбат накардаам, навозиши дастонашонро эҳсос нанамудаам. Аз ту як хоҳиш, илтимос дорам, ки вақте ба ватан баргаштӣ, аз аҳволи оилаам хабардор шав, ба ҳойи ман сари духтарчаамро сила бикун. Охир, мо тўли як сол ба ҳам дўсту бародар шудем. Туро намедонам, аммо ман додарвор дўст доштам туро. Шояд барои он ки дар умрам додар надоштам ва ҳама он меҳру муҳаббати тайи ин солҳо дар дилам ғуншударо ба ту бахшидан хостам. Ту намедонӣ, ки ман дар хонаи бачаҳо шабҳои дароз дар ин бора фикр карда, ашк мерехтам. Мехостам мисли дигарон ака ё додаре дошта бошам, ки пушти маро бигиранд».

Ман дигар тоқати шунидани ин суханҳоро надоштам. Як дастамро аз паси гардан ва дасти дигарамро аз таки зонуҳои Ҳабиб гузаронида озод бардоштам ўро. Ба оҳи ҳонсўзи ў эътибор надода, бо як азоб ҳисми вазнинашро ба лаби хандақ дароз гузоштам. Як дастам то оринҳ пур аз хун шуд. Баъд худам низ аз хандақ берун шуда, бо кўмаки як ҳамхизматам Ҳабибро то назди мошин бурдем. Ба кўмакомадагон ҳамроҳи худ табиберо низ оварда буданд. Вай, табиб, дарҳол ҳароҳати Ҳабибро муоина кард ва аз нав баста, амр дод, ки зуд ба мошин бор кунем.

Дар роҳ Ҳабиб аз нав ба ҳуш омад ва дар ҳавои алвонҳи мошин чашм кушода:

«Носир», - гуфт бо овози хаста. - «Ҳа», - ҳавоб додам ман, ба сари болини ў хам шуда. - «Дар ҳамин ҳойӣ?» - «Албатта, боз дар куҳо мешудам. Каме тоқат кун, қариб расидем»

Дар лаби Ҳабиб як ҳаракати ба тамасхур монанд нақш басту дарҳол нопадид гашт.

«Ташаккур, ки маро танҳо нагузоштӣ». - «Камтари дигар тоқат кун, ҳозир мерасем» - такрор кардам ман. Мошин дар оҳи калони бетонӣ ба шаст пеш медавид. Дар ду тарафи роҳ пуштаҳои сарду урён тўл мекашиданд. Намедонам он чӣ хел хок буд, ки ҳатто дар фасли баҳор сабза надамида буд. Танҳо дар баъзе ҳойҳо мисли песа сабза менамуд.

«Ту гапи маро аз ёд набаровардӣ?» - пурсид Ҳабиб. - «Кадом гапатро?» - «Аз аҳволи зану духтарчаам хабардор бош». - «Ту худат нағз медонӣ, ки пеш аз ман онҳоро мебинӣ. Баъд ба хонаи мо рафта, ҳамроҳи падару бародарам сари як дастархон нишаста, зиёфат мехӯрӣ. Ман аллакай дар мактубам навиштам, онҳо туро интизор. Бовар дорам, дар тӯйи фарзандонам сару бар шуда хизмат мекунӣ, оянда барои дар ягон донишоҳ дохил шуданашон низ дастат мерасад». - «Ба ҳону дил хизмат мекардам, аммо…» - «Чӣ аммо? Ҳар гуна фикрҳои намешудагиро аз сарат дур андоз». - «Ту бисёр ҳам бачаи хубӣ. Ятиммардум одами нағзро ба як дидан мешиносад. Медонӣ, барои чӣ?» - «Не». - «Чунки одами ятим доим ташнаи меҳру муҳаббат аст, пазмони як навозиши гарм, зори як сухани хуш аст. Ба ҳар одами дучоршуда бо чашми озмоиш менигарад, ки мабодо озораш диҳад». - «Ба ту чӣ шуд, Ҳабиб, мисли мӯйсафедони бемор ба нолиш даромадӣ», - гуфтам ман сарзанишомез, ҳарчанд яқин мекардам, ки аҳволи вай бисёр вазнин аст. - «Одами ятим тез ба воя мерасидааст. Чунки зиндагӣ ӯро маҳбур мекунад, то аз ҳамсолони худ тезтар ба фаҳми сиёҳу сафед биравад, неку бадро фарқ карда тавонад, дар ғами рӯз гузаронидан бошад. Вай, ятим, ба ҳеҳ кас умед намебандад, худаш медонаду сари сахташ». - «Ҳай нолиш кардӣ, аз ту чунин умед надоштам», - гуфтам ман ба зӯр ашки чашмонамро дар сари мижгон дошта. - «Ту бовар намекунӣ, ман мурда истодаам». - «Кош ҳамроҳат намеомадам». - «Агар намеомадӣ, дар гӯрам рост меистодам, зеро ҳоло гапи асосиро ба ту нагуфтам». - «Охир…» - аз заъфи асаб намедонистам чӣ бигӯям. - «Гӯш кун, дӯстам. Ҳар чизе ки гуфтам на аз таъсири дард, балки бо ақли солим гуфтам», - дастамро дошт Ҳабиб. - «Ӯро ба гап нагир, - гуфт фелдшере ки ҳамроҳи мо буд. – Бе ин ҳам дармон надорад, хунаш зиёд талаф ёфтааст».

Ҳабиб як оҳи чуқур кашида, рӯяшро гардонд. Мошин дар роҳи ноҳамвор алвонҳ хӯрдаю аз қафои худ чанги рохро хезонида пеш мерафт. Вақте баландиро гузаштем, гирду атроф ҳо-ҳо сарсабз менамуд, ба димоғ бӯйи хуши кадом гиёҳ мерасид. Вақте роҳамон аз байни деҳаи нообод мегузашт, афғонҳо аз назди дӯкон ё дарвозаи ҳавлии худ аз мошини мо чашм намеканданд. Бачаҳояшон «Шӯравӣ! Шӯравӣ!», гӯён сӯйи мо даст меафшонданд.

«Носир», - садо кард Ҳабиб. - «Ман дар ҳамин ҳо», - гуфтам дасти Ҳабибро ба сандуқи синааш гузошта. - «Як гап гӯям…» - «Чӣ гап?»

Ҳабиб ба андеша рафт.

«Чӣ гуфтан мехостӣ? – такрор пурсидам ман. – Гап зан».

Ҳабиб чашм пӯшид ва дигар то ба госпитал расидан лаб накушод. Вақте ӯро аз мошин фаровардa, ба дохили бино даровардем, духтур ба зердастонаш фармуд, ки беморро рост ба ҳарроҳихона бубаранд. Ҳабиб танҳо вақти занбарро бардоштани мо чашм кушода, гуфт:

«Хайр, ошно». - «Аз барои худо бас кун», - гапашро буридам ман. - «Агар тавонӣ, ба духтарчаам падар шав. Намехоҳам, вай дар дасти каси дигаре азоб кашад. Бигузор, туро падар гӯяд… Ин васияти ман. Ба онҳо гӯй, ки ман дӯсташон медоштам».

Бемордорон, ду аскари рус, дигар ба гапҳои Ҳабиб аҳамият надода, вориди ҳарроҳихона шуданд ва ман дар долони тангу дароз ҳайрон мондам. Ин охирин дидори мо буд. Ҳабиб дар сари мизи ҳарроҳӣ дигар барнахест.

III

Носир аз нав сигарета даргиронд. Дастонаш ноаён меларзиданд, гӯё ҳамин ҳозир дӯсташро ба ҳарроҳихона бурда бошанд. Ин ҳолати ӯро ҳатто духтарчаи Латифи Фозил пайхас карда, ҳайрон – ҳайрон як ба ӯ ва як ба падараш менигарист. Дар қаҳвахона қариб касе наменамуд. Танҳо дар як кунҳ ду нафар, аз афташ, коркунони қаҳвахона буданд, сигор дуд дода, аз кадом хусус баҳскунон пиво менӯшиданд.

- Дуди сигори ман ба духтарчаат зарар намекунад? – пурсид Носир, сари Нигораро сила карда.

- Духтарам, рав дар берун бозӣ кун, - гуфт Латифи Фозил, дастони Нигораро бо сачоқча тоза карда. – Фақат дур нарав, дар ҳамин наздикиҳо бош.

Нигора тозон ба лаби ҳавзи хурдакак рафт.

- Дастатро ба оби хунук назан, - таъкид кард падар аз қафо.

- Духтаракат дӯстрӯяк, ба ман маъқул шуд. Ман ҳам мехоҳам чунин як духтарча дошта бошам, - гуфт Носир, ба ҳавас аз Нигора чашм наканда.

- Ту ӯро дар беморияш дидӣ. Сиҳат бошад, бо саволҳои беохираш майнаи саратро хушк мекунад.

- Кунҳковии фарзанд нишони боақлиаш аст.

- Воқиан, ту чанд фарзанд дорӣ?

- Сето. Як духтару ду писар. Аз ҳама калонӣ – духтар. Барои ҳамин ҳам, мехоҳам боз як духтарча дошта бошам. Мо, мардуми мусулмон, аз азал ба духтар бо чашми дигар менигарем, мехоҳем, ки занамон фақат писар тааллуд кунад. Аммо духтар силаи раҳм аст.

- Баъд аз хизмат зану духтарчаи он дӯстатро пайдо кардӣ? – пурсид Латифи Фозил, ки мехост ҳарчӣ зудтар анҳоми ҳикояти Носирро бифаҳмад. Аллакай аз бӯйи гапи Латиф эҳсос карда буд, ки бояд нимкосаи таги коса дар ҳамин ҳикоят ниҳон бошад. Вагарна Носир дар ин хусус ҳаргиз гап намекушод.

- Дидам, - гуфт Носир маънидор. – Баъди пасанда шудани рафтуомади хешу наздикон ва ҳаққу ҳамсояҳо рӯзе барои ба қайд гузоштани билети ҳарбиям ба маркази ноҳия рафта, пас аз буд кардани корам аз соҳиби оҳангарҳонаи сари роҳ ҳавлии Акрами муаллимро пурсидам. Дар ҳамон наздикиҳо будааст ҳавлияш. Пойи пиёда рафта, дарвозаи пастаки рангаш кабудро ду-се бор задам, ки онро ба рӯям як занаки миёнсол боз кард. Шояд азбаски дар тан либоси низомӣ доштам, зан чанд лаҳза сӯям нигоҳи тааҳҳуб дӯхта, на ҳарфе мегуфт, на дарро мепӯшид. «Ман… ҳамхизмати Ҳабиб», - гуфтам каме худро гум карда. - «Фаҳмидам, марҳамат дароед», - гуфт зан, бо нӯки қарс оби дидагонашро пок карда. Баъд маро роҳнамун шуд. Ҳавлӣ боғи калон дошт, дарубанд ва калон буд. Дарахтҳои гуногун ғарқи гулу барг буданд. Дар тарфи чапи он қатор хонаҳои пасту баланд ба назар

мерасиданд. Аз даруни катаки пешаш симтӯр кашидашуда, ки дар як кунҳи ҳавлӣ сохта буданд, селаи хурӯсу мурғони ҳарранга менамуданд.

«Дадеш, меҳмон!» – садо кард зан дари хонаро боз карда. Аз пешайвони шишабанд зани ҳавони тахмин бисту ду – бисту панҳсолаи хушқаду қомат, дар танаш куртаи кабуд, дар сараш рӯймоли сиёҳ берун шуд. Вақте чашмам ба ӯ афтид, дарҳол мисли барқ аз сарам гузашт: Таҳмина! Зеро ӯро дар ҳамон сурате дидам, ки Ҳабиб тасвир мекард: қоматаш боло, чашмони бодомии нигоҳаш андаке мағмум… Ӯ воқиан ҳам, аз нигоҳи аввал дилро мерабуд. Чеҳраи сафедаш гӯё бо рӯймоли сиёҳи сараш ҳанг мекард.

Ҳавонзан ҳорӯби дасташро каме дуртар аз поғундаҳои симонпӯш гузошту баъд оҳиста салом дод ва бо сари хам қафо гашта, ба хона даромад.

«Ин духтарамон… зани ҳамон раҳматӣ, - гуфт зан. – Пешониаш шӯр будааст, дар бисту сесолагӣ бева монд. Аз рӯзе ки шавҳарашро гӯрондем, гоҳ бахуд аст, гоҳ бехуд. На роҳи рафтанаша медонад, на кори кардааша. Пеш як духтар буд, ки аспакӣ дошта наметавонист. Дӯст медошт шавҳараша, шабу рӯз оби чашмаш дар бари рӯяш».

Ҳамин вақт аз охири ҳавлӣ як марди тахмин шастсола, дар танаш ҳомаи сиёҳи хушдӯхт ва дар сараш тоқии чоргул пайдо шуд.

«Ана дадеш ҳам омаданд», - гуфт зан.

Хулоса, он рӯз хеле сӯҳбат кардем. Бо хоҳиши банда Фаридаи хурдакакро оварданд. Ман ба дасти ӯ як даҳсӯма, куртачаи хушдӯхти афғониро, ки Ҳабиб ния карда, аз дӯконе харида буд ва ҳамчуни дафтарчаи ёддошту баъзе чизҳои Ҳабибро, ки баъди фавтиданаш аз ҳевончааш ёфта будам, ба Таҳмина супоридам. Тӯли ду- се соат, ки мо сӯҳбат мекардем, Таҳмина ягон даҳон гап назад, фақат хомӯш ашк мерехт.

«Моро фаромӯш накун, писарам, - гуфт ҳангоми хайрухуш муаллим. – Ҳабиб одамшинос буд, агар ба ту аҳди дӯстию бародархондагӣ баста бошад, пас одами бад нестӣ. Чӣ хеле ки гуфтам, падаратро низ мешиносам, муаллими нағз, баъзан дар маҳлису конфронсҳо вомехӯрем. Он кас низ бояд маро шиносанд. Аз номи ман салом гӯй».

Ҳамин тариқ ман ба ин оила роҳ ёфтам. Баъдан ҳар гоҳе ки ба ноҳия мерафтам, ҳатман сари қадам ба ҳавлии муаллим даромада, аз аҳволашон хабар мегирифтам. Рӯзе ба аёдати хоҳари беморам ба беморхонаи ноҳия рафтам. Азбаски он шабу рӯз бемории грипп авҳ гирифта буд, дар беморхона карантин эълон карда буданд ва дар шӯъбаи қабул ба аёдатомадагони зиёде навбат мепоиданд. Ман ҳам навбат меистодам, ки Таҳмина пайдо шуд. Баъд фаҳмидам, ки ӯ дар бемористон кор мекардааст. Пас аз салому алайк вай маро аз дари хидматӣ ба шӯъбаи ҳарроҳӣ бурд, бо хоҳарам шинос шуд.

«Шумо дами охирин дар назди Ҳабиб будед?» – пурсид вай ҳангоми гусел. - «Ҳа», - ҳавоб додам ман. - «Чӣ гуфт?»

Аз ин саволи ногаҳонӣ каме дасту по хӯрдам. Таҳмина низ шояд аз ин ҳолати банда хиҳолат кашид, ки ҳавоби маро мунтазир нашуда, гуфт:

«Агар ҳангоми хизмат ҳамроҳаш ягон сурат дошта бошед, биёред. Мехоҳем дар сари қабраш ягон санг гузорем. Сурат лозим будааст. Акси охиринаш бошад, боз

беҳтар. Шояд ба шумо гуфта бошад, вай ба ғайр аз мо дигар ягон каси наздик надорад».

Ваъда додам, ки ҳатман меорам.

«Одами ятим рӯзи хуш намедидааст. Ҳабиб акнун зиндагии хушу бароҳатро медид, ки нобуд шуд. Ҳатто боре духтарчаашро сари даст нагирифта рафт». - «Воқиан, Ҳабиб доим дар бораи ӯ гап мезад, - гуфтам ман аз ашк рехтани Таҳмина дилам вайрон шуда. – Орзуҳои зиёд дошт, афсӯс, ки умраш кӯтоҳ будааст». - «Хайр, маро беморон интизоранд, - гуфт Таҳмина, яқин аз наздик шудани чанд нафар ҳамшираҳои шафқат бетоқат шуда. – Баъд сӯҳбат мекунем».

Баъди он сӯҳбати кӯтоҳ мо бо Таҳмина оҳиста-оҳиста ба ҳам наздик шудем. Ҳарчанд муносибати вай бо ман на он қадар гарм буд, мекӯшидам ба ҳар роҳе бошад, худро ба ӯ наздик гирам. Акнун бештар рост ба беморхона меомадам. Дигар як лаҳза чеҳраи зебои ӯ аз пеши назарам дур намешуд. Рӯзҳои аввал ҳар гуна баҳона пеш меовардам, аммо баъдҳо дигар шарм намекардам, мегуфтам, ки барои хабаргириат омадам. Таҳмина низ ба омаду рафтҳои ман одат кард ва ҳар вақте дар ҳавлии беморхона пайдо мешудам, ба пешвозам мебаромад. Мо дар харак нишаста, аз ҳар дар сӯҳбат мекардем. Таҳмина бештар дар бораи духтарчааш гап мезад, ки чӣ хел дандон баровардааст, кӯшиши роҳ гаштану ҳарфе ба забон овардан карда буд ва ғайраҳо. Ҳарчанд мо мисли хоҳару бародар сӯҳбат мекардем, аммо баробари дидани Таҳмина дилам сахт ба ҳаяҳон меомад, беқарор мешуд. Нигоҳам саршор аз меҳру муҳаббат ва ишқ буд, аммо ғалаёни диламро бо як азоб фурӯ мешинондам, ҳарфе ба забон оварда наметавонистам. Дарк мекардам, ки Таҳмина инро пайхас мекунад, вале… Байни мо гӯё девори ба чашм ноаёне қад кашида буд.

Рӯзе Таҳмина маро то сари кӯча гусел кард. Хотираш парешон, аз чеҳрааш аён буд, ки дар дил гапе дораду ба гуфтанаш ҳуръат намекунад. Баъд аз дудилагиҳои зиёд оқибат дари дилашро кушод.

«Ҳамкорон аллакай ҳар хел гапҳо бофтаанд», - гуфт вай бори аввал рост ба чашмонам нигариста. - «Чӣ хел гап?» - худро ба нодонӣ андохтам ман. - «Дигар ба беморхона набиёед. Даҳони бефаровези мардума баста намешавад. Беҳуда намегуфтаанд, ки бевагӣ ҳомаи бадномӣ дорад. Аз обрӯи падарам андеша мекунам, дилашон касал, мабодо бедарде ба рӯяшон ягон гап занад». - «Бигузор гуфтан гиранд, парво накунед», - гуфтам ман даст афшонда, - Баъд… ман шуморо дӯст медорам.

Таҳминаро гӯё барқ зада бошад, ларзида чашм бардошт. Нигоҳҳоямон ба ҳам бархӯрданд. Баъди лаҳзае ба нигоҳи дақиқи ӯ тоқат кардан шарм аз рӯям бардошта шуд. Ин ҳумла гӯё селобе буд, ки сарбандро рахна кард.

«Таҳмина, шумо ҳоло ҳавон ҳастед, аздусар бояд шавҳар кунед, - гуфтам ман ноаён дасти ӯро дошта. – Ман ба духтаратон падар мешавам. Ятимиро ҳис намекунад». - «Бас кунед! – гуфт Таҳмина, ҳаросон ба атроф нигариста. – Шумо аз ман хурд, ман зани бева чӣ хел бо шумо издивоҳ мекунам». - «Медонед, Ҳабиб ба ман васият кард, ки ҳамеша аз ҳоли шумою духтаратон бохабар бошам». - «Хабар гиред, барои ин ба модари ӯ оиладор шудан шарт набудагист». - «Вай метарсид, ки мабодо падарандар духтарчаашро азоб диҳад». - «То ман зиндаам ягон кас ӯро

азоб намедиҳад», - гуфт Таҳмина ва гиря гулӯгираш карду дигар ба гапҳои ман гӯш надода ҳониби беморхона рафт.

… Аммо маро азмам қатъӣ буд. Баръакс рафтуомадро ба хонаи онҳо зиёд кардам. Ва ҳатто рӯзе дар ҳолати мастӣ суфраи диламро дар пеши муаллиму занаш кушодам… Оқибат баъд аз як сол Таҳминаро розӣ кунонидам.

Рӯзе дар хонаамон, вақте ҳама сари дастархон ҳамъ омадем, дар ин хусус гап кушодам. Гӯё ин гап мисли тарошаи аз бом афтода ҳамаро ба ҳайрат овард. Аввал модарам ба нолидан оғозид, ки магар ба тухми духтар қаҳт омада буд, рӯзи ту ба ҳамон бева мондаст? Боз танҳо не, дар ақибаш як думравак дорад. Хоҳаронам низ рӯй турш карданд.

«Номаъқул кардӣ! – дод зад акаам Зариф. – Ту чӣ, авлодамонро дар тамоми ноҳия шарманда кардани ҳастӣ?! Агар як бори дигар ҳамин гапро ба даҳон гирӣ, забонатро аз бехаш мебурам. Фаҳмидӣ!»

Ман он рӯз бори аввал ба рӯйи акаам давидам: кори шумо набошад, бо ӯ ман зиндагӣ мекунам.

«Чӣ? Кори ман набошад? – аз ҳой хест акаам ва ногаҳон торсакие ба рӯям зад. Аз ин зарбаи ногаҳонӣ мувозинатамро гум карда, қариб буд биафтам. – Агар осмон омада ба замин часпад ҳам, ту ба ун бева хонадор намешавӣ. Якравӣ кунӣ, лингат меовезам. Ана ҳамин гапи маро ба ду гӯшат ҳалқа карда биовез!» - «Гуфтам-ку, кордор нашавед, касеро бихоҳам ба занӣ гирифтан мегирам», - истодагарӣ кардам ман. - «Каш овозата! – дод зад акаам, боз ба сарам давида. – Кай боз ту ба сари худ хӯҳаин шудӣ? Дили шон зан мехостааст… боз чӣ хел зан… сарқути косаи ким-киро лесиданӣ».

Зариф аз қаҳр намедонист чӣ кор бикунад, чӣ бигӯяд. Ман дар гӯшаи хаёл ҳам намеовардам, ки ин интихоби банда то ба ин андоза ҳаҳли наздиконамро мебиёрад. Гумонам ҳама интихоби маро мақул карда, муборакбодам мекунанд. Охир, чӣ тавр аз Таҳмина барин зани зебо рӯй гардонидан мумкин. Наход онҳо ҳаминро дарк карда натавонанд. Аммо… Гӯё ман ба муқаддастарин дороии акаам даст дароз карда бошам, ҳеҳ оташи қалбаш паст намешуд, мисли хас якбора боз даргирифт:

«Эй аблаҳ! – аз нав даст бардошт ба сарам Зариф. – Ту магар мард нестӣ, намехоҳӣ, ки духтари хона бигирӣ?» - «Ин кори ман», - хостам аз ҳой бихезам. - «Шин ба ҳоят!», - гуфт Зариф ва бо мушт ба китфи ростам чунон зад, ки гумон кардам раги гарданам канд. - «Нарас», - гуфт падарам, шояд ба ранги кандаи ман раҳмаш омада, - даҳони бекор гуфтан мегирад. Каме мулоҳиза кунад, ақлаш ба ҳояш меояд, хулосаи дуруст мебарорад. - «Ман аллакай хулоса кардам, - паст наомадам ман. – Мегирам, гуфтам, халос».

Модарам имою ишора мекард, ки хомӯш бошам, ҳаҳли онҳоро набиёрам.

«Ошиқ шудӣ?» - пурсид падарам бо киноя. - «Ҳа, ошиқ шудам!» - дод задам аз алам. - «Беақлӣ ту, бачем, гапи аз даҳонат баромадаро гӯшат намешунавад. Мардум ба ошиқ шудани ту чӣ кор дорад. Дар рӯят нагӯянд ҳам, аз қафо механданд, ҳазору як гапу калоча мебофанд. Ба ту чӣ даркор ҳамин гапи зиёдатӣ. Хез, рав, ба гӯсола об деҳ, ки ҳалқаш қоқ шуд».

Падарам он рӯз бо ҳамин баҳона ҳам ҳанҳолро пешгирӣ кард ва ба таври худ ба ин масъала нуқта гузошт. Бо вуҳуди ин, мавқеи падарам дар ин баҳс маро алам мекард. Ҳеҳ гоҳ аз вай чунин гапҳоро чашмдор набудам, зеро вақте домоди муаллим Акрам будани Ҳабибро фаҳмид, муаллимро хеле сифат кард, ки омӯзгори овозадори вилоят аст, ҳама эҳтиромаш мекунанд. Ҳеҳ гумон надоштам, ки маро маломат мекунад. Охир падарамро дар деҳа ҳама маҳз барои одилиаш эҳтиром мекарданд. Ёд дорам, чандин зану шавҳари ҳавонро дар дами оилавайрониашон наҳот дода буд. Ҳамеша мегуфт, ки мард бояд ҳама гуноҳи занашро бубахшад, ба ҳуз хиёнат. Оилаи мисли гулзорест, бе хор намешавад. Ҳаргиз ба ҳусни зан, ҳавонию таракиаш ғарра нашавед, худо гӯед, ки ақлаш расо бошад…

Намедонам баъд аз хона баромадани ман онҳо чӣ гуфтанд, аммо баъдан бо акаам мисли сагу гурба ҳар рӯз ба ҳам тез мешудем. Бар замми ин рӯз аз рӯз, албатта, бо ташаббуси акаам маслиҳатгарон зиёд мешуданд. Ҳар кас бо овардани саргузаште аз ҳаёти худ ва ё шунидаҳояш мехост маро аз раъйам бигардонад. Дар ҳар сӯҳбат маҳаки асосӣ нангу номусӣ ҳавонмардӣ буд, ки ҳавонмард бояд ҳатман духтари хонаро ба занӣ бигирад. Дар навбати худ банда низ мисолҳо оварда, мекӯшидам ба онҳо бифаҳмонам, ки муҳим дӯст доштан аст, дар сулҳу салоҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ зиндагӣ кардан аст. Аммо ҳама ҳониби ман бо тамасхур менигаристанд, аҳаб не дар дил девона ё ҳунунзадаам хонда бошанд. Хулоса, дар байни хешу акрабо, ҳаққу ҳамсоя ва рафиқонам ягон касеро пайдо накардам, ки санги маро бизанад, ақаллан дилдориам бидиҳад. Нигоҳи ҳайратзадаи ҳар нафаре басанда буд, ки андешаашонро бифаҳмам. Оҳиста-оҳиста доираи таъзиқ тангтар шуд ва оқибат маҳбур шудам, ки бо акаам ҳиддӣ гапзанон кунам. Барои ин ягон сабаб лозим буд, то даҳони сӯҳбат боз шавад, зеро мо вақтҳои охир бо ҳам ногап будем. Ва ин рӯз фаро расид.

Боре дар маркази ноҳия бо Таҳмина ба ошхонаи сари роҳ даромадем. Зариф ҳамроҳи нафаре дар ҳамон ҳо хӯроки пешин меҳӯрд. Чун чашми ӯ ба мо афтид, табъаш хира гашт. Дарҳол аз дил гузаронидам, ки вақти сӯҳбати ҳиддӣ фаро расид. Бинобар ин, баъди тановул бо пешхизмат ҳисобӣ карда, ҳониби акаам як назар андохтам. Ӯ низ шояд ҳамин лаҳзаро мунтазир буд, ки бо ишора маро наздаш хонд. Ҳамраҳаш кайҳо рафта буд. Ман бо ишораи сар Таҳминаро нишон дода, имо кардам, ки ӯро гусел карда бармегардам. Воқиан ҳам, Таҳминаро то берун гусел карда, баргашта омадам. Зариф пиёлаи чойро ду-се бор паи ҳам ба чойник баргардонида, як пиёларо ба ман дароз карда, гуфт:

«Чӣ кор карда гаштӣ?» - «Дар беморхона кор доштам», - гуфтам худро бепарво вонамуда. - «Кората дидам» - гуфт акаам маънидор.

Ҳарду чанд лаҳза хомӯш нишастем. Акаам тӯли ин лаҳзаҳо аз ман чашм набардошт. Ман чойи пиёлаамро ҳурт кашида, барои аз ин вазъияти ногувор раҳоӣ ёфтан чойникро ба назди худ гирифтам ва пиёларо аз чой пур кардам. - «Ту чӣ хел одам, ягон зарра ору номус дорӣ ё не?» - оқибат лаб кушод Зариф. - «Албатта, дорам». - «Аз дасти ту дигар ба маркази ноҳия омада намешавад. Дар даҳони хурду калон гапи ту». - «Чӣ, мардум дигар кор надоранд?» - «Пушаймон мешавӣ, додар, аммо баъд суд надорад». - «Бигузор пушаймон шавам». -

«Медонам, пўсти ту ғафс, аммо падарамро андеша кун, чӣ хел дар байни мардум сар бардошта мегарданд. Ту на танҳо сари худ, балки авлодро ба замин мезанӣ. Мефаҳмӣ ё не?» - «Мефаҳмам». - «Агар ту ҳамон беваро дўст дорӣ, ба занӣ гирифтанат шарт нест. Метавонӣ ўро ҳамчун маъшуқа қабул бикунӣ. Кай бихоҳӣ омада тафсатро хунук карда меравӣ. Ту ба вай ҳамин тарз пешниҳод бикун, бо ҳону дил розӣ мешавад». - «Медонистам, ки аблаҳӣ, аммо то ин дараҳа паст буданатро чашмдор набудам», - гуфтам бо ғазаб аз ҳой нимхез шуда. - «Нафаҳмидам» - худро ба нодонӣ зад Зариф. - «Вай аз он занҳои ту мегуфтагӣ нест». - «Метарсам, ҳоло духтар аст, нагўӣ, - писханд зад акаам. - Ту гумон мекунӣ, вай чанд сол боз бе мард гаштааст. Аз дасти ягон духтур халос намехўрад. Зан агар як мардро дида, танҳо монад, - тамом. Дигар роҳаш кушода мешавад, бе мард ҳеҳ гоҳ тоқат намекунад». - «Каш овозатро, хар!» - ба сари акаам мушт бардоштам. - «Чӣ гуфтӣ?!» - «Чизе ки фаҳмидӣ». - «Ту барои як беваи ҳаром ба сари ман, акаи ҳамхунат, мушт бардошта, хар гуфтӣ?!» - «Гапатро хоида зан буд». - «Фаҳмо. Лекин дониста мон, пеш аз ту ман мерасам ба ў. Ана баъд мебинам, ки ба кадом рў бо ў ҳамболин мешавӣ!» - «Даст расондан он тараф истад, агар ба ў наздик шавӣ, дасту поятро зада мешиканам. Ту хислати маро нағз медонӣ. Ҳурматат кардам, дандон набарор». - «Ту мард нестӣ, хислат аз куҳо мешавад. Як латтаи қўҳнаӣ, гўлу гарангӣ»- гуфт бо ғазаб акаам. - «Мебинем, кӣ латтаи қўҳна аст, кӣ гўлу гаранг аст». - «Дидан гир, худованд чор чашмат диҳад, ки хубтар бубинию ақлат дарояд» - чойи пиёлаашро ҳурт кашид акаам.

Азбаски пешхизмат ба муҳодилаи мо мутаваҳҳеҳ гашт, Зариф ба қаҳр хеста, аз қаҳвахона берун шуд.

Аз байн чанд рўз гузашт. Муносибати мо бо Таҳмина гармтар мешуд, барои зиндагии оянда нақшаҳо мекашидем. Аммо Таҳмина баъзан худ ба худ зери лаб «кош ҳамааш ба хубӣ анҳомад» гуфта мемонд. Ин суханони вай, албатта, баъзан ба гўши ман мерасид ва ўро сарзаниш мекардам, ки чӣ даркор ҳамин гапҳо, ҳамааш хуб мешавад, як оилае бунёд мекунем, ки баъзеҳо аз ҳасад сўхта хокистар шаванд. «Кошкӣ, - мегуфт дар ҳавоб Таҳмина, - аммо баъзан дилам душманӣ мекунад». «Агар як бори дигар аз даҳони ту ҳамин хел гапҳоро шунавам, намедонам бо ту чӣ кор мекунам», - мегуфтам ман. Таҳмина байни лабу даҳон нимтабассум карда, меафзуд: Метарсам, ки дубора бахтамро медузданд. «Кӣ?» «Намедонам». «Надонӣ, хап карда бишин. Ин тарафи кор дар дасти ман». «Ба ҳар ҳол ман аз ту чанд курта пеш дарондаам». «Ман дар кўдакиам чунон бачаи ноҳо будам, ки ҳар рўзи худо бо касе даст ба гиребон шуда, ҳам куртаи ўро медарондам, ҳам аз они худамро».

Одатан пас аз шўхиҳои ман Таҳмина танҳо табассум мекард, ягон бор хандаи қоҳ-қоҳии ўро нашунидам. Гўё боре ханда дар гулўяш печида, дигар рамақи берун баромадан надошт. Аммо табассум дар лаб вай боз ҳам зеботар мешуд, дилрабою дилкаштар мешуд. Гўё аз умқи чашмони бодомиаш тирвор оташаке ҳаҳида, як лаҳза оламро, аз ҳумла хонаи дили ошиқу беқарори маро равшантар мекард.

Воқиан, изтироби Таҳмина беҳо набудааст. Риштаи муҳаббати мо рӯз аз рӯз чигилтар мегашт, зеро акаам то метавонист ба он кӯргирех меандохт. Аммо ман дигар бе Таҳмина як рӯз хам тоқат карда наметавонистам. Ҳар рӯз қариб чил километр роҳро тай карда, ба маркази ноҳия мерафтам. Азбаски баъд аз хизмати аскарӣ дар ягон ҳо кор намекардам, баҳонаам коркобӣ буд. Акаам бошад, барои рафъи ин баҳонаи ман бо кӯмаки ёру ошноҳояш ҳар рӯз бароям ҳойи коре пайдо менамуд, аммо ман бо ҳар баҳона онҳоро рад мекардам, ки ин бештар ҳаҳли ўро меовард. Оқибат қарор додам, ки алавмонӣ бошад ҳам, дар беморхона ба кор дароям. Ба таври худ мехостам бо як тир ду нишон занам: ҳам соҳиби кор шуда, зиндагиамро таъмин намоям, аз таънаю маломати хонаводаамон халос шавам ва ҳамзамон ҳамеша дар назди Таҳмина бошам, бе тарсу ҳарос ҳар рӯз ҳамроҳаш сӯҳбат кунам. Ба ин ния ба назди сардухтур рафтам. Вай ҳӯраи наздики акаам буд ва чанд бор маро насиҳат карда, хост аз ин роҳи «хато» баргардонад.

«Маҳнун ба суроғи Лайлӣ омадааст», - гуфт сардухтур бо ришханд. - «Мехоҳам кор кунам, - гуфтам, ҳарчанд аз ин муомилаи вай қаҳрам омад, базӯр ғалаёни диламро фурӯ нишонда. - Магар ҳуқуқи кор кардан надорам? Ҳукумат бар зидди бекорон мубориза мекунад, шумо писханд мезанед». - «Ҳуқуқ дорӣ, албатта, аммо кор нест». - «Ба ман гуфтанд, ки барои дегхона алавмон даркор». - «Мо аллакай одам гирифтем». - «Фаромӯш накунед, ман дар Афғонистон ҳангидаам ва баъзе имтиёзҳо дорам». - «Имтиёзат ош шавад, аммо ба мо дигар коргар даркор нест». - «Медонам, маро ба кор гирифтан намехоҳед». - «Донӣ чаро омадӣ?» - «Дудила будам». - «Акнун яктарафа шуд дилат?» - «Ҳа». - «Ҳа бошад ҳавоб, ман дигар вақти бо ту тую ман кардан надорам». - «Чаро шумо маро бад мебинед?» - «Чунки ту беақлӣ, - гўё маътали чунин савол буд, якбора даргирифт сардухтур. - Ман бо акаат чанд сол боз нону намакхўр, аз девонагиҳои ту бохабарам». - «Хўш… чӣ гуфтан мехоҳед?» - «Ҳоло ҳам сари вақт, аз роҳат баргард, додар». - «Ташаккур барои маслиҳат. Шумо маро ба кор қабул мекунед ё не?» - «Гуфтам-ку не».

Лаҳзае аз ин ҳавоби қатъӣ чӣ гуфтанамро надонистам, забонам лол монд.

«Саломат бошед, - гуфтам ноилоҳ ва баргашта ҳониби дар рафтам. - «Дигар ман туро дар гирду атрофи беморхона набинам», - гуфт сардухтур аз қафо. - «Беморхона, ба фикрам, моли падари ҳеҳ кас нест. Кай бихоҳам, омадан мегирам», - гуфтам ман ва дарро сахт аз пушти худ пўшидам.

Он рӯз фаҳмидам, дар беморхона кор кардан ва дар паҳлўи Таҳмина будан ба ман муяссар намешавад. Роҳи ягона ўро аз он ҳо баровардан буд. Вақте рӯзи дигар ин тасмими худро ба Таҳмина гуфтам, дар дарёи андеша ғўта зад. Медонистам, душвор аст ба ў аз ҳойи кори нагз ҳудо шудан. Баъд худо медонад, ки тақдир моро дар шаҳри бегона ба кадом роҳҳо меандозад, ба кадом дарҳо мебарад. Бо вуҳуди ин, розӣ шуд. Аммо сардухтур аризаашро қабул наардааст, ки бояд то аз рухсатӣ омадани ҳамшираи дигар тоқат кунад.

Аз байн қариб як моҳ гузашт. Рӯзҳо барои ман дер мегузаштанд, аз қарн ҳам тўлонитар менамуданд. Гузашти онҳо барои мани бечора санги осиёро мемонд, ҳони маро чун донаи гандум месуданд. Мехостам зудтар Таҳмина аз кор халос шаваду сарамонро ба дигар шаҳр бизанем. Он рӯзҳо бисёр одамон дар хустуҳўи

кор ба кишварҳои дигар мерафтанд. Аммо сардухтур Таҳминаро ҳавоб намедод. Баъзан тахмин мезадам, ки шояд акаам аз нияти мо бӯ бурдаасту бо ҳамин усул мехоҳад сади роҳ шавад. Дере нагузашта дар ноҳияи мо низ мардум ба гурӯҳҳо ҳудо шуданд, тафриқаандозию кинаварӣ зиёд шудан гирифт ва нооромиҳои чанд муддат боз дар пойтахт доман густурда ба ин ҳо низ омада расид. Акаам ба кадом гурӯҳе пайваста буд, баъзан ҳафтаҳо пайдо намешуд. Боре маст омада, хеле ба ман таҳдид кард, ки агар ба гапам надорӣ, аввал ҳамон беваро дар пеши чашмат таҳовуз мекунаму баъд ҳардуятонро сари ду тир. Ҳатто мурдаатонро касе намеёбад...

Дар ин байн волидайни Таҳмина аз ин нияти мо огоҳ гашта, маслиҳат доданд, ки пеш аз рафтан чанд нафарро сарҳамъ карда, моро никоҳ кунанд, ба мардуми гузари худашон ош диҳанд. Ин пешниҳод ба мо низ мақбул афтод ва оҳиста-оҳиста дар тараддуди тӯй шудем. Дигар манн вақти зиёдамро дар ҳавлии муаллим мегузаронидам, баъзан шаб низ мемондам.

Рӯзи шанбе буд. Бо кори зарур ба бозор омадаму хостам сари қадам ба беморхона даромада, Таҳминаро бинам. Аз фаррошзан, ки дар даст латта бедилон дари баромадро тоза мекард, Таҳминаро пурсидам. Гуфт, ки дар назди сардухтур аст. Аҳабам омад, зеро ҳангоми дохили бино шудан сардухтурро дар боғ дида будам, ки рӯ ҳониби кӯча мерафт. Танҳо буд. Дигар ба зан чизе нагуфта дарун даромадам. Долони дарозро ним карда будам, ки ҳамшираи шафқат пеши роҳамро гирифта пурсид, ки ба куҳо равонаам. «Ба назди сардухтур», - гуфтам бепарвоёна, гӯё сардухтур худ маро наздаш хонда, мунтазирам бошад.

«Сардухтур нест, баъд аз пешин мешавад», - гуфт ҳамшира. - «Чӣ хел нест, - оҳанги ҳайрат дардодам ман, - ҳозир фаррош гуфт, ки Таҳмина дар назди ӯст».

Ҳамшира аз ман чашм наканда ба фаррошзан, ки акнун дар дасташ пайкора фарши долонро мешуст, мурохиат кард:

«Холаи Низорамоҳ, Таҳмина дар куҳост?» - «Дар назди сардухтур. Марде наздаш омада буд, гуфт, ки Таҳминаро ҳеҷ занам».

Ҳамшира ҳайрон монд, дигар чизе нагуфт. Аз ин нигоҳи ҳайратзадаи вай ба дилам алав афтод, пешомади бадеро ҳис кардам. Дилам алаҳда, дигар ба онҳо эътибор надода, роҳамро давом додам. Ба ҳазор гумон мерафтам: кӣ бошад он мард? Утоқи кории сардухтур дар охири долони қабати якум буд. Беморон дар ошёнаҳои дуюму сеюм табобат мегирифтанд. Бинобар ин, қабати якум, ки дафтари маъмурият ба ҳисоб мерафт, ҳамеша камодам буд. Дари утоқи сардухтур баста, аммо аз дарун овоз шунида мешуд. Аввал оҳиста, баъд ду-се бор сахт-сахт дарро задам. Касе накушод. Сипас бо мушту лагат кӯфтам. Баъд аз чанд лаҳза касе ба қаҳр онро боз карду ман дар ҳойи худ ях бастам. Он ҳама қаҳру ғазабе ки ҳамагӣ чанд лаҳза қабл дар вуҳудам ҳӯш мезаду тайёр будам ҳама ҳонзотро аз сари роҳи худ бирӯбам, мисли ях дар рӯи оташ об шуд. Дар рӯбарӯи ман акаам Зариф меистод. Дар назди тирезаи калон, ки пардаҳояш то замин мерасиданд, Таҳмина ғунча шуда менишаст. Зариф гӯё ин мулоқотро чашмдор буд, ки оромона маро дарун даровардa, аз нав дарро пӯшид. Ман мисли хӯсаи киштзор ноҳунбон будам, на ҳарфе ба забон оварда метавонистам, на ҳаракате мекардам.

«Дидӣ? – гуфт Зариф, бо истеҳзо гиребони куртаашро рост карда. – Хуб шуд, ки ба чашмони худат дидӣ, вагарна бовар намекардӣ. Акнун мебинам, ки чӣ хел бо ӯ ҳамхона мешавӣ! Чанд бор ба ту гуфтам, ин хаёли хомро аз сарт дур кун, гӯш надодӣ, ана оқибаташ». - «Дурӯғ! – ногаҳон овози чирросии Таҳмина маро ба худ овард. Гумон кардам, ки ҳозир аз зарби ин садо сақф мекафад. – Дурӯғ нагӯ, байни мо ҳеҳ чиз набуд!» - «Буд-набуд… ин афсонаро мемонад, гирехи ин муамморо ба ҳуз ману ту касе кушода наметавонад. Шояд чизею коре набуд, аммо даҳони кормандони беморхонаро баста намешавад», - даҳон инҳ кард Зариф.

Ман якбора ба худ омада, ба Зариф дарафтидам. Хеле ба ҳам часпу талош кардем, оқибат вай бо як мушт даҳону бинии маро ғарқоби хун карду даст аз гиребонаш бардоштам.

Зариф аз дар берун шуд.

Таҳмина ҳамоно мисли ҳайкал такя ба девор дода, меистод. Ранги рӯяш мисли пахта канда, лабонаш парсин баста буданд. Ман чанд лаҳза ноҳунбон истодам, баъд ҳама қувватамро ҳамъ намуда, қадаме пеш гузоштам. Вақте вай чашм кушода маро дар наздаш дид, якбора инони гиряро сар дод. Оби дидагонаш шашқатор шуда, аз ду рухсори зебояш шоридан гирифтанд. Аммо овоз намеандохт, тамоми вуҳудаш якмаром меларзиду садояш берун намеомад.

«Таҳмина, ман ба ту бовар мекунам, - даст ба мӯйҳои паҳну парешони ӯ бурдам ман. – Медонам, вай дурӯғ мегӯяд, намехоҳад, ки мо якҳо бошем…»

Худи ҳамон рӯз мо аз беморхона баромада, ба вокзал рафтем ва инак даҳ сол боз дар ин шаҳр зиндагӣ мекунем. Хайрият, ки ҳамяроқонам ба ман кӯмак намуданд, ҳойи кор ёфтанд ва соҳиби хона низ шудам.

IV

Носир нигоҳашро ба як нуқта дӯхта, хомӯш монд. Ин лаҳзаҳо вай дар назари ҳар шунаванда як дарахти саропо ғамро мемонд. Ҳатто ранги рӯяш низ дигар шуда буд. Шабеҳи дуди сигор, ки аз даҳону биниаш фаҳона зада, ба гирду атроф паҳн мешуд, буд ранги рӯяш. Чашмонаш низ гӯё дурахши худро гум карда буданд, чоҳи обаш гилолудро мемонданд. Душвор аст ба чунин чашмон нигоҳ кардан. Вақте кас ба онҳо менигарад, хоҳу нохоҳ дилашро чизе тазъйиқ меорад, худ ба худ табъаш хира мешавад. Не-не, нисбат ба соҳиби чунин чашмон нафрати кас намеояд, баръакс дил доғ мешавад. Латифи Фозил намедонист ин хомӯшии риққатоварро чӣ гуна бишканаду ҳам худ ва ҳам ин дӯсти навшиносашро аз ин вазъияти ноқулай раҳонад. Як ҳунбише, як калима ва ё луқмае лозим буд, ки ин хомӯшии дардовар мисли дуди сигор аз байн бардошта шавад. Аммо чӣ хел… ҳуръат намекард Латиф.

Носир бе садо, бо ишораи даст, пешхизматро ҳеҳ зада, ҳисобӣ кард. Нигора низ гӯё ҳамин лаҳзаро поида менишаст, тозон омада, аз дасти падараш гирифт, ки хона меравем. Онҳо ҳарсе аз қаҳвахона берун шуданд. Латифи Фозил то ҳол аз саргузашти талхи Носир ба худ омада наметавонист. То ҳое худро маломат мекард, ки ӯро маҳбур кард то дафтари хотироташро аз нав варақ занад. Шояд барои ӯ душвор буд он рӯзҳоро ба хотир овардан, аз дил мегузаронд Латифи

Фозил. Носир сараш хам, ҳуссаи худро андаке ба пеш хамонда мерафт. Падару духтар торафт аз вай қафо мемонданд. Нигораро аз нав сулфа гирифт. Дар як лаҳза аз он табъи болидаи ӯ нишоне намонд. Ранги рӯяш канда, ба зӯр нафас мекашид.. Носир аз роҳ гаштан бозистода, қафо гашта омад ва ин ҳолати духтарчаро дида, ба таҳлука афтод.

- Чаро ӯро дар беморхона нахобондӣ? – қариб дод мезад вай. - Ҳозир агар нафасаш ба дарун занад, аз дастат чӣ кор меояд? Одаму нафас, гуфтаанд. Наход падар то ба ҳамин дараҳа беақл шавад!

- Натарс, ҳозир мегузарад.

- Ё тавба! – норозиёна чашм ало кард Носир. – Ё барои назди духтур бурдан пул надорӣ? Шарм накун, гап зан, ёрдам мекунам.

- Дорам пул.

- Пас, чӣ?

- Мегузарад.

- Не, ошно ҳозир хонаи ман меравем, ҳамсарам ӯро муоина мекунад.

- Лозим нест, дина духтур бурда будам.

- Якравӣ накун.

Дар хонаи Носир ба қавли мардум ду ҳаво буд: меҳмонхонаи қолинпӯш бо мизу курсӣ, телевизор ва қандилу ҳевонҳои зебо ҳиҳозонида шуда буд. Ҳуҳраи дигар, ки аз меҳмонхона хурдтар буд, хонаи тоҳикиро мемонд. Фарши онро гилеми дастбоф, кӯрпачаю болиштҳои махмалин оро медоданд. Дар пешгаҳи хона ду сандуқ гузошта, болояшон ду даста бор тахт зада буданд. Гулдӯзии тахмин ду-семетра девори хонаро оро медод. Дар байн як хонтахтаи нақшу нигордодашудаи калон меистод. Дар рӯи он як хокистардон ба сурати қуи сафед, рӯзномаи паҳну парешон ва чойнику ду-се пиёла ба чашм мерасид. Каме дуртар аз он дар рӯи фарш ҳомаи сиёҳу шиме мехобид.

- Шинос шав, - баъди ба ҳуҳра даромани Таҳмина Латифи Фозилро ба ӯ муаррифӣ кард Носир. – Дӯсти нави ман, ҳамшаҳрии худамон. Дар боғ шинос шудем. Духтарчааш бемор, ҳолати ӯро дида дилам сӯхт, барои муоина назди ту овардам. Ба қабули духтур бурдааст, аммо… метарсам, ки мабодо беэтиноӣ карда бошад. Ҳамкасбонатро медонӣ-ку, ба муҳоҳирон бо кадом чашм менигаранд.

- Ба кадом чашм менигаранд? – байни лабу дандон табасум кард Таҳмина.

- Бо айнаки сиёҳ, - киноя зад Носир.

- Хуш омаданд, - гуфт Таҳмина, сари Нигораро силакунон ва баъд норозиёна ба шавҳараш рӯ оварда, афзуд. – Чаро дар меҳмонхона ҳо накардӣ? Бубин ин ҳо чӣ хел бетартиб.

- Ҳеҳ гап не, - даст афшонд Носир. - Ба гумон, ки Латиф дар он иҳорахонааш чунин муҳити тоҳикӣ дошта бошад. Бигузор, каме бошад ҳам ҳамроҳи духтарчааш роҳат кунанд.

- Гӯё худат дар қасри шоҳаншоҳӣ зиндагӣ мекарда бошӣ. – киноя задТаҳмина

Чашми Латифи Фозил ба сурати калони даруни чорчӯба афтид. Дар он Носир ва як ҳавони дигар дар тан либоси низомӣ акс ёфта буданд.

- Ин ҳамхизмати ман Ҳабиб, - гуфтани Носир меҳмонро ба худ овард.

- Фаҳмо.

Таҳмина Нигораро барои муоина ба ҳуҳраи дигар бурд. Дере нагузашта духтари қадраси чашму абрувонаш сиёҳ дар даст дастархон вориди ҳуҳра гашт.

- Биёр, духтарам, - аз ҳой нимхез шуда, аз дасти духтар дастархонро гирифт Носир ва бафурҳа онро рӯи хонтахта густурд . – Ин духтарамон Фарида, - гӯшаи дастархонро рост карда, духтарро ба меҳмон шинос кард соҳибхона.

- Бисёр хуб. Дар синфи чанд мехонад ин духтараки хушрӯ?

- Синфи ҳафт, - ҳавоб дод духтар шармгинона.

- Духтарам, ба модарат гӯй, ки ба мо як палави тоҳикӣ пазад.

Фарида аз хона берун шуд…

Онҳо то шом сӯҳбат карда нишастанд, аз палави устокорона пухтаи кадбонуи хона серӣ хӯрданд. Баъд Носир падару духтарро то истгоҳ гусел кард. Вақте аз назди бинои чорошёна мегузаштанд, бо ду нафар рӯ ба рӯ шуданд. Яке ҳавон, дигари марди солхӯрда буд. Дар дасти ҳавон ду тарбуз, мард се борхалтаи пурборро базӯр меовард.

- Э акаи Латиф, - садо кард ҳавон ва тарбузҳои дасташро оҳиста ба замин гузошта, оғӯш кушод.

– Ту ҳам дар ҳамин наздикиҳо зиндагӣ мекунӣ? – пурсид Латифи Фозил.

- Не. Дар ин хона бачаҳои шинос зиндагӣ мекунанд, - ба иморати шафат ишора кард ҳавон. – Ана дар қабати якум тирезаи кушодаро мебинӣ? Додари ин акаам зодрӯз дорад, бачаҳо ҳамъ мешаванд. Биё биравем, истироҳат мекунем.

Ҳавон ширакайф буд, табассум аз лабонаш канда намешуд.

- Бо ҳону дил мерафтам, аммо духтарчаам касал. Ҳозир аз назди духтур омадем. Шумо баҳузур бишинед.

- Майлаш, ака, мо равем, - гуфт ҳавон зуд тарбузҳоро аз замин бардошта. – Ана ун милисаи падарлаънат аз бозор пайи моро гирифта меояд. Ба қайд намондем, гаранг мекунад.

Онҳо зуд аз он ҳо рафтанд. Аз он тирезаи кушодаи қабати аввал овози ҳофизе баланд шуд: Сабзак лаби ҳӯ, ёраки нағзак лаби ҳӯ, мурғобӣ шавам, ғута занам ҳӯи ба ҳӯ…

- Аҳаб мардуми дилкушодем, - табассуми маъсумона кард Носир.

Латифи Фозил аз оҳанги гапи ӯ аниқ карда натавонист, ки вай тамасхур мекунад ё ифтихор?

- Хайр, пагоҳ духтарчаатро ба назди Таҳмина бубар, - гуфт Носир барои хайру хуш даст дароз карда. – Нишони беморхонаашонро гирифтӣ?

- Ҳа, гирифтам, - гуфт Латифи Фозил дасти Носирро раҳо карда. – Барои зиёфат ташаккур, оши олиҳаноб буд. Бо янгаам, албатта, ба хонаи мо биёед. Акнун мо бародарони қиёматӣ.

- Меоем, - гуфт Носир ва сӯи хонааш рафт.

Латифи Фозил ҳамроҳи духтарчааш роҳашро идома дод. Дар назди дӯкони рӯзномафурӯшӣ марди тахмин сӣ-чилсолаи либосҳояш ифлос, – ҳангоми ба ин ё он тараф ҳаракат кардан чирки равғанолудаи пеши абои танаш ҳило медод, – таги чашмонаш сиёҳу кабуд сари роҳи падару духтарро гирифт:

- Илтиҳо мекунам, садақа диҳед, ҳамин рӯз аз беморхона ҳавоб доданд. Бояд то Сестроретск биравам, барои роҳкиро… авбошон дар назди истгоҳ пулҳоямро

кашида гирифтанд, худамро лат карданд. Аз барои худо кӯмак кунед, дар ин шаҳр касеро намешиносам, намедонам ба куҳо равам.

Латифи Фозил даст ба ҳайбаш бурда, даҳрублаеро ҳониби мард дароз кард.

- Худо умратонро дароз кунад, - мард пулро гирифта, бо дастони ларзон онро ба ҳайбаш андохт. - Як дона сигор надоред?

- Намекашам, - гуфт Латиф ва дигар ба мард аҳамият надода роҳашро идома дод.

- Бечора, касал будаст, - гуфт Нигора ба лаҳни ширини кӯдаконааш. – Акнун дар ин шаб чӣ мекунад вай, дада?

- Ягон роҳашро меёбад, духтарам, - гуфт Латифи Фозил, баъд аз роҳро гузаштан дасти Нигораро раҳо карда. – Ватани худаш, ягон илоҳ мекунад.

- Хонаамон мебурдем, дада… шаб торик, худаш танҳо, ягон кас назанад.

- Парво накун, гург намехӯрад ӯро. Аҳволи худамон аз вай бадтар, касе нест, ки ғами худамонро бихӯрад. Тезтар қадам мон, очаат алаҳда мешавад.

Чароғҳои раҳнамо пайи ҳам ранги худро дигар карда, ҳаракати мошину одамонро танзим мекарданд. Одамон бо шитоб сӯи хонаҳои худ мерафтанд. Харчанд шаби сафед ин шаҳри нозанин ва куҳанбунёдро дар оғӯши нарми худ гирифта, шири сафед менӯшонд, аз дуру наздик чароғи хонаҳо равшан мешуданд ва шаб чодари нуккрафоми худро бар сари шаҳр паҳн мекард.

Андешаҳо

Толис, қадршиносӣ ва ҳавонони мо

Дар таърихи инсоният бисёр шахсиятҳое ҳастанд, ки бо кору пайкор ва осори ҳовидонаи худ на танҳо ҳангоми барҳаёт будан, балки баъд аз маргашон низ барои дигарон хизмат мекунанд, намунаи ибрат мешаванд. Одамони бедордил бо эшон чун бо зиндаҳо гуфтугӯ мекунанд, маслиҳат мепурсанд, машварат меороянд. Аммо халқе ки чунин фарзандони фарзонаи худро ба боди фаромӯшӣ медиҳад, ҳаргиз зафар намеёбад, ба рӯзи хуш намерасад. Зеро рӯҳи онҳо низ посбону раҳнамост, чун чароғ роҳи мардумро мунаввар мекунад. Баъзан зиндаҳо аз посдории хотираи озодмардони миллаташон миннат мекунанд, аммо онҳо бехабаранд, ки ин корро барои худу ҳамзамонони худ анҳом медиҳанд. Чунки бузургмардон ба арҳгузории мо эҳтиёҳ надоранд, аммо мо ба онҳо мӯҳтоҳем ва зиёда аз ин дар назди рӯҳи поки эшон як умр қарздорем.

Дирӯз ҳаштодсолагии нависандаи ҳавонмаргамон Пӯлод Толисро ҳашн гирифтем. Дар толори хурди Иттифоқи нависандагони Тоҳикистон фарзандон, хешу ақрабо, масъулини ИН ва чанд нафар адибону адабиётшиносон, ки одатан дар чунин маҳфилҳои ёдбуд ширкат меварзанд, ҳузур доштанд. Як сол қабл дар ҳамин толор ҳашни ҳаштодсолагии устод Фазлиддин Муҳаммадиев, ки дӯст ва ҳамсинну ҳамсафи Пӯлод Толис буданд, таҳлил гашта буд. Дар он маҳфил низ қариб, ки ҳамин ҳайат ва хешу наздикони нависанда ширкат карда буданд.

Ин, албатта аламовар аст. Зеро ин ду нафар чеҳраҳои шинохта ва нависандагони забардасти адабиёти муосири мо ба ҳисоб мераванд. Баъд аз

мактаби адабии устод Садриддин Айнӣ, ки барои рушди наср поя гузошт ва адибони тавоное чун Сотим Улуғзода, Ҳалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Пӯлод Толис ва дигаронро ба майдони адабиёт ворид сохт, Пӯлод Толис ва Фазлиддин Муҳаммадиев ба мактаби нави насри тоҷик, яъне насри психологӣ ё андеша, бештар ба тасвир гирифтани ботини қаҳрамон асос гузоштанд. Намунаи беҳтарини чунин наср повести «Тобистон»-и Толис ва романи «Палатаи кунҳакӣ»-и Муҳаммадиев мебошад. Нависандагони баъдинаи мо асосан аз мактаби эҳодии онҳо зиёд баҳра бардоштаанд. Бинобар ин, месазад ва бояд ҳашнвораи ин ду нафар нависандагони забардасти мо дар толори бузурги Иттифоқи нависандагон ва ё ягон театри пойтахт бо иштироки доираи васеъи хонандагону адабиётшиносон, вазирону кабирон таҳлил мегардид. Дигаронро намедонам, аммо ман дар он маҳфил ҳар боре чашмам ба портрети дар девор овезони Толис меафтид, аз шарм намедонистам нигоҳамро ба куҳо гурезонам. Албатта, Толис ба қадршиноси мо мӯҳтоҷ нест, вай аллакай мехи шӯхраташро дар девори таърих задааст, аммо ҳашни ин гуна адибони чирадаст барои тарбияи насли ҳавон ва ҳатто калонсол муҳим ва фоидаовар мебошад.

Аммо афсӯс, ки ин тавр нашуд. Ҳатто дар маҳфили ёдбуд қайд гардид, ки ин ҳамъомад аввалин иқдомест барои пос доштани хотираи Пӯлод Толис. Дар даврони шӯравӣ низ солгарди ин адиб таҳлил намегардид. Чанд нафар адабиётшиносони шинохта ва адибони маъруфи мо гуфтанд, ки агар ба Толис умр бевафоӣ намекард, ӯ бо асарҳои хонданбоби худ на танҳо дар миқёси Осиёи Марказӣ, балки дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он машҳуру маъруф мегашт ва бешубҳа дар қатори ҳамсолаш, Чингиз Айтматови қирғиз, ки имрӯз беҳтарин нависандаи минтақа маҳсуб мешавад, ҳой мегирифт. Зеро Пӯлод Толис повести машҳури худ «Тобистон»-ро, ки ба ӯ шӯхрат овард, ҳанӯз дар синни бисту нӯҳсолагӣ ба табъ расонд. Воқиан ҳам, ин повест он солҳо дар насри тоҷик падидаи нав буд ва як гардиши куллие ба бор овард, ин шохаи адабиёти моро дар миқёси умумииттифоқ боз беҳтару хубтар шиносонид.

Нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун қайд кард. ки вай чанд сол пеш ҳангоми иштирокаш дар як ҳамоиши адабӣ дар шаҳри Красноярски Федератсияи Россия бо муаллифи романи машҳури «Наследник из Калькутты» («Меросхӯр аз Калкутта») Роберт Штилмарк ҳамсӯҳбат шуда буд. Чун нависандаи рус мефаҳмад, ки вай аз Тоҷикистон аст, аз Пӯлод Толис пурсон мешавад ва аз хабари хеле бармаҳал аз дунё рафтани Толис афсӯс меҳӯрад, ки ба ин нависандаи шумо умр вафо накардааст, вагарна ӯ беҳтарин адиби минтақа шинохта мешуд. Ба гуфти Штилмарк вай баъд аз маҳбас, аниқтараш лагерҳои сталинӣ, озод шудан тасодуф аз як дӯкони китобу рӯзномафурӯшии сари роҳ китоби «Тобистон» («Лето») – ро мехарад ва баъд аз мутолиаи он ба муаллифи он меҳр пайдо мекунад.

Шояд мо то ҳол хуб дарк накарда бошем, ки чӣ гуна истеъдодро аз даст додаем, аниқтараш ӯро эҳтиёт накардаем. Зеро риштаи умри Пӯлод Толис хеле бармаҳал, дар синни сию ду ба таври фоҳиавӣ канда шуд. То ҳол дар хусуси марги ӯ тахмину фарзияҳо зиёданд, аммо касе онро мушаххас таҳқиқ накардааст. Баъзеҳо меӯянд, ки дили ҳассоси ӯ аз беадолатиҳои даврони сталинӣ, таъқиботу шиканҳаҳо, ҳоли зори муҳоҳирони иҳборӣ (нависанда пеш аз маргаш ба он мавзеҳо сафар карда, бо

мардум ҳамсӯҳбат шуда будааст) тоб наовард. Бархе дар он ақидаанд, ки ӯро бухлу ҳасуд ва нотавонбинии ҳамқаламони номарду чоплусаш кушт. Ин гурӯҳи ҳуққабоз бо ҳар роҳ ба ӯ халал мерасонидаанд, аз таги нохун чирк мекофтаанд, то аз дасташон омадан ӯро дар назди зимомдорони давр сиёҳ мекардаанд. Онҳое ки солҳои сол бо Пӯлод Толис ҳамкору шинос буданд, алалхусус он нафароне ки ҳамроҳ дар маҳаллаи «Шарқи сурх» («Садои шарқ») кор кардаанд, бар он ақидаанд: он бори вазнине ки Толиси ҳавон мардона ба дӯш гирифта буд, оқибат корашро кард. Зеро Пӯлод Толис дар давраи сармуҳарририи маҳалларо ба дӯш доштанаш ба ҳони ҳавони худ ҳабр карда, шабу рӯз ба таҳрири асарҳои ҳамқаламони худ, алалхусус нависандагони ҳатӯлкору беҳунар машғул мешудааст. Вай ҳатто хобу хӯрро фаромӯш карда, меҳнат мекардааст, то дар ин маҳаллаи овозадори адабӣ асарҳои хому суст ба табъ нарасанд. Мисли баъзе муҳаррирони холабеғам ба ном муҳаррир набудааст, чун шамъ худро дар ин маҳфил қатра-қатра адо кардааст. Бар замми ин боз навиштани асарҳои худ. Аз кадом ҳисоб? Аз ҳисоби бедорхобию шабзиндадорӣ, беоромию такодавҳо. Аз ҳад зиёд меҳнат мекардааст ва баъзан худаш низ аз ин қудрати хеш дар ҳайрат мемондааст. Аммо ин ҳама бори вазнин оқибати кор асабро хароб ва саломатиро абгор мекунад.

Ҳамчунин эҳодиёти ӯ, ки бо вуҳуди хеле ҳавон рафтанаш бобаракат аст, ҳиддӣ аз нигоҳи адабиётшиносӣ баррасӣ нашудааст. Аз марги Толис қариб ним аср сипарӣ шуд. Дар зарфи ин солҳо чанд насли хонандагон пайдо шуданд. Бовар дорам, ки насли ҳавони имрӯза на танҳо асарҳои ӯро намедонанду нахондаанд, балки ӯро ҳамчун нависанда кам андар кам мешиносанд ва бисёриҳо шояд номи ӯро ҳамчун нависанда бори аввал мешунаванд. Шояд сабаби дар доираи як гурӯҳи танг таҳлил гаштани ҳашни ӯ дар ҳамин бошад? Умуман ҳомеаи мо сол ба сол, рӯз ба рӯз аз фарҳанг дур шудан дорад. Ҳатто донишҳӯёни факултаҳои филология ва рӯзноманигорӣ, ки дар тӯли панҳ соли таҳсил асосан ба омӯзиши забон ва адабиёт машғуланд, ба асарҳои санъат тамоман бефарқанд, шавқу ҳавас надоранд.

Воқиан, қариб ҳама қаҳрамонони асосии повесту ҳикояҳои Пӯлод Толис ҳавонону наврасонанд. Масалан, дар повестҳои «Тобистон» (Ҳасан, Карим, Қосим), «Ҳавонӣ» (Зебӣ, Қосимҳон), ҳикояҳои «Ҳавонони завод» (Ҳаббор, Файзулло, Мамадалӣ), «Ёру ҳӯраҳо» (Савсан, Абдулло, Шарофат) ва ғайраҳо. Нависанда бештар ҳавононро дар лаҳзаҳои гуногуни зиндагӣ рӯбарӯ карда, хӯю хислат ва рафторҳои разилонаи инсониро мазаммат ва ахлоқи ҳамидаро тараннум мекунад. Даврони ҳавонии худи нависанда дар солҳои басо буғзрангу мураккаби таърихи кишвари мо рост омадааст: Инқилоб, ҳаракати босмачигарӣ, сиёсати душманкобию таъқибгарӣ ва репресияи сталинӣ, Ҳанги Бузурги Ватанӣ. Дар баробари ин он айём давраи қаҳрамонию музаффариятҳо, бунёди корхонаю неругоҳҳои бузург, кандани каналҳои азим, роҳу заминкушоиҳо, хулоса, бунёди ҳаёти нави одамони шӯравӣ буд. Ва Пӯлод Толис чун инсони ҳақталош ва нависандаи заррабину боистеъдод дар майдони ин задухӯрд ва пасон бунёдкориҳо инсонҳои воқиан ҳам, асилро чун донаҳо ҳамъ оварда, симоҳои басо муассир меофарид, ҳаромхӯрону ҳасудон ва танбалону хоинонро бо ранги сиёҳ тасвир мекард.

Инсон маҳз дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ имтиҳон карда мешавад, хоҳу нохоҳ ниқоб аз рӯи вай бардошта мешавад. Маҳз дар лаҳзаҳои ҳассос ва тақдирсоз симои аслии одамон рӯ мезанад, хонашеру майдонғариб будани онҳо собит мегардад. Хонанда пас аз ошно шудан бо ин гуна лаҳзаҳои муассир, ки нависанда ба риштаи тасвир мекашад (чунин лаҳзаҳо дар асарҳои Толис хеле зиёданд), беихтиёр ба андеша меравад, худро ба ҳойи он қаҳрамонҳо гузошта, қиёс мекунад, хулоса мебарорад, месанҳад. Пӯлод Толис дар бисёр асарҳояш масъалаи ҳовидонаи санъат – ҳаромхӯрию ҳалолхӯриро ба маънои фарохаш пайгирӣ намуда, ба гӯши хонанда табли бедорию худшиносӣ мезанад. Масалан, дар повести «Тобистон», ки ин ҳо чанд бор зикраш рафт, Ҳасан ном бача, ки ба савдогарӣ машғул буд, бо ҳӯраи ҳониаш Карим (вай дар матбаа ҳуруфчин буд) ҳанг мекунад, ки дар он лаҳзаҳо характери Ҳасан чун инсони комил реша мегирад. Каримҳони коргар Ҳасани савдогарро муфтхӯру ҳаромхӯр гӯён таъна мезанад ва Ҳасан аз қаҳр Каримҳонро зада аз пой меафтонад. Нависанда ин манзараро аз забони Ҳасан чунин ба қалам додааст:

« - Рав… рав, набошад сарата зада мекафонам…

Ман ба дасти Карим нигоҳ карда дидам, ки як қайроқсангро бардошта гирифтааст. Санг, аз афти кор, дар таги девор хобида будааст.

Лаҳзае чӣ кор карданамро надониста рост истодаму баъд гуфтам:

- Охир… охир, ба хона намеравем, Карим? Қатӣ равем, охир…

Аммо Карим аз девор ҳудо шуда, як қадам ба пеш монду санги дасташро бардошта, бо оҳанге ки гӯё сагро пеш мекарда бошад, такрор кард:

- Рав!

Ман боз лаҳзае дар рӯ ба рӯи Карим беҳаракат рост истодаму баъд сарамро хам карда ақиб гаштам.

- Ҳаромхӯр, - гуфта монд боз аз паси ман Карим.

Ман ҳаракатамро тезондам.

… Карим маро не, ман Каримро зада ғалтонда будам, вале чӣ сабаб, ки аз ин ғалабаи худ нӯги нохун барин ҳам хурсанд набудам, балки баръакс, худро шаттахӯрда, мағлубшуда ҳис мекардам ва мисли хурӯсчӯҳае ки дар ҳанг мағлуб шуда, ба катакаш мегурезад, торафт қадамамро тезтар мекардам.

Ман танҳо баъдтар фаҳмидам, ки Карим маро ҳанӯз пеш аз мушт заданам мағлуб карда будааст ва бо яроқе мағлуб карда будааст басо сахттар ва басо дардноктар аз мушту торсакӣ.»

Магар имрӯз ин масъала дар байни ҳавонони мо ба масъалаи ҳалталаб табдил наёфтааст? Бешубҳа. Он имрӯз боз мубрамтар аст. Чунки мардум, алалхусус ҳавонон солҳои охир ба фарқи ҳарому ҳалол намераванд, мақоли «Гӯр сӯзаду дег ҳӯшад»-ро шиори зиндагии худ қарор додаанд.

Пӯлод Толис ҳавон рафт ва дар ёди ҳамагон ҳавон монд. Ман ӯро то ҳол дар байни ҳавонон мебинам. Ҳарчанд кӯшиш мекунам, аммо Пӯлод Толиси мӯйсафедро тасаввур карда наметавонам. Агарчи имрӯз ҳамсолони ӯ ба синни ҳаштод расида, пиру барҳомондаанд, бо асо базӯр қадам мемонанд, бо айнаки шишаҳояш ғафс бо азоб ҳарфро мебинанду мехонанд, ин кор ба ман муяссар намешавад. Ҳамеша пеши чашмам як ҳавони чеҳрагарму хушлибос, нигоҳаш пур

аз меҳр, аммо ҳамеша андешаманд падид меояд. Шояд худи Толис низ ба чунин қарор омад, ки бояд ба пирӣ нарасад, аз давраи ҳавонон берун наравад, то онҳо низ аз ӯ дур нашаванд. Ҳузури худро дар байни ҳавонону наврасон ба манфиати кор донист ва барои эшон то абад маҳфиле орост озода. Худаш шамъ шуд, парвонаҳои асилро гирдаш хонд. Аз Худо илтиҳо мекунам, ки ин маҳфил ҳаргиз сард нашавад, ҳавонони бедордил даври он ҳамъ оянд, мисли ӯ ҳонфидо, масъулиятшинос, ҳақиқатҳӯю адолатпарвар ва меҳнатдӯсту фидокор бошанд. Омин!

Соли 2009

Садоҳо дар хомӯшиҳо

Ӯ ҳар рӯз дар байни мост. Ҳамроҳи мо дар кӯчаҳо қадам мезанад, аз навсозиҳои замона шодӣ мекунад. Дар даст мӯқалам сурат мекашаду ботини ҳомеаи мо гӯё дар оина акси худро меёбад. Мӯқалами ӯ гоҳо сайри Самарқанду Бухорои қадим мекунаду гоҳо аз ноадолатиҳои замони пешин зор-зор мегиряд. Ӯ ноадолатӣ, зулми одамиро бар одамӣ бинад, ба ларза меояд, ба худ ҳойи нишаст намеёбад. Дар ин гуна лаҳзаҳои барои ӯ ниҳоят вазнин тасаллии дили ҳассосу ғамзадааш танҳо мӯқалам аст. Мекашаду мекашад то он даме, ки дар хаёли ҳақҳӯи худ ҳақро ба ҳақдор нарасонад. Қиссаи зер аз рӯзгори пуршӯри ӯст.

Ман ӯро дар иҳотаи суратҳои гуногунмазмун дарёфтам. Чандест, ки дар бинои Иттифоқи рассомони Тоҳикистон намоиши асарҳои ӯ гузошта шудааст. Нигоҳаш андаке хаста, мӯйи сар ва риши сафедаш гувоҳӣ медод, ки зиндагӣ ба дӯши ӯ рӯзҳои сахт ва ғаму андӯҳи зиёдеро бор кардааст. Одамизод аз ғаму андӯҳ намемурдааст, аммо он бешубҳа ҳисми ӯро лоғару хотирашро парешон мекардааст.

Суратҳои безабон худ гувоҳи зиндаанд, дар онҳо бо рангу тобиши ба худ хос манзараҳои шаҳрҳои бостонии Самарқанду Бухоро ва Хиваи кӯҳан, майдонҳои ҳарбу зарби Ҳанги Бузурги Ватанӣ, симои аз азобу машаққати вазнин коҳидаи маҳбусон то манзараҳои Тоҳикистони офтобрӯя акс ёфта буданд. Ӯ дар бораи вазъияти тавлид ва мазмуни суратҳо ҳикояи бадард мекарду овозаш пайваста бо ҳисму ҳонаш меларзид. Шояд ин лаҳза суратҳои безабон рӯзҳои мудҳиши гузаштаро дар хотираш зинда мегардонданд. Ба ман чунин метофт, ки дар пеши назарам дар ҳабинаш чанд ожанге пайдо шуд. Ман баробари ӯ ба суратҳо нигоҳ мекардаму китоби таърих ба рӯям боз мешуд ва дар пеши сабру тоқат ва бурдбории ин марди ҳафтоду панҳсола сари таъзим фуруд меовардам.

То дер ба ӯ суол накардам. Метарсидам, ки суоли беҳое медиҳаму ҳароҳати дилашро хуншор мекунам, чунки аз гузаштаи ғамангези ӯ огаҳ будам.

Ашӯр Ҳайдаров. Ходими шоистаи санъати Тоҳикистон, марди пурҳунар, рассоми моҳир. Ӯ дар шаҳри бостони Самарқанд ба дунё омадааст. Дар ҳамин ҳо соли 1938 Омӯзишгоҳи рассомиро хатм намуда, як умр ба ин касб содиқ мондааст. Вай дар ҳама ҳо, дар ҳар гуна вазъият мӯқаламро аз худ дур накарда, ҳама лаҳзаҳои зиндагӣ: бадию некӣ, дарду ғам, шодию ид, тӯю мотамро ба риштаи тасвир кашидааст. Ҳаёти ин марди ҳунарманд худ як таърихи нохондаест ва ҳар як шунавандаро мутаассир мекунад.

Айёми бачагӣ вай бехабар аз ояндаи худ ба даст қалам гирифта, манзараҳои атроф ва симои одамони наздикашро рӯи коғаз меовард. Ва ин ҳол бобояшро, ки марди диндор буд, дарғазаб мекард. Боре бобо набераашро дар сари кор дида, ба рӯяш шаппотие зад, ки дуюмбора ин корро накунад, суратканашӣ дар мусулмонӣ гуноҳ аст. Аммо бачаи дилбохта аз роҳаш намегашт. Аз волидон пинҳонӣ суратканаширо давом медод. Баъд ҳанг сар шуду ӯ ихтиёрӣ ба фронт рафт. Рӯзҳои аввали ҳанг барои аскарони мо хеле гарон афтода буд. Душмани сар то по мусаллаҳ дар ҳама ҳо онҳоро фишор дода, ба ақибнишинӣ маҳбур мекард. Ва яке аз рӯзҳои наҳс ӯ дар муҳорибаи шадиде маҳрӯҳ шуду асир афтод. Пасон рӯзҳои мудҳиш дар ҳаёти Ашӯри ҳавон оғоз ёфтанд.

Душман ӯро ба Олмон бурд. Рӯзона дар ҳангалзор кор мекарду шабона аз посбонон пинҳонӣ сурат мекашид. Боре ӯ сурати посбонро мекашид, ки ба даст афтод. Сарбози немис сурати худро дида, ҳайрон монд ва аз ҳунари рассоми худодод мафтун гашта, ба ҳойи ин воқиаро ба командири худ арз кардан рӯзи дигар барои рассом дафтарчаи суратканаширо ҳадя овард. Рассоми ташна, ки барои суратканашӣ коғаз мекофт, аз ин тӯҳфаи душман хеле шод гашт…

Баъди чанд рӯз дафтарча аз сурат пур шуд. Рӯзе афсари баландрутбаи немис ҳангоми кофтукови навбатӣ дафтарчаро ёфт ва рассомро ҳамроҳи худ ба утоқи кориаш бурд. Ҳама асирон бо нигоҳи маъюсона ҳамватани худро гусел карда, гӯё бо ӯ видоъ мекарданд. Аммо ғайричашмдошти онҳо соҳибмансаб дар утоқи корӣ дафтарчаи пур аз суратро варақгардон карда, ба манзараҳои диёри худ, симои асирон ва посбонон зеҳн монда, табассум кард ва рассомро ҳавоб дода, гуфт:

- Ҳамин ки ҳанг ба охир расид, дафтарчаатро бармегардонам.

Ӯ ин гапро бо дили пур гуфт ва гумон дошт, ки имрӯз ё пагоҳ ҳанг ба фоидаи онҳо меанҳомад. Аммо рассом дигар ӯро надид. Чунки ӯро ҳамроҳи асирони дигар ба Полша оварданд ва ӯ вазъияти муносибро ёфта, гурехт ва ба қатори партизанҳои дивизияи Ковпак, ки дар ҳамон наздикиҳо амал мекард, ҳамроҳ шуд…

Ҳанг ба охир расид. Ашӯр Ҳайдаров ба ватан баргашт ва бо дили пур боз ба суратканашӣ пардохт. Аммо ин осоиштагӣ дер давом накард. Аввал ӯро ба идораи КГБ ҳеғ зада, пурсуҳӯ карданд, ки вай дар кадом ҳолат асир афтод ва дар асорат ба чӣ корҳо машғул буд… Ва дере нагузашта ӯро шабона аз хонааш бурда, ҳабс карданд.

Панҳ соли маҳбусӣ дар шаҳри Қарағанда гардиши куллие шуд дар ҳаёти рассом. Ӯ дар он ҳо бо одамони гуногун: рассомон, олимон ва генералҳое, ки мисли ӯ бегуноҳ ҳабс шуда буданд, шинос шуда, аз сӯҳбати онҳо баҳра мегирифт, дарси ҳаёт меомӯхт.

- Он солҳо басо мудҳиш буд, - гуфт вай ҳангоми сӯҳбат бо чашми пуроб, - замони зӯроварӣ ва беадолатӣ буд. Мо, маҳбусон, медонистем, ки бегуноҳ маҳбусем. Охир ҳанг бе асир намешавад-ку! Дар тамоми дунё замони ҳанг новобаста ба худ аскарон асир меафтанд ва баъди ба охир расидани ҳанг озод мешаванд, ба истиснои онҳое ки ихтиёран худро асир кардаанд. Дар маҳбас мисли ман бегуноҳ аз озодӣ маҳрум шудагон бисёр буданд. Яке аз онҳо олими физик, академик Н. В. Краснов буд. Вай ба мо, ҳавонон, доимо насиҳат мекард, ки

рӯҳафтода нашуда, худамонро эҳтиёт кунем, ки дар оянда барои халқу Ватан лозим мешавем ва ин беадолатиҳо муваққатист ва рӯзе офтоби адолат ҳатман рух хоҳад намуд.

Рассом ба ин мазмун сурате кашида, ки дар он маҳбусон шабона ба ҳое равонаанд ва аз дурии дур офтоб теғ зада истодааст.

Ашӯр Ҳайдаров дар маҳбас ҳам аз суратканӣ даст накашидааст. Суратҳои кашидаашро дар ҳойҳои махсус пинҳон мекард, чунки дар ҳабсхона сурат кашидан манъ буд. Бо вуҳуди ин, дере нагузашта коркунони ҳабсхона аз ин огоҳ шуданд… ва минбаъд супориш медоданд, ки сурати коркунони фаъолро барои тахтаи пешсафон бикашад. Ин кори ӯро каме осон кард. Вай ҳар суратро ду нусха тайёр мекард: яктоашро ба онҳо медоду дигареро барои худ нигоҳ медошт. Ва онҳоро одамоне ки аз ҳабсхона озод мешуданд, пинҳонӣ бароварда, ба завҳааш мефиристоданд. Қисми асосии намоишеро, ки дар боло зикр кардем, ҳамон суратҳо ташкил медиҳанд.

Ман ба суратҳо назар меафканам. Ҳамаашон бо мурури замон зард гаштаанд. Дар он одамони гуногунчеҳра ғамгину маъюс тасвир ёфтаанд: яке ба дуродур нигоҳкунон гӯё касеро интизор аст, гурӯҳе аз маҳбусон саф кашида сӯи коргоҳ равонаанд. Дар сурати дигар марде дар дами ҳон кандан асту чанд тан дар атрофи ӯ сархаманд. Ба суратҳо менигараму худамро дар ҳолати ногуворе ҳис мекунам. Чашмони ғамгину азобкашида илтиҳоомез рост ба ман нигоҳ мекунанд.

- Вақте ки ман аз маҳбас озод шудам, шарм мекардам, ки ба кӯча бароям. Аз таънаи одамон метарсидам, зеро дар байни мардум овоза шуда буд, ки гӯё ман дар ҳанг хоинӣ карда бошам, - гуфт ҳамсӯҳбатам дар охир. – Маро аз ҳабс озод карда бошанд ҳам, сафед накарда буданд. Гӯё ман барои гуноҳам ҳазо гирифтам. Он ноадолатиҳо ба рӯйи ман мӯҳри хоиниро гузошта буд. Шабҳо азоби рӯҳӣ мекашидам, тақдири бади худро лаънат мехондам. Гумон мекардам, ки кашидани ин бори гарон маро ба вартаи ҳалокат мебарад. Ва фақат моҳи августи соли 1989 фаҳмидам, ки бегуноҳии маро комиссияҳои махсус иқрор шудаанд. Дер бошад ҳам, бори аввал тӯли ин чанд сол нафаси озод кашидам. Бори гароне аз китфам дур шуд.

Ӯ хомӯш монд.

Чунин хомӯшии вазнин дар ҳаёти ӯ бисёр рух додааст. Соли 1949 ҳангоме ки ӯро ҳабс карданд, дар Тошканд намоиши асарҳои ӯ оғоз ёфта буд. Чун хабари ҳабс шуданашро фаҳмиданд, дарҳол тасвирҳояшро ба завҳааш баргардонданд. Ҳамсари гирёну нолон ин хабарро ба ӯ расонд. Вай фақат ғамгинона сар ба зер афканду чизе нагуфт. Замоне буд писаронаш ҳини пур кардани ин ё он ҳуҳҳат ба саволи «Оё дар оилаатон касе ҳабс шудааст?» аз ӯ посух мехостанд, хомӯш мемонд. Намедонист чӣ ҳавоб диҳад. Ба «ҳа» гуфтан забонаш намегашт, чунки ӯ бегуноҳ буд…

Ин буд шаммае аз рӯзгори ҳунарманди асил Ашӯр Ҳайдаров. Шояд хонандагони гиромӣ номи ӯро бори аввал мешунаванду мусаввараҳояшро надида бошанд. Чунки дар ҳумҳурии мо ба ин намуди санъат кам аҳамият медиҳанд. Айб аст, ки то ҳол мо дар Душанбе золи махсусе надорем, ки тез-тез намоиши асарҳои ин гуна ҳунарваронро ташкил карда, аз санъати дилошӯби онҳо баҳра бардорем.

Ашӯр Ҳайдаров чеҳраҳои инсонҳои бузург – Рӯдакӣ, Сино, Раҳим Ҳошим ва дигаронро кашидааст, ки ба гуфти худи ӯ аз назари тамошобинон дур, дар таҳхонаҳо чанг зер карда хобанд. Мусаввараҳои вай дар намоишгоҳҳои Москваю Ленинград ва мамолики хориҷ аз қабили Эрон, Ҳиндустон, Олмон, Италия, Белгия, Португалия ва чандин кишварҳои қитъаи Африқо дар атрофи худ харидорони зиёдеро гирд овардаанд. Вале дар ҳумҳурии худаш мардум аз эҳоди ӯ пурра огоҳ нестанд.

Соли 1991

Адиби андешапарвар

Вазифаи аслии адабиёт ин ба андеша водор кардани хонанда ва дар маҳмӯъ фарзанди одамизод аст. Зеро инсоне ки аз андеша орӣ аст, хӯсаеро мемонад. Чунин инсон ба содир намудани ҳама гуна ҳиноятӯ қабоҳат, нокасию разолат ва гуна-гуна хислатҳои пасти инсонӣ қодир аст. Чунки ин тоифа ҳеҳ гоҳ дарди дигаронро эҳсос намекунанд, дилашон барои дигаре ба сӯзиш намеояд, оқибати амали худро намеандешанд, барои як лаҳза ва барои худ мезиянд. Танҳо барои нафси худ зистан бошад, хоси ҳайвонҳост. Ба гуфти нависандаи забардасти амрикоӣ Уилям Фолкнер «Инсон ҳазира нест, ҳар як нафар дар назди инсоният бояд масъулият дошта бошад». Аз ин лиҳоз инсон бояд каму беш ба ғами дигарон низ шарик шавад, дасти фитодаеро бигирад, дили ғамзадаеро бардорад ва ин амалҳоро дар ҳама ҳолат қарзи инсонии худ донад. Дар акси ҳол зиндагӣ шаби торро мемонад, ба чарогоҳи бекасу кӯй шабеҳ мешавад.

Мутаассифона, дар байни мо чунин инсонҳои фурӯмоя буданду ҳастанд ва ногуфта намонад, ки чунин афродро ба андеша водор кардан ниҳоят кори сангин аст. Нависанда барои ба ҳо овардани ин вазифаи азалии адабиёт ҳам ҳунари омӯзгорӣ, ҳам истеъдоди равоншиносӣ, ҳам қобилияти табибӣ ва аз ҳама муҳимаш дилу дидаи бедор дошта бошад, сухане ба миён орад, ки ба дили чунин хонанда низ, роҳ ёбад, пораҳои муассирру талхтаринро аз рӯзгори худу наздикони ӯ дар шуураш бедор намояд ва ба ин васила онро ба таҳрик биёрад, чизи то ҳол чандин бор дидаю дарк накардаашро рӯшантар пешорӯяш ба ҳилва орад ва билохира ӯро ба андеша кардан водор созад. Вай, хонанда, бояд дарк кунад, ки бедардии ӯ абадӣ нест, ғаму шодӣ ҳамеша дар паҳлӯи ҳамдигаранд. Устоди насри ҳаҳонӣ Антон Чехов мегӯяд: «Дар паси дари одами хушбахт бояд ҳамеша нафаре дар даст болғача истада, бо тақ-тақи худ он нафарро ҳушдор диҳад, ки дар дунё одамони бадбахт ҳам ҳастанд ва баъд аз хушбахтии на он қадар тӯлонӣ ҳатман бадбахтӣ низ меояд». Ба андешаи инҳониб ана ҳамон нафари паси дар нависанда аст, нависандаи боистеъдод, ҳонфидо, ки бо асарҳои бамаҳзу маънии худ хонаи дилро обод мегардонад, одами бадтинатро низ лаҳзае мисли оҳанрабо ба сӯи худ кашида, бо ҳозибаи сухани гарм қалбашро нарм менамояд ва ба он рӯшноӣ мебахшад

Вақте ки чунин адибони адабиёти муосирамонро пеши назар овардан мехоҳам, дар қатори аввалинҳо Абдулҳамид Самадро мебинам. Воқиан, ӯ дар тӯли чор даҳсола, ки дар майдони насри тоҷик қувваозмоӣ мекунад, ҳам бо ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, аз ҳумла нармдилию дардошноӣ ва мавридшиносиаш ва ҳам бо эҳоди

силсилаи ҳикояҳою повест ва романҳои марғубаш инро барои аҳли адаб ва пеш аз ҳама хонандагони серталаб собит сохт. То ҳое ки ин адиби хушсалиқаамонро мешиносаму медонам, ҳамеша андешаманд, табиатан нармгуфтору нармрафтор, муносибаташ ба ҳамқаламон, аз ҳумла адибони ҳавон самимию дилсӯзона, аммо сахтгиру серталаб ва гоҳо ба рағми ҳатӯлкориҳо тезу тунд ва оштинопазир мебинам.

Боре ҳангоми як сӯҳбат, дар омади гап, аз Абдулҳамид Самад пурсидам, ки бештар кадом фасли солро дӯст медорад. Тирамоҳро, гуфт вай ва дарҳол шарҳ дод: Тирамоҳ фасли андеша аст. Одам хоҳу нохоҳ дар ин фасли хазонрез ба андеша меравад, рӯзгори гузаштаашро як бори дигар дар кӯраи хотироташ мегудозад, ки чӣ бурду бохт дошт он, дар куҳо саҳве рафту дар куҳо ғофил монд ва хатое содир кард. Тирамоҳ гӯё ҳаёти яксолаи инсонро ҳамъбаст мекунад ва то баҳор дари андешаҳоро боз медорад, то инсон ба баҳори нозанин бо рӯҳу тавони тоза ва дили покизаю пур аз орзуҳо бирасад. Баъд беҳуда дар урфият нагуфтаанд, ки чӯҳаро дар тирамоҳ мешуморанд.

Абдулҳамид Самад ин рисолати адабиёт, яъне ба андеша водар кардани инсонро, хуб дарк кардааст ва онро аз як асар ба асари дигараш («Аспи бобом», «Косаи давр», «Баъд аз сари падар», «Пиёлаи шикаста», «Мурофиа», «Сарлашкар», «Соати ҳисоб», «Гардиши девбод» ва ғайраҳо) бештару хубтар пайванд медиҳад. Агар ба асарҳои нависанда рӯ орем, қариб дар ҳама навиштаҳои ӯ қаҳрамонони асарҳояш ҳангоми ба қароре омадан ҳатман имрӯзу дирӯзи худро ба мизон мегузоранд ва сари он андеша мекунанд.

Қаҳрамони ҳикояи «Пиёлаи шикаста» Рустам, ки замоне амакаш ӯро дар як субҳи торику сарди зимистони солҳои қаҳтию гушнагӣ бо чашмони баста дар миёнҳои бозор танҳо гузошта, бо ҳамин роҳ аз вай халос мешавад, бо кӯмаки одамони худотарсу парастории хонаи бачаҳо ба камол мерасад ва хонда, соҳибвазифа мегардад. Баъди чандин солҳо, вақте ки дӯсти овони бачагияш усто Мирзошариф ӯро шинохта, ба амаки ҳоҳилаш хабар мерасонад, мулло Ёқуб аз хабари зинда будани ҳиянаш не, балки соҳибвазифа будани вай хурсанд мешавад. Рустам дар мулоқоти аввалин пай мебарад, ки ҳарчанд имрӯз амакаш ҳамчун мулло ном бароварда, соҳибдастархон бошад ҳам, дар асл то ҳол ноодам аст. Алами ҳигарсӯзи он андеша, ки «амакаш мисли кучуки дар кӯчамонда бо найранг ӯро аз хонааш, аз деҳа рондааст», намегузорад то ҳавон он иштибоҳи амакашро бубахшад. Нависанда қаҳрамони худро дар кӯраи андешаҳо андохта, ба як қарори қатъӣ меорад ва Рустам дар лаби рӯд он ҳама ноодамиҳои амакашро ба ёд оварда, хулоса мекунад:

- Рӯзи мушкил имтиҳони инсон аст, одамро аз ноодам ҳудо мекунад рӯзи сахтӣ.

Нависанда низ дар баробари қаҳрамони худ ба чунин хулоса меояд: «Не, ӯ ин саргузашти талхро то ҳол ба ҳеҳ кас нагуфтаасту намегӯяд. Ба ақидаи ӯ кирдорҳои пасти баъзе одамонро ба забон наовардан беҳ, зеро шаъни ИНСОН-ро доғдор мекунанд…»

Ман бо Абдулҳамид Самад ҳанӯз давраи донишҳӯиям шинос шудам. Он вақт дар курси якуми донишгоҳ мехондам. Боре дар хобгоҳ бо ташаббуси устодамон, адабиётшиноси маъруф Раҳими Мусулмониён бо нависанда, ки ба қарибӣ

повести наваш таҳти унвони «Паррончакҳо» ба табъ расида буд, вохўрӣ барпо гашт. Азбаски асари мазкур аз ҳаёти донишҳўён қисса мекард, сўҳбати пурмўҳтавое ба вуқўъ пайваст, зеро мавзўи асар ба ҳама донишҳўён шинос буд ва масъалаҳое ки нависанда зимни тасвири ҳаёти донишҳўён, муносибати устодону шогирдон, камбудиҳои усули таълиму тарбия ба риштаи таҳқиқ кашида буд, ҳамагонро ба ташвиш меовард. Дар омади гап бояд қайд кунем, ки ҳарчанд мо донишҳўёнро гўрўҳи пешсафи ҳавонон меҳисобем, то имрўз дар хусуси ҳаёти онҳо асарҳои бадеӣ хеле кам иншо шудаанд. Метавон гуфт, ки «Паррончак»-ҳо қадами ҳиддие буд дар ин мавзўъ.

Он вақт Абдулҳамид Самад нисбатан хеле ҳавон буд, бо вуҳуди ин бо як тамкини ба худ хос ба саволҳои устодону шогирдони донишгоҳ посух дода, дар хусуси ҳусну қубҳи повести наваш ва умуман насри бадеӣ домани баҳс густурд. Ёд дорам, ба суоли донишҳўе ки чаро ў ба ҳойи қайчӣ калимаи арабии миқрозро истифода кардааст, чунин посух дод: Ҳарду ҳам калимаи тоҳикӣ нестанд, ба фикрам муҳимаш бояд қайчӣ ё миқроз беҳуда риштаеро канда накунад ё ноҳо коғазеро набурад…

Банда каму беш бо ҳама навиштаҳои Абдулҳамид Самад шинос ҳастам. Аммо аз ҳама бештар ба ман ҳикояи «Мурофиа», ки хеле барвақт таълиф шуда буду нависанда онро бо такмилу таҳрири дубора дар китоби нави худ «Гардиши девбод» аз нав ба нашр расонид, писанд аст. Ин асар сари худ гўё як дарахти омўрзиш ва тавбаю надоматро мемонад. Нависанда дар симои модару писари олимаш ва додари ў, ҳамчунин Раиси Усмону писари ноўҳдабарою ҳарҳогарди вай Зокир масъалаи азалии адабиёт, яъне одаму одамгарӣ, меҳру муҳаббати байни инсонҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Агар хуб нигарем, ҳаёти инсонӣ маҳз аз ҳамин чизҳо иборат аст, зиндагӣ аз онҳо маънӣ мегирад ва охир баҳои инсонигарии мо тўли дар рўи замин будан аз ченаки ҳамин хислатҳо баҳо дода мешавад. Дар ин ҳикояи ҳаҳман калон ҳам омурзиши пинҳонӣ, ҳам дарди дили модари аз рафтори писар хиҳолатзада ва ҳам ормону ҳасрати раиси талхию ширинихои ҳаётро зиёд чашида ба ҳам омада, инсонро ҳушдор медиҳад, ки вай барои ҳар рафтору гуфтораш дар назди дигарон ҳавобгар аст. Зеро ҳеҳ кас наметавонад берун аз ҳамъият бошад.

- Худат медонӣ, бачам, - нарм пичиррос зад кампир. – Ман ҳам, то зиндаам, дар баду неки ту шарикам. Аз кору номи некат ҳонам меосояд, аз кирдорҳои ношоямат азияту хиҳолат мекашам. Даврон ҳам аз рафтори ту норозиву дилозурда аст… Одамҳо чашму гўш доранд: мебинанд, мешунаванд… Некии Раис ба оиалаи мо беҳисоб расида буд. Ёрдами ў намешуд, солҳои қаҳтӣ шояд аз сад як ҳонамон намемонд. Лекин ў аз ту хафа рафт… «Коре ки Мурод кард, ягон душманам ба ман раво намедид, - мегуфт рўйрост. Одам дар пои дўсташ ин хел теша намезанад…»

Чунин пораҳои муассир дар эҳодиёти Абдулҳамид Самад зиёданд, ки гоҳо дили хонандаро ба ҳаяҳон меоранду баъзан ба риққат ва дар ҳарду маврид ҳам, каму беш раги хуфтаи инсониашро аз нав бедор месозанд. Қудрати сухани асил ва сехри қалами нависандаи боҳунар низ, дар ҳамин амал нуҳуфтааст.

Воқиан, Мурод баъд аз сўҳбат бо модар «мисли касе, ки дар мурофиаи шадид тамоми ҳурму гуноҳҳояшро иқрор шуда бошад, сарҳаму андешаманд» аз боғ ду ниҳоли тутро решакан карда, ҳониби қабристон меравад, то онро дар сари қабри раис шинонад. Чунки модар таъкид мекунад: «Раиси Усмон ду чиза бениҳоят дўст медошт: кўдаку дарахта…»

Як паҳлўи хушоянди эҳодиёти Абдулҳамид Самад ин пайванди ў ба табиат, урфу одат ва ҳаёти мардуми деҳот аст. Вай мекўшад дар хўю хислат ва гуфтугўи қаҳрамонон ҳам, ҳамон муҳит ва оҳанги аз кўдаки барояш ошно садо диҳад. Ва аз ин ҳост, ки бештарин персонажҳои асарҳои ў аз деҳотанд. Баъзеҳо мегўянд, ки нависанда дар диалогҳо калимаҳои шевагиро зиёд истифода мебарад. Аммо ба андешаи банда ў ин гуна калимаҳоро заркорона истифода мекунад: мавқеашонро муносиб ёфта, вожаҳои хушоянди аз истифодаи умум берун шударо, ки то ҳол дар забони гуфтугўии мардуми кўҳистон зиндаанд, пайдо намуда, пешкаши умум мегардонад. Суханашро бо таъбиру мақол ва зарбулмасалҳои хушоҳанг зеб медиҳад.

Абдулҳамид Самад воқиан ҳам, адиби андешапарвар ва дардошно аст. Дар китоби «Гардиши девбод», ки дар оғоз зикраш рафт, вай дар қатори романи ҳамном чор қиссаю ҳикояҳои хурд ва чанд эссеяшро ҳой додааст. Вақте кас хотироту бардоштҳои нависандаро тўли ҳамнишинию ҳамкорӣ бо устодони забардасти адабиётамон Мирзо Турсунзода, Ҳалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ ва адибони чирадаст Саттор Турсун, Сайф Раҳимзод, Ҳабибулло Файзулло мехонад, дилаш аз ин ҳиссиёти саршор аз меҳру муҳаббати бепоён, шукргузорию ифтихормандӣ нисбат ба чунин инсонҳои фарзона ва адабиёт гармтар мешавад. Нависанда хидматҳои содиқонаи ин мардони майдони суханро ба ватан, адабиёту фарҳанг ва халқу миллати тоҳик бо дили гарм ва хеле самимӣ ба қалам додааст. Ва ҳатто аз бепарвоии худу ҳамқаламон нисбат ба онҳое ки барои адабиёт беминнат хизматҳои шоён кардаанд, ҳо-ҳо гила ҳам кардааст. Масалан, дар эссеи «Қуллаи Ҳалол Икромӣ» омадааст: «Аз рўи инсоф иқрор мекунам: солҳои охир мо устод Ҳалол Икромиро каме фаромўш кардаем, дар саҳифаҳои матбуот, дар маҳфилу сўҳбатҳои адабӣ асару қаҳрамонҳои эшонро аҳён-аҳён, балки хеле кам ба ёд овардаем. Дигарҳоро намедонам, вале каминаро аз ин ҳиҳат хиҳолате дунболагир мешавад…»

Ин гуна суханҳоро танҳо нафаре метавонад бигўяд, ки ҳақшиносу шукргузор аст, нисбат ба одаму олам эътимод мепарварад, дилаш ба хидмати дигарон, ба адабиёт месўзад ва мақоми сухану суханварро аз ҳама боло мегузорад. Бешубҳа аз нўги қалами чунин адиби дилу нияташ соф асарҳои хонданӣ ва мондагор пайдо мешаванд. Чунки адабиёт пеш аз ҳама дилу нияти пок ва ҳонфидоию дилсўзиро мехоҳад.

Соли 2010

Умре ҳама дар арсаи сарбозӣ ба сар бурд

Ҳар миллатро фарзандони ҳунарманду фозилаш машҳури дунё ва дар байни халқҳои дигар сарбаланд мегардонанд. То имрўз агар давлате дар арсаи байналхалқӣ мўътабар дониста мешавад, ин аз шарофати олимону адибон,

ҳунармандону варзишгарони он кишвар аст, ки эшон бо ихтироъкорию асарҳои безаволи худ дар илми муосир, соҳаи санъат, адабиёт ва ё дастовардҳояшон дар мусобиқаҳои бузурги варзишӣ парчами давлати худро баланд бардоштаанд. Аммо чӣ душвор аст чунин фарзандони фарзонаро ба дунё овардан ва зиёда аз ин ба қадри онҳо расидану ҳояш ояд, эҳтиёт кардан.

Ба қарибӣ ҳамроҳи раиси Иттифоқи журналистони ҳумҳурӣ Акбари Саттор ба аёдати Ҳунарпешаи халқии СССР Ҳошим Гадо, ки чанд муддат боз дар беморхонаи «Ёрии таъҳилӣ» - и пойтахт бистарӣ аст, рафтем. Барои ёфтани палатаи устод вақти зиёд нарафт, аввалин нафаре ки дар ҳавлии бемористон дучор омадему пурсон шудем, моро роҳбаладӣ намуд. Хурсанд шудем, ки воқиан ҳам, мардуми мо ҳунарпарвар аст ва ба аҳли ҳунар арҳ мегузорад…

Вақте ба палата ворид мешудем, чашмам ба навиштаҳоти паси дар афтод: Барои иштирокчиёни Ҳанги Бузурги Ватанӣ. Шояд мардуми бехабар гумон кунанд, ки Ҳошим Гадо иштирокчии ҳанг аст. Воқиан, вақте он ҳанг сар зад, вай ҳамагӣ чор-панҳсола буд. Аммо барои ман ва гумон дорам, ҳар нафаре ки филми «Зане аз диёри дур» - ро боре тамошо карда бошад, Ҳошим Гадо воқиан ҳам, иштирокчии ҳанг, собиқадори ҳанг аст. Зеро ӯ дар ин филм нақши асосиро ончунон табиӣ ва бомаҳорат бозидааст, ки гӯё панҳ соли дароз дар майдони Ҳанги Бузурги Ватанӣ ҳонбозиҳо карда, дар хандақҳо тапидаю хазида, бӯйи борутро шамида бошад. Бовар дорам, Ҳошим Гадо чун ҳунарманди асил ҳангоми ин нақшро офаридан ҳама даҳшату фоҳиаи ба сари мардуми шӯравӣ овардаи он ҳанги хонумонсӯзро дар мағз-мағзи ҳисму ҳонаш эҳсос карда, баъд ба лентаи кино кӯчонидааст.

Аз ҳониби дигар агар ба зиндагиномаи ин ҳунарманди нотакрор назар андозем, вай майдони набардро мемонад, ки Ҳошим Гадо сарбози ягонаи ўст.

Овони бачагии пурмашаққат, ки ба солҳои ҳанг рост омадааст, ятимию нодорӣ, зулми модари ўгай, гуруснагию побараҳнагӣ, пасон давраи донишҳӯӣ ва баъд аз хатми донишкада муборизa дар рӯи саҳнаи театр ва кино. Ҳошим Гадо ҳар як нақшро бо муборизаи шадиду беамон бо худ меофарад. Нисбат ба худ ва ҳамкорон заррае раҳм намекунад. Боре як нафар ҳикоя карда буд, ки ҳангоми ба саҳна гузоштани намоишномаи «Эдип» як нафар ҳунарманди навкор аз талаботу сахтгирӣ ва машқҳои беохири Ҳошим Гадои коргардон қариб аз пой афтида, мегӯяд

- Устод, як дақиқа иҳозат деҳ, нафас гирам.

Ҳошим Гадо дар умри сараш як бурда нон ва ё як ҳуръа обро бе талош нӯши ҳон накардааст. Умре дар набард, умре дар талош бо худу атрофиён то як асари санъат тавлид ёбад. Дар баробари ин ӯ ҳаёти басо мураккабу печидаи оилавиро аз сар гузаронида, алҳол танҳо ба сар мебарад…

Вориди палата шудем. Устод бо ҳайбати рустамона болои кат хоб буд. Ранги рӯяш зард, мӯйҳои сафедаш шонаназада, чашмонаш хаста, ба қавли худаш пас аз ҳарроҳӣ акнун ба худ омадааст. Аз ину он сӯҳбат кардем, маълум шуд, ки ба ҳуз хешону наздикон касе ба аёдаташ нарафтааст. Устод аз марги шоири машҳури рус, муаллифи Гимни СССР ва Россия Сергей Михалков, ки он шабу рӯз тамоми

васоити ахбори Россия дар бораи ў менавиштанду дар сархати барномаҳои иттилоотии телевизиониашон буд, афсўс хўрд.

Воқиан, кормандони телевизиону радиои мо метавонанд аз ҳамкасбони руси худ ибрат гиранд. Зеро онҳо ҳатто агар ягон нафар аз аҳли илму санъат ё адибони шинохтаи кишварашон дар беморхона бистарӣ шавад, ҳатман дар барномаи иттилоотиашон ин хабарро ба самъи аҳли ҳомеа мерасонанд. Аммо вақтҳои охир дар телевизиони ҳумҳури мо шоиру нависандагон ва аҳли ҳунар аз дунё гузаранд ҳам, то нафаре рафта, хоҳиш накунад, пеши худ хабаре пахш намекунанд. Вақте аз ин бобат гап рафт, устод Ҳошим Гадо розӣ нашуда, аз болои миз, ки он ҳо варақу рўзномаҳо мехобиданд, ҳафтаномаи «Азия плюс» - ро ба даст гирифта, ба як саҳифаи он ишора кард. Дар он саҳифа Вазири фарҳангӣ ҳумҳурӣ Ҳунарманди халқии СССР, раққосаи машҳур Малика Қаландароваро, ки алҳол муқими Амрикост, бо зодрўзаш табрик намуда буд...

Вақти хайру хуш устод Ҳошим Гадо ҳилди нўҳуми андешаҳои худро, ки ба қарибӣ таҳти унвони «Қу» ба табъ расида буд, ба мо тўҳфа кард. Китобро варақ зада, аз муаллиф пирсидам, ки чаро ба он чунин унвон додааст? Вай тибқи одат каме сукут карда, хастаҳолона гуфт, ки баъд мефаҳмӣ.

Мегўянд, ки қу, ин паррандаи зебои обӣ, дар садоқату вафодорӣ ҳамто надорад. Ҳатто вай дар куҳое ки бори аввал ишқ варзид, пеш аз марг ҳисми дардмандашро кашида, ба он мавзеъ мерафтааст, то суруди хайрбодашро бихонад. Аммо оё ин суруди ғамангез ба гўши қуи дигар мерасида бошад? Ва ё дар паҳнои обҳои нопайдоканор чун қатраи ашке мерезаду то ба уқёнусҳои дур меравад…

Соли 2009

Ҳусни маънӣ нагузорад, ки аз ёд равӣ

Дар ин айёми гулафшони баҳорон, ки табиат ҳама ҳо сарсабз аст, аз боғи адабиёти тоҳик дарахте ки бо шукўҳу шаҳоматаш ин боғро зеб медод, бурида шуд. 4-уми апрел теғи аҳал риштаи умри нависанда ва адабиётшиноси маъруфи тоҳик Расул Ҳодизодаро барканд.

Расул Ҳодизода аз зумраи он фарзандони барўманди шаҳри бостонии Самарқанд буд, ки баъд аз хатми факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Осиёи миёна дар шаҳри Тошканд озими пойтахти давлати тоҳикон – шаҳри Душанбе шуд ва бо нияти поку дили гарм ба хидмати адабиёти ҳазорсолаи тоҳик камари ҳиммат баст. Вай қариб тамоми умри бобаракати худро сарфи адабиёт намуд ва аз оғози фаъолияти илмию адабии худ то охири умр дар Пажўҳишгоҳи забон ва адбиёти ба номи Рўдакии Академияи илмҳои ҲТ ҳонсупорона хизмат кард: барои ба хонандаи тоҳику ҳаҳониён боз ҳам бештару хубтар шиносонидани Рўдакии бузургвор, дурахшонтар кардани тобишҳои ишқи ҳовидонаи Мавлоно Ҳалолиддини Балхӣ, аналҳақи Мансури Ҳаллоҳ, рўи саҳфа овардани дарду талошҳои Шоҳини бемор, дар муҳити тангу тор ва ҳаҳолати даврони амирӣ танҳо будани Аҳмади Дониш, хидматҳои шоёни устоди бузургвор Садриддин Айнӣ барои адабиёт ва миллати тоҳик мақола, рисола ва китобҳо навишт. Роману қиссаҳои ў аз қабили «Ситорае дар тирашаб» (аз ҳаёти Аҳмади Дониш), «Парвози Шоҳин» (аз рўзгори шоири охири қарни нуздаҳ Шамсиддини Шоҳин), «Қиссаи Мансури Ҳаллоҳ»(оид ба рўзгори ин

марди ориф) дар адабиёти муосири мо ҳамчун асари бадеӣ ва таърихи мақоми хоса доранд.

Расул Ҳодизода дар баробари фаъолияти пурбори илмию адабӣ ҳамчунин осори чандин шоиру нависандагони адабиёти классикиамонро аз қабили «Девони Рӯдакӣ», «Калила ва Димна», «Асарҳои мунтахаб»-и Аҳмади Дониш, «Девон»-и Анаварӣ, «Дафтари дикушо»-и Соиб ва ғайраҳо ба хати сирилик баргардонд то онҳое ки бо ҳуруфи ниёгон ошно нестанд, ин китобҳоро ба роҳат мутолиа кунанд. Ҳамчунин ӯ дар тарҳумаи осори адибони бузурги дунё ба монанди Виктор Гюго, Иван Тургенев, Максим Горкий ва дигарон машғул шуда, бо шоҳкориҳои ин нависандагони бузург хонандаи тоҳикро ошно намудааст.

Устод Ҳодизода ба чанд насли адабиётшиносони тоҳик ҳаққи устодӣ дорад, ки ба эшон дар роҳи расидан ба қуллаҳои илм дилсӯзона роҳ нишон додаст, нозукии ин илмро омӯзонидааст. Акнун имрӯз вақти он расид, ки ин шогирдон бо таҳлили осору эҳодиёти устоди худ мақоми хосаи ӯро дар илми адабиётшиносӣ собит созанд. Зеро мо хидматҳои ин инсони хоксор ва олими бузургро ба тавре ки мебоист, қадр накардаем. Мегӯянд, ки вай бо вуҳуди эҳоди пурмаҳсулаш ҳатто узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҳикистон набуд. Шояд меарзид, ки кайҳо ба ӯ унвони академикӣ дода мешуд.

Албатта, реҳлати чунин инсонҳо барои ҳама мардуми бедордил ҳонсӯз аст. Аммо аламовартар он аст, ки бо даргузашти устод Расул Ҳодизода боз як риштаи пайванди мо бо Самарқанд, бо ин шаҳри ормонӣ ва гаҳвораи адабиёту фарҳанги тоҳик гусаста шуд. Зеро ӯ таърихи бой ва рӯзгори басо ҳассос ва то ҳое пурошӯби чеҳраҳои шинохтаи адабию илмии моро, ки дар ин шаҳр зиндагӣ ва эҳод кардаанд, хуб мешинохт, бо бисёрашон ҳамнишин, ҳамкор ва ҳатто риштаи хешутаборӣ дошт. Ӯ то ҳое даст дод баъзе лаҳзаҳои он айёмро дар асарҳои бадеию илмӣ ва мақолаҳояш, аз ҳумла «Самарқанднома» ба қалам додаст. Ва худи устод низ, ба қавле бӯи Самарқанд мекард. Гоҳо дар кӯчаҳои Душанбе ва гоҳо дар маҳфилу нишастҳои адабӣ медидем ӯро. Бо ҳамон гуфтору рафтори ашрофона, тамкину мавридшиносӣ ва хушзеҳнии самарқандиёна басо дилкаш ва орифона сӯҳбат мекард…

Ва имрӯз чунин як инсони шариф ва олими фарзонаро аз даст додем. Ӯ фасли баҳор дар Самарқанди бостонӣ ба дунё омада, оқибат боз дар фасли баҳор дар қабристони Сариосиёи Душанбе ба хок супурда шуд. Равонаш шод ва хонаи охираташ обод бод!

Соли 2010

Сарчашмаи маънавиёт

Солҳои охир мо дар хусуси паст рафтани маънавиёт, алалхусус дар байни ҳавонону наврасон, нисбат ба якдигар бепарво, бераҳм ва бетафовут шудани одамон зиёд ҳарф мезанем. Воқиан ҳам, дар баробари дигар шудани сохти ҳамъият чунин хатар моро таҳдид дорад. Зеро арзишҳои муносибати инсонӣ, арзишҳои маънавӣ ва ҳаҳонбинии одамон тағйир ёфт. Амалу рафторҳое, ки дар таърихи начандон дур ношоиста, бад ва ҳатто гуноҳ шуморида мешуд, имрӯз сифат карда мешавад. Бадбахтона, дар бисёр ҳолатҳо қадру қимати инсон на аз ченаки маърифатнокӣ ва илму дониши ӯ, балки аз нигоҳи дороию вазифа, ғафсии ҳамёнаш ва қасру ҳавлии бодабдабааш муайян мегардад. Оҳиста-оҳиста

маънавиёт ҳойи худро ба худхоҳию чизпарастӣ ва дар маҳмӯъ ба бетарафию сангдилӣ медиҳад. Ҳисси коллективизм ва дардошноӣ дар вуҳуди одамон гум шудан дорад ва хусусан барои насли наврас он бегона аст. Ин, албатта, бисёр ҳам рӯҳияи хавфнокест.

Ин тамоюл аз куҳо сарчашма мегирад? Албатта, агар мо ба умқи ин масъала фурӯ биравем, сабабу иллатҳои бисёреро дучор меоем, ки яке аз онҳо аз китоб дур шудани одамон аст. Дар бозорҳои мо, ба андешаи банда, айни замон аз китоб беқадртар моле нест. Савдои ҳама чиз гарм аст, ба ҳуз савдои китоб. Китобро хору беқадр кардан оқибати бад дорад, зеро ягон ҳамъият бе китоб солим буда наметавонад, хоҳу нохоҳ он рӯзе ба вартаи бадахлоқию ҳиноятқорӣ фурӯ меравад. Хеле таассуфовар аст, ки дар замони мо волидайн барои ба фарзандон харидани ҳар гуна бозича ва асбобҳои гаронбаҳою қурсҳо бо сабти филмҳои гуногуни пур аз куштору фаҳш пул меёбанду барои китоб харидан дасташон меларзад.

Албатта, имрӯз мардум зиндагии худро бе техника умуман тасаввур карда наметавонанд. Алалхусус, дар тӯли даҳ-понздаҳ соли охир суръати бемайлони тараққиёти техникӣ ба чашм мерасад, ки он барои нобино низ аён аст. Ба зиндагии ҳаррӯзаи мо ворид гаштани асбобҳои гуногуни барои кору рӯзгор зарур, аз қабили телефонҳои гуногунтамғаи мобилӣ ва компютеру шабакаи умумиҳаҳонии Интернет аз як ҳиҳат кори одамонро хеле осон кард. Алҳол қариб дар ҳама мактабҳои пойтахт ва ҳатто дар бисёр дабистонҳои ноҳияҳои дурдаст компютер ҳаст. Ин иқдоми Ҳукумати ҳумҳурӣ ва Вазорати маориф ба он равона карда шудааст, ки насли наврас дар курсии мактаби миёна бо техникаи ҳозиразамон ошно шавад ва фардо барои фатҳи қуллаҳои баланди илму дониш азоб накашад.

Ин, албатта, нияти хуб ва қобили дастгирист. Аммо чизи ташвишовар он аст, ки насли наврас хондани китобро (китоби дарсӣ дар назар аст, зеро дар хусуси хондани китобҳои бадеӣ ҳоҳат ба гап нест) фаромӯш карда истодаанд. Имрӯз онҳо барои навиштани иншо ва ё донишҳӯён барои реферату кори курсӣ ва ҳатто рисолаи дипломӣ метавонанд ягон саҳифа китобро варақ назада, ба муроди дил бирасанд. Чунки дар шабакаи Интернет дар кадом мавзӯе, ки мехоҳед, садҳо иншои тайёр ҳо дода шудааст. Вақте ки шогирд дар сари мавзӯи пешниҳодшуда майна об накарда чизи тайёрро рӯнавис мекунад, ӯ на танҳо танбал мешавад, балки қобилияти фикрроиаш батамом карахту заиф мегардад. Дар оянда вай роботеро мемонад, ки бе нишондод кореро анҳом дода наметавонад. Иллати аз ҳама дардовар он аст, ки наврасону ҳавонони мо ҳамон компютер ва шабакаи Интернетро бештар ба хотири бозиҳои гуногуну тамошои аксу филмҳои фаҳш ва мукотибаҳои ба қавли худашон «ошиқона» истифода мебаранд. Ин, албатта, хеле бад ва бар зарари кор аст.

Дар марҳалаи инкишофи рӯзафзуни техника ҳавонони мо аз китобхонӣ дур шуда истодаанд. Ҳатто донишҳӯёни макотиби олӣ китоб бардошта гаштанро барои худ ор медонанд. Хондани китоби бадеӣ бошад, ба гӯшаи хаёли эшон намерасад. Кор то ба ҳое расидааст, ки донишҳӯёни факултаҳои забон ва адабиёт на танҳо асарҳои адибони шинохтаеро чун Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, Ҳалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев нахондаанд, балки бисёрашон ягон

асари эшонро номбар карда ҳам наметавонанд. Пас онҳо фардо, ки аз рӯи ихтисос бояд дар мактабҳои миёна аз забон ва адабиёти тоҷик ба хонандагон сабақ омӯзанд, чиро таълим медиҳанд?

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар чанд вохӯрии анъанавии худ бо зиёиёни кишвар ва маҳлисҳои дигар дар хусуси ҳолати ҳузновари китобхонаҳои деҳот ва мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ изҳори нигаронӣ намуда, ба масъулини соҳа супориш дода буд, ки барои бартараф кардани камбудиҳо чораҳои зарурӣ андешанд. Ҳатто ба мардум, алалхусус вазирон, роҳбарони вилояту ноҳияҳо пешниҳод намуд, ки аз ҳисоби китобҳои шахсии худ барои пур кардани фонди китобҳо кӯмак расонанд. Аммо вазъият то ҳол беҳбудӣ мехоҳад. Бисёр мудирони китобхонаҳои деҳот шикоят мекунанд, ки адабиёти бадеӣ намерасад ва мақомоти роҳбарии ноҳияву вилоятҳо барои харидани китобҳои нав маблағ ҳудо намекунанд. Ҳол он ки дар замони шӯравӣ, агарчи нархи китоб хеле арзон буду ҳар донишҳӯй метавонист аз ҳисоби идрорпулии худ моҳе се-чор китоби тозанашрро бихарад, дар буҳети ноҳияҳо ҳатман барои пур кардани фонди китобхонаҳои деҳот махсус маблағ пешбинӣ карда мешуд ва ихрои он барои ҳамагон ҳатмӣ буд. Мегӯянд, ки чанд сол пеш ин қисмати буҳетро тамоман барҳам додаанд.

Масъалаи дигаре, ки имрӯз боиси ташвиш аст, ин аз байн рафтани магазин ва дӯконҳои китобфурӯшист. Солҳои ҳаштодуми асри гузашта фақат дар хиёбони Рӯдакӣ (собиқ хиёбони Ленин)–и пойтахт ҳафт-ҳашт магазини китобфурӯшӣ фаъолият дошт. Ҳама китобҳои тозанашр ба воситаи муассисаи савдои китоб ба ин магазинҳо фиристода мешуд. Чӣ хеле дар аввал гуфтем, баъд аз супориши Президенти кишвар ва раиси шаҳри Душанбе чанде аз ин магазинҳои китоб, ки дар солҳои нооромии навадум ба магазинҳои хӯрокворию арақфурӯшӣ ва либосворӣ табдил дода шуданд, аз нав ҳамчун дӯкони китоб дари худро ба рӯи харидорон боз карданд ва навиштаҳоти пештоқи худро низ тағйир доданд. Аммо фурӯшандагони корчаллон бо баҳонаи китоб харидор надорад, оҳиста-оҳиста онро ба магазини молҳои конселяриӣ ва фурӯши қурсу таҳҳизоти компютерӣ табдил дода истодаанд. Барои фиреби назар дар як гӯшаяке чанд китоб мегузоранду халос. Онҳо ба ҳойи тарғиб кардани аҳамияти китобхонӣ ва қадри баланди китоб дар пеши ҳар як харидор даҳони шикоят боз мекунанд, ки дӯкони китобро нигоҳ доштан ба ҳуз зарар чизе намеорад. Бинобар ин ҳукуматро лозим аст, ки ҳама магазинҳои китобро давлатӣ кунанд ва фурӯшандагони он аз ҳисоби давлат маоши муайян бигиранд. Дар баробари ин, шахсони доро ва сарватмандонро лозим аст, ки барои ояндаи фарзандони худ, пешрафти ҳумҳурӣ ва солимии миллат дар нашр ва паҳн намудани китоб ва бунёди китобхонаю дӯконҳои китобфурӯшӣ саҳм бигиранд. Зеро ҳеҳ гуна компютеру дигар техникаи ҳозиразамон, ки барои омӯзиш истифода карда мешаванд, ҳойи китобро гирифта наметавонанд.

Барои ҳеҳ кас пӯшида нест, ки мутолиаи китоб заҳмат металабад ва насли наврас, талабагону донишҳӯён нисбат ба мутолиаи китоб тамошои филм, кор бо компютер ва ғайраҳоро авло медонанд. Чунки он заҳмат наметалабад, осон аст. Аммо ба ҳуз китоб ҳеҳ чиз дониши мукаммал дода наметавонад. Он мисли дили

гармест, ки хонанда дар баробари онро дар даст доштан чизи хондаашро низ ба дил наздик қабул мекунад. Ба андешаи ман китоб вуҳуди зинда аст, дилаш метапад, чашмаш мебинад, нафаси хонандаро эҳсос менамояд. Беҳуда шоирон онро аниси кунҳи танҳоии инсон наномидаанд. Инсон дар тўли қарнҳо маҳз китобро ҳамдаму ҳамрози худ қабул кардааст.

Нависандаи бузурги фаронсавӣ Флобер менависад: «Инсон бояд ба накўкорӣ маҳбур карда шавад». Фикри дуруст аст. Зеро хилқати инсон чунин аст, ки ҳамеша роҳи осонро меҳўяд. Некӣ кардан бошад, душвор аст, заҳмат металабад, азоб мехоҳад. Имрўз, дар асри бисту як, яъне асри техника ва кашфиётҳои бузурги техникӣ оҳиста-оҳиста меҳру оқибати байни инсонҳо аз байн рафтан дорад. Инсон, ин офаридаи басо мураккаби Парвардигор худпарасту худхоҳ шудааст. Дигар одамон ба якдигар дасти мадад дароз кардан намехоҳанд, ба ғами дигарон шарик намешаванд. Зеро гумон мекунанд, ки бе имдоди якдигар низ рўзашон мегузарад. Чӣ иштибоҳе! Аз худхоҳию худпарастӣ то ҳоҳилию бераҳмӣ як қадам аст. Чунин хислатҳои пасти инсонӣ аз бетарафию худпарастӣ маншаъ мегирад. Таърихи башар борҳо собит кардааст, ки аз китоб рў гардонидан, маънавиётро зери по намудан, ба ҳирси молу манол гаравидан ба сари одамон чӣ рўзҳои сахт ва бадбахтиҳо овард. Имрўз кишварҳои пешрафтаи ҳаҳон, онҳое, ки тараққиёти техникаро ба авҳи аъло расонданд, дар чоҳи бемаънавиётию батарафӣ нисбат ба якдигар буғӣ шуда истодаанд. Сарчашмаи маънавиёт бошад, пеш аз ҳама китоб аст.

Соли 2010

Лаҳзаҳое ки касро бетараф намегузоранд…

Солҳои пешин дар хусуси бурду бохти насрамон чи мунаққидону чи хонандагони сахтгиру нуктафаҳм фикру андешаҳояшонро холисона мегуфтанд ва ин кор то ҳое ба ҳукми анъана низ даромада буд. Он солҳо ҳар як асари тозаэҳоди нависандагон аз назари мунаққидон пинҳон намемонд. Ин, албатта, ба фоидаи адабиёт ва пеш аз ҳама адибони ҳавон буд. Аммо, мутаассифона, тайи чанд соли охир, бахусус баъд аз нооромиҳои солҳои навадум дар ҳумҳуриамон ба вуқўъпайваста, ки дар баробари дигар соҳаҳо ба рушди адабиёт низ таъсири манфӣ расонд, нақди адабӣ хеле заиф шуд. Дигар ҳар кас медонисту дави аспаш. Маҳз ҳамин боис гашт, ки ба ҳойи адабиёти асил асарҳои хому хатал рафҳои китобро пур карданд ва чун намунаи адабиёт ба хонанда пешкаш ва дар бисёр маврид зўран бор карда шуданд. Бо вуҳуди ин берабтиҳо дар ин айём ба майдони адабиёт, аз ҳумла наср, якчанд чеҳраҳои нав пайдо шуданд, ки бо асарҳои худ ба қадри ҳол ба рушди адабиёти муосир ҳисса гузоштанд. Аммо то имрўз навиштаҳои эшон на аз ҳониби мунаққидон ва на аз тарафи адибони ботаҳрибаю ҳамқаламони нисбатан ҳавонтари онҳо дилсўзона, беғаразона ва мўшикофона таҳқиқ нашудаанд. Ин, албатта, бад аст.

Мо аз таърихи на чандон дури адабиётамон хуб медонем, ки устодони бузурги насрамон аз қабили устод Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, Ҳалол Икромӣ, Пўлод Толис, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигарон бо вуҳуди пуркории худ навиштаҳои ҳамқаламону шогирдони худро хонда, бо як дилсўзӣ барои

пешрафти кори эшон ва пухтаю хонданӣ шудани асарҳояшон андешаҳои худро рӯи коғаз оварда, ҳояш ояд камбудиҳояшонро фошофош гуфта, барои ислоҳашон маслиҳатҳо додаанду ба комёбию навхӯиҳояшон офаринҳо хондаанд ва ба ин васила дар рушди адабиёт саҳми босазо гузоштаанд. Зеро беҳуда нагуфтаанд:

Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,

Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад.

Вобаста ба ҳамин дар ин навиштаи худ мехоҳам дар хусуси китоби нави ҳамқаламам Абдуғаффори Абдуҳаббор баъзе андешаҳои худро иброз намоям.

Абдуғаффори Абдуҳаббор, бо вуҳуди он ки каме дертар, яъне дар синни сивупанҷсолагӣ ҳиддан ба навиштани асарҳои бадеӣ шурӯъ кард, яке аз адибони пурмаҳсули даврони истиқлол ба шумор меравад. Вай то ба имрӯз қариб даҳ китоби очерку ҳикоя, қиссаю асарҳои саҳнавии худро нашр намудааст. Ҳамчунин Абдуғаффори Абдуҳаббор ба ҳайси корманди Телевизиони Тоҷикистон чанд барномаи телевизионӣ, филмномаҳое аз рӯзгори ахтарони илму адаб ва санъаи тоҷик Сотим Улуғзода, Муҳаммад Осимӣ, Маҳмудҳон Воҳидов, Лоиқ Шералӣ, Фаррух Қосимов, Толиб Шаҳидӣ ва дигарон таҳия намуда, хизматҳои бебаҳои ин фарзандони фарзонаи миллатро барои ҳамватанон ва ҳаҳониён муаррифӣ кард. Ҳамчунин вай беҳтарин асарҳои адибони номии дунёро ба забони тоҷикӣ тарҷума намуда, барои насими тоза бахшидан ба ин шохаи адабиёт, ки солҳои охир рӯ ба таназзул ниҳодан дорад, ҳисса гузошт.

Китоби «Лаҳзаҳо» - и Абдуғаффори Абдуҳаббор, ки онро нашриёти «Деваштич» ба табъ расонд, аз чор қисм ба ҳам омадааст. Қисми якум аз ҳикояҳои хурд иборат буда, «Лаҳзаҳо» ном дорад. Дар бахши «Падари Мирзо» резаҳикоёт ва дар қисми сеюм қиссаҳои «Куҳоӣ ту, аё мақсуди дастнорас», «Барфи охирин» ва дар қисми чорум асарҳои драмавии «Сӯҳони қазо», «Масал бигӯ, Эзоп» ҳой дода шудаанд.

Азбаски асарҳои маҳмӯа гуногунжанранд ва баъзеашон қаблан дар шакли китоби алоҳида нашр шуда буданд, ман алҳол мехоҳам дар хусуси қисми аввал, яъне «Лаҳзаҳо», ки дар эҳодиёти нависанда падидаи нав аст, андешаҳоямро баён созам.

Қисми мазкур қариб аз сӣ ҳикояҳои хурд, ки бештар муаллиф аз таҳрибаи рӯзгору дидаю шунидаҳо ва мушоҳидаҳояш дар ҳаёти ҳаррӯза баҳра бардошта, ба гуна-гуна хӯю хислати инсонҳо дар лаҳзаҳои мухталифи зиндагӣ ҳомаи бадеӣ пӯшонидааст.

Нависандаи тавони рус Антон Чехов мегӯяд, ки «Кӯтоҳбаёнӣ хоҳари истеъдод аст». Аммо чи мушкил аст мохро дар қатрае ғунҳондан. Бо вуҳуди ин Абдуғаффори Абдуҳаббор тавонистааст ба қадри ҳол гапи худро дар ин ҳикоёти хурд равшану фаҳмо бигӯяд, то хонанда зимни мутолиа баҳрае бардорад. Ҳикояҳои мазкур, ки аз ду – се саҳифа иборатанд, мусаввараро мемонанд. Дар онҳо рангҳо ба меъёр ва хеле мутаносиб омадаанд. Нависанда як воқиаи хурду дар назари аввал оддиро ба тасвир гирифта, мисли рассоми чирадаст ҳар як рангро равшану зебо ва дар ҳояш ба кор бурдааст.

Дар бештари ҳикояҳо («Тути бобоӣ», «Фоҳиа», «Дар арафаи баҳор», «Хотираи бачагӣ», «Сангпушт» ва ғайраҳо) муносибати инсон ба табиат дар ҳолатҳои

гуногун бисёр мўъҳаз, нишонрас, хотирмон ва андаке риққатовар ба тасвир гирифта шудааст. Нависанда хуб медонад, ки инсон танҳо дар ҳамоҳангӣ бо табиат метавонад орому осуда ба сар барад. Аммо агар ин таносуб вайрон шавад, инсон хоҳу нохоҳ рўзе ба фалокат мепечад. Воқиан, имрўз масъалаи экологӣ дар байни сокинони сайёра ба яке аз проблемаҳои муҳиму ҳалталаб табдил ёфтааст ва беҳтарин олимону сиёсатмадорон дар роҳи ҳалли он ҳамвора заҳмат мекашанд. Абдуғаффори Абдуҳаббор низ чун адиб ва як инсони бедордил аз ин масъала дар канор будан наметавонад. Дили вай ба ҳар як ниҳол, қатраи оби равон, ҳонваракони безабон, ки ҳама дар маҳмўъ як ҳузви табиати зебоянд, месўзад. Масалан, дар ҳикояи «Хотираи бачагӣ» нависанда марги тўласагеро, ки аз дасти бачаҳои даҳ – дувоздаҳсола бераҳмона кушта мешавад, бисёр муассир ба қалам дода, дар марги ин ҳонвари безабон гунаҳкор будани худро низ махсус таъкид мекунад:

«Занед!

Сангу кулўх бар сари сагбачаи овезон париданд. Доду шавқуни мо, бачаҳои кўча ва шояд илтиҳою таваллои сагбачаро шунида, очаи Сангин аз хонааш баромад. «Ҳой шумбачаҳо! Бар падаратон лаънат, аҳлатонро хўрдед магар?»

Ҳасади сагча лаппиш мехўрд. Бачаҳои даҳ-дувоздаҳсолаи деҳаи Ҳар рост меистоданд.

Ман ҳам байни онҳо будам».

Бубинед танҳо дар як ҳумлаи охирин ҳам оҳанги афсўсу надомат ва ҳам дарду ғам, ҳам дасткўтаҳӣ ва аз ҳама муҳимаш оҳанги пушаймонӣ садо медиҳад.

То ҳое ки банда Абдуғаффорро мешиносаму мушоҳида кардаам, вай бисёр ҳам инсони ҳалим, оромтабиату нармгуфтор ва хоксор аст. Ин хислатҳои ў ба таври возеҳ дар «Лаҳзаҳо» аён мешаванд. Зеро чи тавре ки дар оғоз гуфтем, муаллиф ҳамаи он лаҳзаҳои муассири зиндагиро ё ба чашми худ дидааасту дарк кардааст ё зарра-зарра онҳоро аз рафтору гуфтори одамон ҳамъ оварда, ба риштаи тасвир кашидааст.

Мавзўи дигаре ки дар «Лаҳзаҳо» мавқеи муҳим дорад, меҳру муҳаббати инсонӣ аст. Ин мавзўи ҳовидонаи санъат як умр дилҳои ҳассосро ба тапиш оварда, ҳеҳ нафари солимаҳлро бетараф намегузорад. Алалхусус дар асри бисту як, ки дар байни одамон, ҳатто волидайну фарзандон, хислатҳои ҳамидае чун меҳру муҳаббат, раҳму шафқат, некию накўкорӣ ва дилсўзию ҳамдардӣ коста шудаанд, масъалаи мазкур бештар инсонҳоро ба ташвиш меорад. Абдуҳаббори Абдуғаффор дар чанд ҳикояҳои хурд коста гардидани меҳру муҳаббатро дар байни падару писар ва хоҳару бародар устокорона ба қалам додааст.

Дар ҳикояи «Дастархон» фарзанди калонии хонадон, ки умраш ба ҳаштод расидааасту баъд аз сари падар хоҳарону бародаронашро сарпараст шуда, ба камол расонидааст, соҳиби касбу кор ва хона кардааст, худро ба беморӣ андохта, ҳамаро дар ҳавлии худ ҳамъ меорад ва вақте бародари шаҳриаш низ расида меояд, аз «бистар»-и беморӣ бархоста, маъзарат хоста меғўяд:

« - Бубахшед, ин ягона илоҳи ҳар як шуморо дар як вақт сари як дастархон ҳамъ овардан буд. Чанд сол боз ин гуна рўзро интизор мегаштам. Хушбахтона иди аҳоиб тўҳфа кардед. Зиёфату гўсфанд ҳам ба ҳамин хотир аст».

Хулоса, дар «Лаҳзаҳо» нависанда тавонистааст, ки хислату рафтори ҳамзамонони моро бо мисолҳои мушаххас тасвир намояд. Умед аст, ки хонандагон пас аз мутолиаи ин ҳикояҳои хурд барои худ маънии мебардоранд ва лаҳзае дар хусуси рафтору гуфтори худу атрофиён ба андеша мераванд. Агар ҳар адиб бо навиштаҳои худ хонандаро ба ин амал водор кунад, пас вай рисолати нависандагии худро дар назди адабиёт каму беш ба ҳо овардааст. Зеро вазифаи адабиёт одамонро ба андеша водор кардан аст.

Соли 2008

Духтари зебои наср

Ҳар гоҳе сухан дар хусуси симои мардона доштани шохаи насри адабиётамон, яъне аз байни ҳинси латиф хеле кам будани нависандагон меравад, беихтиёр шодравон Муаззама Аҳмадоваро ба ёд меорам, ки бадбахтона аз байни мо ҳавон рафт. Мисли барқе дурахшиду чанд саҳфаеро аз насри муосири мо равшан кард ва зуд нопадид гашт. Аз ӯ танҳо як китобе ёдгор монд таҳти унвони «Соҳиби аспи сафед». Ҳар гоҳ ин китоби ҳаҳман хурдро ба даст мегираму мутолиа мекунам, ба назарам он булӯреро мемонад софу покиза ва ҳарангосӣ, сурудеро мемонад басо оҳангаш дилкаш, боғеро мемонад муаттар аз гулу майсаю сабза. Мегӯянд, ки Муаззама ҳарчанд риштаи ҳуғрофияи Донишкадаи Хуҳандро хатм карда бошад ҳам, аз хурдӣ шеър менавиштааст. Шояд аз ҳамин сабаб насраш чун шеър ҳаззобу дилкаш ва хушоҳанг аст. Хаёлам аз ҳар ҳарфу ҳиҳои он симои духтари ошиқ рӯ мезанад, оҳанги ишқу муҳаббату дӯстдорӣ шунида мешавад. Чашми вай дар роҳи ёр, дилаш беқарор, табъаш гоҳе болидаю гоҳе хира, хотираш гоҳе ҳамъу гоҳе парешон.

«Духтарак бошад ҳамвора хобҳои ғалатӣ медиду ғарқи хаёлҳои ширин ба оина нигоҳ мекард. Нигоҳ мекарду намешинохт худро. Ба шигифт меомаду дилаш моломоли суруд мегашт. Суруд мехонду рӯймолча медӯхт… Боз рӯймолча медӯхту суруд мехонд. Ба васфи замини сабзу осмони кабуд, ба васфи офтоби рахшону моҳтоби тобон, ба васфи гулу сабзаҳои хушбӯву мурғакони хушрӯ, ба васфи одамон, одамони меҳрубон буд суруди ӯ». («Рӯймолчаи сари девор»)

Баъзан фикр мекунам, ки бояд бонуи насрнавис ҳамеша ҳамин тавр, ба ҳамин оҳанг, шоирона, ошиқона, бо дили саршор аз меҳру муҳаббат ҳикоя, повест ва романҳо нависад. Аммо сар то по ба ин оҳанг роман навиштан корест муҳол. Ҳеҳ наметавонам тасаввур кунам, ки дурдонаҳои насри ҳаҳонӣ «Ҳанг ва сулҳ», «Ҳиноят ва ҳазо», «Дон Кихот»-ро зан навишта бошад. Чунки дили нозуки зан наметавонад ин қадар воқиаю ҳангу ҳидол, куштор ва муҳорибаю задухӯрдҳоро дар худ биғунҳонад ва зиёда аз ин онро рӯи коғаз биёрад. Зеро занон зебопарастанд ва мехоҳанд зебоиро тараннум кунанд.

Ва Муаззама низ шояд дар нахустин мақолаю лавҳаҳояш дар нашрияҳои «Занони Тоҳикистон», «Садои Шарқ», «Адабиёт ва санъат»(пеш аз марг корманди ҳамин ҳафтанома буд), «Комсомоли Тоҳикистон» ва вақте бори аввал ба нияти ҳикоя навиштан ба даст қалам гирифт, ин рисолати занонаи худро дар ин ҳода ба хубӣ дарк намуда, воқиан ҳам, ҳикояҳои ҳолиб навишт. Агарчӣ ба висоли ёр нарасид, аммо онро бо як меҳру муҳаббати хос тараннум кард, ки ҳеҳ як духтари

ба висол расидаю шаҳди муҳаббат чашида наметавонад онро чунин зебою дилкаш тасвир бикунад. Вай розу ниёз, дарду алам ва орзуҳои ниҳони духтари тоҳикро дарк карда, хеле моҳирона ба риштаи тасвир бикашид.

«Баъзан ҳавон тарафи духтар менигарист, ҳамчунон малеҳ менигарист, ки дили духтар дигар гўё дар синааш намеғунҳид. Вай менигаристу лабханди ҳонситоне мезад. Дар чеҳраи сабзина ва чун нигоҳаш ҳиддии вай ин лабханд мисли барқе дар шаби тор медурахшид. Ва аз шўълаи он гўё олам ҳама як лаҳза нурбор мегашт» («Соҳиби аспи сафед»).

Агар Муаззама то имрўз барҳаёт мебуд, шояд ошиқиҳои ҳавонони имрўзаро дида, ангушти ҳайрат мегазид, дили нозукаш ба фарёд меомад, қаламаш аз тасвир боз мемонд. Зеро вай ишқро мисли ҳамсолони худ дигар хел мефаҳмиду дарк мекард ва онро ҳамон тавр зебою покиза мепарастиду васф менамуд.

Дар ҳикояҳои Муаззама қаҳрамони ба истилоҳ манфӣ низ зебост, зеро нависанда ба ў хайрхоҳ аст. Яке аз қаҳрамони ў – духтараки ошиқ агарчи дигареро дўст медораду ҳавони хирае бехабар аз дили ў аз дунболаш медавад, ўро на ба мисли духтарони ошиқ, ки одатан бо суханҳои дурушт аз сари роҳашон дур кардан мехоҳанд, балки бо як назокату латофат аз худ дур мекунад.

«… Ману он ҳавони фарохкитф ба манзилам мерасем. Ёди Ту намегузорад, ки ман варо ба хонаам хонам. Вай дар бари роҳ мемонад. Нигоҳи хоксораш гўё интизор аст. Вале чиро, киро? Ман инро намедонам. Шояд вай Баҳорро интизор аст. Шояд… Вале ҳанўз барфҳо об нашудаанд. Ҳанўз осмон пурабр асту бод нолон, ҳанўз дар сари кўҳ лолаҳо надамидаанд, ҳанўз ба лаби ҳўй сабзаҳо нарасидаанд. Вай бошад ба хаёлҳо фурў рафта нигарон асту нигарон. Шояд вай бехабар аз он ки куҳое дари хонаи духтар боз асту ҳояш дар дили ў холист? Дилам хоҳад, ки ин дам гўям: Бирав, эй ҳавон, бо дасти тиҳиву дили пур роҳи хонаи духтар бигир. Он ҳо аз нафасҳоят баҳор дамаду аз лабхандҳоят гулҳо шукуфанд. Бирав, эй ҳавон, бо дасти тиҳиву дили пур қадам бар остони духтар бигузор. Худро ба оғўши шодиҳо бизан! Он гоҳ Баҳор хоҳад расид, он гаҳ садбаргҳои орзуву ормон хоҳанд шукуфт.

Вале ҳои ҳамаи ин бо лабханди ҳасратолуд пичиррос мезанам: Шод бош!

Бигузор шод бошад!» («Афсона»).

Ҳамзамон аз ин сатрҳо садои дили покизаи духтараки ошиқ ба гўш мерасад, ки мехоҳад дар рўйи замин ягон кас танҳо набошад, ягон ошиқ ноумед нашавад, ашки ҳасрат нарезад, дар рўи замин танҳо оҳанги ишқу шодию нишот танинандоз бошад. Аммо ҳойи афсўсу вовайлост, ки маллифи ин гуна сатрҳои зебо дар роҳи зиндагӣ ҳуфти худро наёфта, зуд ва танҳо гузашт. Диле бо дили ў, ки дар он ба бухлу кина ва рашку ҳасад ҳо набуд, саривақт ҳамнаво нашуд. Аммо боз худро тасаллӣ медиҳам, ки охир, барои ба ин гуна дил ҳамнаво шудан қалби аз он зебою ҳассос ва покизатар доштан лозим, қалбе ки ба он ҳамоҳанг ва мавзун бошад. Оқибат дили нозуку ҳассоси ў аз ноадолатиҳо, дуруштгуфториҳо ва бедард сухан гуфтану навиштани баъзе ҳамқаламонаш хунук шуду ҳама ҳамкоронашро ба хонаҳояшон гусел кард ва мисли қуи зебо дар утоқи кориаш шабона, танҳо худашу мизи корӣ ва қалам, ки ошиқи он буд, бо ин дунёи фонӣ падруд гуфт.

Оре, дили дардошно ва софу ҳассос дошт Муаззама. Аз рафтани ӯ гӯё як тори насри мо канда шуд, савте аз он ноҳӯр гашт. Чи хеле ки устод Бозор Собир дар сӯги Муаззама сурудаанд:

Гуфтам ба худ, ки риштаи нуре бурида шуд,
Сандуқчаи тиллоии ҳарфу ҳиҳо шикаст.

Ёдаш ба хайр!

Соли 2009

Муаллимро хор кардем

Ҳар сол дар арафаи соли нави таҳсил мактуби як нафар омӯзгоре аз ноҳияи Айнӣ ба ҳафтаномаамон ёдам меояд. Он муаллими мактаби миёна дар номаи худ бо сӯзу гудоз навишта буд, ки ӯ ҳангоми таътили тобистона, бинобар душвор будани рӯзгор, маҳбур шуд дар хонаи шогирди собиқаш ба мардикорӣ машғул шавад, то барои худу фарзандонашро ба соли нави таҳсил тайёр кардан каме маблағ ба даст орад. Муаллими азиз бо алам таъкид мекард, ки он шогирдаш дар мактаб ба қавле аз талабагони кӯрсавод буд, аммо имрӯз ба кадом роҳе бой шудааст ва барои сохтани қаср одамони зиёдеро киро мекунад. Мазмуни номаи омӯзгор ва дарду алами вай аз он буд, ки чаро имрӯз дар ҳомиаи мо қадру манзалати омӯзгор рӯ ба пастӣ рафтан дорад, заҳмати сангини ӯ ба таври лозим қадр ва ҳаққи хизматаш шоиста пардохт карда намешавад?

Воқиан ҳам, ин савол боиси таваҳҳӯҳ ва андеша кардан аст. Имрӯз масъалаи мазкур бояд на танҳо худи муаллимону вазорати маориф, балки тамоми ҳомиаро ба ташвиш оварда бошад. Охир муаллим тарбиятгари ҳомиа аст. Вай аз раису вазиру муҳандис то деҳқону коргарро савод омӯзондааст ва ҳамагон бояд дар пеши вай мадюн будани худро дар хотир дошта бошанд. Мардуми мо аз қадим мақому манзалати омӯзгору устодро хеле боло гузоштаанд. Агар эҳодиёти уламою удабои гузаштаамонро варақ занем, барои тасдиқи ин фикр ҳазорҳо мисол овардан мумкин аст. Классикони адабиёти мо гуфтаанд, ки бе омӯзгор рӯзгор ҳатман аз бехирадӣ тираю тор мешавад, мардум ба дарёи ҳаҳолат ғӯта мезананд. Ва ҳамзамон ҳаққи устодро аз падар беш донистаанд.

Устод Айнӣ низ барои тасдиқи фикрҳои боло овардаанд, ки падари эшон дами вопасин писари худро насиҳат кардаанд, ки дар оянда қозӣ ё ягон амалдори дигар нею мударрис, яъне омӯзгор шавад. Зеро омӯзгор барои аҳли башар кори хайрро ба анҳом мерасонад ва ба тарбияи фарзанди инсон машғул мешавад, нони ҳалол меҳӯрад..

Михаил Калинин дар хусуси мақом ва вазифи муаллим андеша ронда, навиштааст: Муаллимон бояд нафарони аз як ҳиҳат воқиан ҳам, соҳибмаълумот ва аз ҳониби дигар ниҳоят поквиҳдон бошанд. Зеро поквиҳдонии муаллим – ин хислати ба маънои томаш озода – ба кӯдакон на танҳо таъсири хуб мегузорад, балки намунаи ибрат мешавад, ба ҳаёти ояндаи онҳо таъсири амиқ боқӣ мемонад.

Оё мо имрӯз то кадом андоза муҳим будани пешаи муаллимиро дар ҳаёти ҳаррӯза ва ояндаи миллату давлатамон дарк кардаем? Агар дарк карда бошем, чаро соҳаи маорифи мо ба қавли мардум бо ҳарду по мелангад? Ба андешаи банда яке аз сабабҳои асосии паст рафтани таълиму тарбия дар мактабҳои миёна ва олӣ

ин қадр накардани хизмати сангини омӯзгорон аст. Ва ҳама бадбахтию қафомондагии соҳаи маориф, аз ҳумла ришваситонӣ дар мактабҳои олӣ ва аз талабагон тамаъ кардани муаллимони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ аз ҳамин ҳо сарчашма мегирад. Кор то ба ҳое расидааст, ки муаллим дар назари аҳли ҳомеа ба як нафари муттаҳаму порахӯр ва талбанда табдил ёфтааст. Ҳатто мақомотҳои давлатӣ низ ба ин назаранд. Масалан, бинобар гуфти роҳбари Оҳонси муборизa бо фасоди Тоҳикистон Вазорати маорифи кишвар фасодзадатарин ниҳоди ҳукуматӣ аст. Ин ниҳод дар давоми шаш моҳи соли ҳорӣ сию шаш ҳиноятро дар вазорати номбурда ба қайд гирифтааст, ки онҳо амали фасод унвон гирифтаанд. Аз ҳумла, ҳафт нафар устодони донишгоҳҳои ҳумҳуриамон бо ҳурми ришваситонӣ боздошт шудаанд. Бовар кунед, агар ҳомеаи мо дарҳақиқат аз ҳар ҳиҳат солим мебуд, ин хабар боиси сару садоҳои зиёд мегашт. Охир кори таълиму тарбия шӯхӣ нест ва ҳар ҳомиае ки онро ҳиддӣ қабул намекунад, солим буда наметавонад. Аммо сад афсӯс, ки ба истиснои чанд нафар рӯзноманигорон, ин айбмонӣ боиси баҳсу мунозира ва нигаронӣ нашуд.

Дар асл ин амали номатлуб дар байни устодон ҳой дорад ва ин, албатта, боиси ташвишу коҳиш ва афсӯсу надомат аст. Аммо мо бояд як бор сари он андеша кунем, ки чаро тайи даҳсолаҳои охир соҳиби чунин муқаддастарин пеша ба ин амали нангин даст мезананд? Ва барои пешгирӣ кардани он мо чӣ бояд бикунем ва то имрӯз бояд чӣ корҳоро анҳом медодем? Оё маоше ки омӯзгор, алалхусус муаллимони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ мегиранд, ба рӯзгорашон мерасад то эшон бо хотири ҳамъу дасту дили гарм ба тарбияи фарзандони мо машғул шаванд? Вақте ба мураххасии меҳнатӣ мебароянд, мисли он муаллиме, ки дар оғоз зикр кардем, дар таги дари мардум ҳаммолӣ накунанд ва ё ба Русия мардикорӣ нараванду мисли бисёр соҳибмансабону тоҳирон дар ягон осоишгоҳ ё ақаллан дар назди зану фарзандони худ истироҳат кунанд ва ба қавли мардум дами беғам бизанад.

Албатта, имрӯз он устодоне, ки дар гимназияву мактабҳои хусусӣ кор мекунанд, ба ҳар ҳол маоши хуб мегиранд. Зеро таълим дар ин муассисаҳо пулакӣ аст, ки онро волидайни хонандагон мепардозанд, то фарзандашон дониши хуб бигирад. Ин ягон ҳойи бадӣ надорад, бигузор чунин муассисаҳои таълимӣ низ бошанд. Аммо гап сари он аст, ки ба он сатҳи зиндагие ки бештарин мардуми кишвари мо доранд, қисми зиёди мардум наметавонанд чунин маблағро бипардозанд. Пас вазифаи давлат аст, ки маоши омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти ҳамагониро боло бубарад. Бигузор харҳи дигар соҳаҳоро кам кунад, аммо муаллим бояд маоши хуб бигирад. Нависандаи бузурги рус Антон Чехов ҳанӯз дар охири қарни нуздаҳ аз сатҳи пасти маориф дар Русия ва ҳолати хорию залилии муаллимони деҳоти кишвараш хуни дил шуда, ба ҳамтои худ Максим Горкий бо сӯзу гудоз гуфтааст: «Аламовар аст, ба нафаре ки халқро бояд тарбия кунад – шумо мефаҳмед? – халқро тарбия кунад, чунин як маоши ночиз медиҳанд. Ҳеҳ гоҳ роҳ додан мумкин нест, ки ин одам бо либосҳои ҳанда гардад, ҳангоми дарс дар мактабҳои сарду намнок аз хунукӣ биларзад… Нафратовар аст ин кор… таҳқир аст нисбат ба нафаре ки ба чунин як касби беҳад муҳим машғул аст…»

Ин манзара баъди зиёда аз як аср барои мардуми мо шинос аст. Он иззату икроме ки муаллимон замони шӯравӣ, ҳатто дар дурдастарин деҳоти ҷумҳурӣ, бархурдор буданд, кайҳо аз даст додаанд ва дар бисёр маврид номи мубораки «муаллим» боиси писханду хандахариш шудааст, ки ин боиси афсӯс аст. Таърих бисёр ёд дорад, давлатҳо дар давраҳои душвортарини ҳаёти худ низ соҳаи маорифро дар мадди аввал гузоштаанд, то ин соҳа ба сатҳи паст наравад. Дур намеравем, замони шӯравиро ба ёд биёред, ки давлат нисбат ба ин соҳа то кадом андоза ғамхорӣ мекард. Беҳуда он солҳо обрӯю эътибори муаллимон боло нарафта буд. Ҳатто дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки мубориза бо фашистони хунхор барои ҳаёту мамоти мардуми Шӯравӣ мерафт ва душман дар остонаи пойтахти шӯроҳо – шаҳри Маскав қарор дошт, ҳукумат қарор кард, то муаллимон ба фронт даъват карда нашаванд ва агар нафаре аз онҳо дар майдони ҷанг бошад, бояд ҷавоб дода шавад. Ин қарор ба хотири аз таълим дур намонади насли наврас буд. Қарори мазкур дар оянда дуруст будани худро собит кард ва дар барқарор намудани вайронаҳои ҷанг дар муддати кӯтоҳ ва бунёди иншоотҳои азим, ки назирашон дар ҷаҳон набуданду барои ба кишвари абарқудрат табдил додани Иттиҳоди Шӯравӣ мақоми махсус доштанд, нақши ҳалкунанда бозид.

Кишвари Ҷопон баъд аз мағлубият дар Ҷанги дуюми ҷаҳон, ки амрикоиҳо ба ду шаҳри ӯ бомбаи атомӣ партофта, хокашро бехтанд, ислоҳоти аввалинро аз маориф оғоз кард. Асоси ислоҳоти соҳаи маорифи ҷопонҳоро ҳарчанд модели амрикоӣ ташкил медод, аммо онҳо арзишҳои анъанавии маорифи худро аз даст надоданд. Он солҳо, алалхусус баъди соли 1952, давлат қисми зиёди буҷаи харобашро ба соҳаи маориф равон намуд, то он ҳарчӣ тезтар рушд бикунад. Натиҷаи он имрӯз ба ҳамагон маълум аст, Ҷопон яке аз кишварҳои тараққикардаи дунё ба шумор меравад. Аҷибаш он аст, ки соҳаи маориф дар ин кишвар ҳам аз тарафи ҳар оила ва ҳам аз ҳониби ҳомеа ва ҳам давлат як хел парастиш карда мешавад. Аз ҳама аҷиб ва барои занону модарони мо ибратомӯзаш он аст, ки модарони ҷопон ҳама чизро қурбон мекунанд то фарзандашон маълумоти хубу беҳтар бигиранд. Дар шароите ки зиндагии қисми зиёди ҷопонҳо дар як сатҳ қарор дорад (72% сокинони кишвар худро ба синфи миёна мансуб медонанд ва даромади якхела доранд) маълумотнокии фарзандон – ягона чизест, ки модарон байни ҳам мусобиқа мекунанд. Барои модарони мо бошад, либосҳои гароннарху тиллохарӣ ва мошину тӯйҳои бодабдаба маҳаки мусобиқа аст. Баъд аз куҳо ин миллат рушд кунад, аз куҳо муаллим соҳиби обрӯ гардад? Барои бисёр модарон аз муаллим дида, як савдогари бозор азизу мӯътабар ва дар давраҳояшон бологузар аст. Ин ҳарчанд талх аст, аммо ҳақиқати рӯзҳои мост. Бадии кор дар он ки ҳинси латифи мо пушт ба пушт дар ҳамин рӯҳия тарбия ёфта истодаанд ва то имрӯз дар байни волидайни мо андешаи ғалатӣ «Духтар чию хонданаш чӣ» сахт реша давондааст. Модаре ки худаш чашми хатхонӣ надорад, дар умраш китоберо ба нияти хондан ба даст нагирифтааст, чӣ гуна метавонад барои босавод шудани фарзандаш ҳавасманд ва ё саҳмгузор бошад.

Хулоса, имрӯз масъалаи маориф ва тарбияи насли наврас барои кишвари мо бояд масъалаи аз ҳама мубрам бошад ва дар ин кор чун ҷопонҳо мо ҳамагон масъулият ҳис бикунем ва худро вазифадор ҳисобем. Дар охир боз аз нависандаи

маъруфи рус Антон Чехов ёдовар мешавем, ки аз ҳоли ногувори муаллимони замони худ дилаш ба дард омада навишта буд: «Медонед, вақте ки ман ба муаллим рўбарў меоям, худамро ноҳинҳор ҳис мекунам – ҳам барои беҳуръатиаш, ҳам барои он ки либосаш фақиронаю рангаш зард аст, - ва фикр мекунам, ки ба фақирии ў худи ман ҳам то андозае гунаҳгорам… Бовар кунед, сидқан мегўям!»

Ҳар яки мо низ – новобаста дар кадом мансаб ҳастему ба кадом қишри ҳомеа мутаалиқем - бояд ба ҳолати имрўзаи соҳаи маориф, ба умеди пайдо кардани ризқу рўзии фарзандон сар ба кишварҳои дигар задани муаллимон, номи чунин як касби муқаддасро доғдор карда, ришва ситонидани устодон, дар даврахо поиншин ва дастнигар шудани омўзгорон худро андозае гунаҳгор ҳисобем ва азоби виҳдон кашем. Шояд, ки баъд ба чизе муваффақ шавем.

Соли 2010